ОДИНА МИРАК

# ЧАШМАИ ОФТОБ

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-5
М – 65

Муҳаррир
*Зиё Абдулло*

М-65 **Одина Мирак. Чашмаи офтоб.** Шеърҳо.
– Душанбе, «Адиб», 2008, 296 саҳ.

Дар «Чашмаи офтоб» Одина Мирак асосан шеърҳои дар панҷ-шаш соли охир офарида ва қисман ашъореро аз маҷмӯаҳои пешинаш интихобан фароҳам овардааст.

Меҳрнома, нурнома, инсон… инсон, Мӯъминободнома, арзи садоқат дар тафаккури шоир аз маънои маъмулиашон болотар ҷилва мекунанд. Беҳтараш, худатон хонеду баҳо диҳед.

ISBN-978-99947-57-31-2

© Одина Мирак, 2008.

*Дар «Чашмаи офтоб» хоҳам*

*Кас чеҳраи порсо бубинад.*

*Чун баъди вузӯ вуҷуди худро*

*Покиза зи нораво бубинад.*

# МЕҲРНОМА

*Ин ҷаҳон бе нур ҳай бенур буд,*
*Ин замин бе меҳр яхбандон будӣ.*
*Зиндагӣ бе иттифоқи ину он*
*Бадтар аз бадбӯтарин зиндон будӣ.*

## БАҲОРИ ИСТИҚЛОЛ

«Баҳор имсол хуштар менамояд,»
Гулу себарга дилбар менамояд.
Замини тоҷикон аз хуни тоҷик
Агар чанде, ки аҳмар менамояд.
Назар бар порсола, Тоҷикистон
Худоро шукр, беҳтар менамояд.
Ба он тоифаи дирӯз раҳгум
Хирад имрӯз раҳбар менамояд.
Ба гулшан ошиқонро ҷои навҳа
Гулу гулдаста бар сар менамояд.
Ба майдон марди деҳқон ҷои балво,
Зи меҳнат аз арақ тар менамояд.
Ба ҳар кас бингарӣ аз мард ё зан,
Бародар ё ки хоҳар менамояд.
Ба тоҷик тоҷике на душмани ҷон –
Ба ҷону тан баробар менамояд.
Забоне бо забоне дар такаллум
Ба таъми ширу шаккар менамояд.
Хусумат дар миёни одамон нест,
Халоиқ гарчи маҳшар менамояд.
Шукӯҳи суннати волои тоҷик
Ба ҳар кӯву ба ҳар дар менамояд.
Нигоҳе бо нигоҳе чун нафас гарм
Хирад бар ҷаҳл бартар менамояд.
Рухи ҳар дилбари пазмони Наврӯз
Ба сони лолаи тар менамояд.

1994 с.

## БАҶО ШУД

Дил бар қафаси сина зи нав омаду ҷо шуд, чи баҷо шуд,
Бо ҳолати пешина зи нав омаду ҷо шуд, чи баҷо шуд.
Баҳсе зи ҳақу ноҳақи ин давр, ки мерафт ба даврон,
Бар фоидаи ин дили хунгаштаи мо шуд, чи баҷо шуд.
Гул кард зи нав гулшани пажмурдаи ҷонҳои фусурда,
Афкори бади ҷинси зарарнок фано шуд, чи баҷо шуд.
Инсони зи каф дода ҳама манзалату қадр чу инсон,
Пурқадр аз он тоифаи бе сару по шуд, чи баҷо шуд.
Инсони ба сеҳре шуда аз зӯри замон кӯри замона,
Бино бишуду оинаи нуру зиё шуд, чи баҷо шуд.
Тоҷик чу як халқи бафарҳангу баномӯси қадимӣ,
Охир ба сазовор ба худ мартаба ҷо шуд, чи баҷо шуд.
Ин бод, ки сар то сари кишвар бивазад, гӯ, бивазад хуш,
Зеро ки ҷаҳонро сабаби нашву нумо шуд, чи баҷо шуд.
Дил бар қафаси сина зи нав омаду ҷо шуд, чи баҷо шуд,
Бо ҳолати пешина зи нав омаду ҷо шуд, чи баҷо шуд.

## ИСТИҚЛОЛ

Ман нагӯям, ҳон, ки истиқлол чист
В-аз куҷо бар Тоҷикистон омад он.
Ҳам нагӯям хуб ё бад бошад ӯ,
Меваи овардааш манзуратон:

Дар давоми беш аз сад соли пеш
Сад нафар тоҷик олам дида буд?
Сад нафар тоҷик дунёро ба чашм
Ростӣ, ки дидаву санҷида буд?

Дар давоми беш аз сад соли пеш
Кас магар аз дидаву бишнидаҳо,
Аз диёри дигарон мегуфт рост,
Чӣ, наметарсид оё аз ҷазо?

Дар давоми беш аз сад соли пеш
Балки аз он бештар садсолаҳо,
Хонаи бечора тоҷик гашта буд
Домани кӯҳу адиру ёлаҳо.

Шаҳру бумаш доду ҷонашро надод,
Обу нонаш доду номашро надод.
Дар ҷаҳон овора истиқлол кофт,
Фаршу аршаш доду бомашро надод.

Шуд замону шуд замонҳои дигар,
Тоҷики гумном болу пар гирифт.
Офтоб аз зери абр омад бурун,
Шӯҳрати он мулки Искандар гирифт.

Пас, дигар чун ақли озоду ҷасур,
Дар Милал[1] тоҷик раҳбар мешавад.
Дар Милал тоҷик мегӯяд Сухан,
Ҳампари хуршеди Ховар мешавад.

Пас, дигар чун мурғи бебоку далер
Мекунад парвоз тоҷик Ғарбу Шарқ.
То ҷаҳон бинад, бубинад рӯшанӣ,
Дар ҷаҳолат то насозад хеш ғарқ.

Пас, дигар дар зери гардуни баланд
Гимни тоҷик ҳар куҷо бидҳад садо.

---

[1] Ишора Миллали Муттаҳид

Ҳар кучо бар тораки гардун барад
Гимни точик шӯҳрати мо, шони мо.

Пас, дигар дар зери чархи нилгун
Парчами точик ҳар чо парфишон,
Ин диёри кӯҳсорони баланд
Аз баландиҳои инсонаш нишон.

Пас, дигар дар шаҳраги шаҳроҳҳо
Халқ, агар мастона чавлон мекунад.
Шак набошад давлати бедори ӯ
Мушкили ҳар мушкил осон мекунад.

Пас, дигар дар синаи дашту даман
Халқ агар мардона ҳайкал мекунад,
Ҳайкали насли забардастони худ,
Ӯ, яқин, ояндааш ҳал мекунад.

Ку дигар он кундаву завлонаҳо?
Чои онҳо роҳи оҳан то абад.
Дасту по дигар на дар банду каманд,
Аз паи тармими меҳан то абад.

Ку дигар он чоҳу зиндони махуф,
Ку дигар маҳбас саропои Ватан?
Чои онҳо гулшану гулзорҳо,
Чои онҳо нақбу кон ғулғулфикан.

Ин ҳама бунёди эчоди баланд,
Тифли навтавлиди истиқлол дон.
Ин ҳама парвози дуру дилписанд
Аз дурахшонии истиқлол дон.

## ПАРЧАМИ ВИҶДОН

Шеваат адлу адолатпарварист,
Миллати ҳимматбаландам, зинда бош!
Дар миёни аҳли олам кардаӣ
Сарбаланду арҷмандам, зинда бош!

Ваҳдати ту шӯълаи имони туст,
Ваҳдати ту парчами виҷдони туст.

Ҳаббазо, якҷону яктан гаштаӣ,
Ганҷи ранҷат бар каф омад, зинда бош!
Қатра будӣ гар, шудӣ баҳри дамон,
Бо ҳама ин қатраҳо поянда бош!

Ваҳдати ту шӯълаи имони туст,
Ваҳдати ту парчами виҷдони туст.

Аз саодат комрон гардидаӣ,
Аз саодат комронам, зинда бош!
Шӯҳраи рӯи ҷаҳон гардидаӣ,
Шӯҳраи рӯи ҷаҳонам, зинда бош!

Ваҳдати ту шӯълаи имони туст,
Ваҳдати ту парчами виҷдони туст.

## ИФТИХОР

Аз ин бартар надонам ифтихоре,
Ки ман дорам ба ҷон аз Оли Сомон.
Чароғе пурзиё дар зулмати даҳр,
Ба кунҷе бар раҳи мардум фурӯзон.

Чароғе не ҳамин дирӯзу имрӯз –
Ҳазору сад баҳорони гузашта.
Ки омад ин замон бар кулбаи худ
Аз он дунё ба монанди фаришта!

Чароғи хонадони Оли тоҷик,
Саропо тору пудаш моли тоҷик.
Ҷаҳонро рӯшанӣ бахшид, бахшид,
Ба нури фитрату афъоли тоҷик.

Чароғи хонадони Оли тоҷик,
Фурӯзон гар бишуд дар он замона.
Фурӯғаш аз макону аз замон рафт
Ба даврону макони бекарона.

Чароғе буд, машъал шуд дурахшон
Ҷаҳоне зулматистон з-ӯ мунаввар.
Замон чандон шукуфт аз он ки гуфтӣ
Ба нуру шӯъла шуд хуршеди ховар!

Чароғи хонадони Оли тоҷик
Бишуд нураш чу нури моҳу хуршед.
Халоиқро чунон роҳатрасон шуд,
Ки дар даври фалак гардид ҷовид.

Чароғафрӯзи нобиғ бо чароғаш
Зи қаъри асрҳо омад, чӣ зебо!
Ки афзояд шукӯҳи меҳани худ,
Ки бинмояд варо зебои дунё.

Аз ин бартар надонам ифтихоре,
Ки ман дорам ба ҷон аз Оли Сомон.
Чароғе пурзиё дар хонаи даҳр,
Нишони Оли тоҷикам фурӯзон.

## ЭЙ СУБҲ

Эй субҳ бигӯ, чӣ роз дорӣ?
Як олами беқиёс дорӣ.
Бо он ҳама умри кӯтаҳи худ
Рӯи ба ҳама шинос дорӣ.

Эй субҳ бигӯ, чӣ роз дорӣ?
Як олами бениёз дорӣ,
Ё аз садафи сафеди рӯят
Бар даҳр сари фароз дорӣ?

Эй субҳ бигӯ, чӣ роз дорӣ?
Як олами дилнавоз дорӣ.
Дар омаду рафти зиндагонӣ,
Бо гавҳари хеш ноз дорӣ?

Эй субҳ бигӯ, чӣ роз дорӣ?
Эй субҳ бигӯ, чӣ роз дорӣ?

## ЭЙ КОШ....

Эй кош, боз бинам рӯйи хуши баҳорон,
Тоқат дигар надорад ин ҷон дами зимистон.
Сардии рӯзгорон ҳар лаҳза мефизояд,
Кай гарм созад оваҳ, дар манзил умр, эй ҷон.
Сайри чаман ҳавас не, паймона мултамас не,
Кӯр аст раҳраву раҳ, дар зулмати шабистон.
Ман донаму висолаш, чун мекунам ба ҳолаш,
Бар дида гар биояд аз дида гашта пинҳон.
Сад ҷон ҳамеканад дил, сад хун ҳамехӯрад дил,
То заррае, Худоё, мушкил бигардад осон.

Бегона кард роҳат бар ҷону тан замона,
Ширин ба хоб ояд он рафта рӯзгорон.
Эй кош, боз бинам рӯи хуши баҳорон,
Тоқат дигар надорад ин дил дами зимистон.

## МЕҲРИ ВАТАН

Ман ҳамчу Ватан ёри вафодор надорам,
Чун меҳри Ватан меҳри пуранвор надорам.
Бо ёди Ватан тай бикунам рӯи ҷаҳонро,
Бе ёди Ватан қуввати рафтор надорам.
Аз фарш ба арш арчи равад шаъну шукӯҳам,
Ҷуз васфи Ватан шеваи гуфтор надорам.
Аз умр таманнои дигар нест маро, чун
Беҳтар зи Ватан мӯнису ғамхор надорам.
Он қадр Ватан сӯям азиз асту мукаррам,
Бо он ба ҷаҳон лаҳзае темор надорам.
Низам ба Ватан рӯй кунам баъди вафотам,
Дар зиндагӣ з-ӯ серӣ ягон бор надорам.

## ШИРИ НОПОК

Турфа коре, ин замон зан нашъамандӣ мекунад,
Бар худованду расулаш нописандӣ мекунад.
Шири покашро дигар нопок гардонад, дареғ,
Бар дифои худ агарчи чуну чандӣ мекунад.
Оби рӯ, ин гавҳари ноёбро резад, аҷаб,
Боз даъвои заниву дилписандӣ мекунад.
Ҷои кӯдак ӯ ба батнаш нашъаро бардошта,
Ҳамчу модар иддаои арҷмандӣ мекунад.
Бо даме васвосаи шайтону макри Аҳриман,
Соддагӣ бин, орзуи худписандӣ мекунад.

По ниҳодан бар баландиҳои ҳар фисқу фасод,
Бандаи поки заминиро баландӣ мекунад.
Аз азал зан худ ки поку покдоман будааст,
Куфри беҳад, гар ба қисмат ришхандӣ мекунад.
Як даме андеша мебояд ба ақлу маърифат
К-ин чунин кор оқибат бар кас нажандӣ мекунад.
Он ки метарсад зи қонун, чун натарсад аз худо,
К-ин ҳама найранги худро чашмбандӣ мекунад?
Зан агар ин аст, модар ин, Худоё, раҳмате,
Зиндагиро кӣ аз ин пас шаҳрвандӣ мекунад?

## ДАРДИ БЕДАРМОН

Ҷавонмардо, ба нашъа аз чи савдо мезанӣ худро,
Ғалат кардӣ, гар аз пиндори пайдо мезанӣ худро.
Нишину лаҳзае андеша кун, ӯ нест маъшуқа,
Ки сӯяш мисли як маъшуқи шайдо мезанӣ худро.
Намо дур аз сарат андешаҳои макри шайтонро,
Бишав оқил, ки бар ин варта ноҷо мезанӣ худро.
Ту дар ин гулшани зебо, ки бошад зиндагӣ номаш,
Гуле ноёбу яктоӣ, ба расво мезанӣ худро.
Аз ин заҳри ҳалоҳил гар чашидӣ, вой бар ҳолат,
Дигар асло намефаҳмӣ, куҷоҳо мезанӣ худро.
Ҷавонмардо, бидон, нашъа чунон ҳам офати наҳсест,
Зи як зарра ба дарди бе мудово мезанӣ худро.
Бисӯзад ӯ тану ҷонат чуноне оташи дӯзах,
Намеёбӣ раҳо, гарчи ба дарё мезанӣ худро.
Ало, эй сустпаймон, мекашӣ боре агар нашъа,
Дигар монанди девона ба саҳро мезанӣ худро.
Биандеш аз ниҳоду асл, в-аз имрӯзу фардоят,
Куҷо, бар ҷои ин мӯҳри чалипо[1] мезанӣ худро.

---

[1] Ин ҷо ба маънои расвоию беобрӯӣ.

Ба ин оинаи маърифати қалбат нигар боре,
Чи доной, вале симои коно мезанӣ худро.
Ту, охир, одамӣ-болобари маърифати дунё,
Чу маймуне ба майдони тамошо мезанӣ худро.
Ту, охир, одамӣ, бемислу бемонанд мавҷуде,
Чу нашъа мекашӣ, рӯзе ба савдо мезанӣ худро.
Ту, охир, байни мардум дар муҳити атрафшонӣ,
Сабукандеша гаштӣ, дар халоҷо мезанӣ худро.
Ҷавонмардо, ҷавонмардо, ҷавонмардӣ мадеҳ аз даст,
Ки аз ин олами зебо ба уқбо[1] мезанӣ худро.

## ШЕЪР БОЯД ГУФТ

Дар сари ҳар байт гарчи мешавӣ хуни ҷигар,
Дар сари ҳар нукта кам гардад агар нури басар,
Зиндагиро то бифаҳмӣ хубтар, марғубтар,
Шеър бояд гуфт,
Бояд гуфт шеър.

То харобободи ин дунё ҳама гулшан шавад,
То ҷаҳони тори инсонҳо ҳама равшан шавад,
То замин бахри ҳама як Модару Меҳан шавад,
Шеър бояд гуфт,
Бояд гуфт шеър.

То ҳақиқат дар ҳама олам забони дил шавад,
Тоҷи сар гардад садоқат, шӯру шар зоил шавад.
То таманнои дили инсон ҳама ҳосил шавад,
Шеър бояд гуфт,
Бояд гуфт шеър.

[1] Охират

## ДАРВОЗА МУБОРАК БОД!

Эй бод, бигӯ аз мо ҳар ҷо, ки равӣ бемо:
Бар маркази ин кишвар дарвоза муборак бод!
Ҳамранги Самарқанду ҳамсанги Бухоро шуд,
Ин шаҳри нави тоҷик, овоза муборак бод!

Тоҷик басомон шуд, з-иқболш ғазалхон шуд,
Ин бахт барои ӯ бисёр муборак бод!
Аз кардаи бигзашта сад бор пушаймон аст,
Кирдори савоби ӯ сад бор муборак бод!

Эй бод, бидеҳ парвоз ин ҳарфи башоратро:
Тоҷик ба худ омад, «куфраш ҳама имон шуд».
Беҳуш ба ҳуш омад, бехуд ба хурӯш омад,
Дар маъракаи ҳастӣ ҳампои далерон шуд.

Эй бод, бидеҳ парвоз аз мо ба ҷаҳон ин роз:
Тоҷик ба васл омад, дар хеш ба асл омад.
Дилдодаи ҷавҳар шуд, дилбастаи суннат шуд,
Онсон ки бузурги ӯ аз насл ба насл омад.

Бе дар ба ҷаҳон ҳар шаҳр олудаи бадномист,
Берун шудӣ аз ин саф, эй шаҳр муборак бод!
Чун шаҳри бадарвоза бар даҳр шудӣ шомил,
Шомил шуданат, эй ҷон, бар даҳр муборак бод!

Дарвозаи марказро дарвозаи миллат дон,
Дарвоза муборак бод, эй миллати мастурам!
Комил шавию омил, оқил шавию одил,
Ин аст маро мақсуд, ин дон ҳама манзурам.

Дарвозаи марказро, дарвозаи давлат гӯ,
Дарвоза муборак бод, эй давлати озодон.
Бикшой дари ҳастӣ, барбанд дари пастӣ,
То кишвари мо гардад бишкуфтаву ободон.

Дарвозаи марказро дарвозаи кишвар дон,
Дарвоза муборак бод, эй кишвари ранҷурам1
Бар он ҳама бигзашта, бишкаставу бигсаста,
Чун зарраи хоки ту мақсураму маъзурам.

Монанди Бухорои Исмоили Сомонӣ.
Навшаҳри Душанберо фардои дурахшон бод!
Он давлату дунёи Исмоили Сомонӣ,
Болои сари тоҷик ҳамвора парафшон бод!

Монанди Самарқанди машҳуру шарафмандам,
Ин шаҳри нави тоҷик манзур ба дунё бод!
Он давлату дунёи Исмоили Сомонӣ,
Бар оли баномусаш, к-эҳё шуда, эҳё бод!

Дарвоза муборак бод, эй халқи баномӯсам,
Эй он ки басе дарҳо бикшода дар ин дунё.
Эҳдо ба касон кардӣ, шайдо ҳамагон кардӣ,
Дар кӯҳу камар гаштӣ чун беватанон бе ҷо.

Дарвоза муборак бод, эй халқи шарафмандам,
Эй бар ҳама давронҳо зарринхати пайвандам.
Минбаъд ба даргоҳат, бар ҷони худогоҳат,
Ман роҳи касофатро мебандаму мебандам.

## АГАР МЕДОШТАМ ҚУДРАТ

Агар медоштам қудрат,
Сари роҳи аҷал бо шеър мебастам.
Чу ояд сӯяму хоҳад
ба ҷонам даст андозад,
Варо лутфи сухан,
ҳусни каломам об гардонад,
Шавад сармасту пас гардад.
Чу боз ояд,

Шарори оташи шеърам,
Бисӯзонад танаш, ҷонаш,
Намояд кӯр чашмонаш,
Шавад маъюсу пас гардад.
Агар медоштам қудрат,
Аҷалро бо суруду шеър мекуштам,
Ки гӯӣ бо дами шамшер мекуштам,
Чу ояд сӯяму хоҳад
ба ҷонам даст андозад,
Ба қасди ҷони ӯ шеърам
мисоли шер бархезад.
Агар медоштам қудрат,
Аҷалро ман аҷал мегаштаму мекардамаш беҷон,
Ки то бори дигар ҳаргиз насозад қасди
ҷони ман.
Ба серӣ то бубинам модарамрову диёрамро,
Ба серӣ то бубинам зиндагиро, ҳусни оламро.
Ба серӣ умр бинам, умри беафсӯси пур аз ҷӯш,
Бубинам бахти дунёиву
хушбахтии одамро,
Шавад ҳар қатраи хунам фидо бедоғ
бар мардум......

## СУРУДИ ДУШАНБЕ

Ин бахту саодатро,
Гӯед ба ман табрик.
Эй аҳли дилу дида.
Дуред ва ё наздик.

*Нақарот*
Исмоили Сомонӣ,
Ҷонбахши Душанбе шуд.
Ин нобиғаи даврон,
Шонбахши Душанбе шуд.

Аз қаъри қурун инак,
Омад ба канори ман.
То пушту панаҳ гардад,
Бар авҷу барори ман.

*Нақарот*

Ҳар ҳарфу ҳиҷои ӯ,
Гирем ба гӯшу ҳуш.
Бо мост чу ҳамқисмат,
Бо мост чу ҳамоғӯш.

*Нақарот*

Эй ҷадди бузурги мо,
В-эй доҳии поянда.
Чун хеш Душанбеят,
Бинмой намиранда.

*Нақарот*

Аз мо шарафу номус,
Аз ту хиради воло.
Хуштар зи Бухороят,
Созем Душанберо.

*Нақарот*

* * *

Нигоҳи сабз меххоҳам ба дунёву шару шӯраш,
Ки як зарра нагардад кам ҳамин симои пурнураш.
Бурун о, воиз аз масҷид, ҳавои хуш танаффус кун,
Набинад равшанӣ гар кас, бигӯяд мардумӣ кӯраш.

Замин зебост гарчанде, само зеботар аз он аст,
Қадам неҳ бар фалак, бинмо ба коми хеш маъмураш.
Қабои чаҳл пӯшидӣ ҳазорон сол, чӣ дидӣ,
Бисӯз он дар тани ҷонат, бикун аз хуни худ дураш.
Ба оина бубин худро, чӣ мебинӣ зи худ дар он,
Ҳама офардаи фазле, ки мехонӣ ту манфураш.
Мусулмоно, ба ҷуз тоат чӣ додӣ оламиёнро,
Ки гардӣ дар ҷаҳонҳо сарбаланду сахт мағрураш?
Дар ин дунёи зебо аз ту нақшеро намебинам,
Ки бошад лоиқи аҳсан, ки гардӣ масту махмураш.
Нигоҳи сабз мебояд ба дунёву шару шӯраш,
Ки ҷозибтар шавад симои беҳамтои пурнураш.

## ЁД БОД

Ёди сабзи дӯстдорон ёд бод,
«Ёд бод он рӯзгорон ёд бод».
Ёди гарми доду бедоди замон
Дар канори чашмасорон ёд бод.
Ҳақ ки ҳар як ноҳақиро мекушад,
Давраҳои ҳақгузорон ёд бод.
Умр гарчи бигзарад чун оби ҷӯ,
Оби ҷӯ андар баҳорон ёд бод.
Лутфу эҳсон хислати Пайғамбарист,
Хислатомӯзи ҳазорон ёд бод.
Умрҳо фахридаем аз шайху шоб,
Шайху шоби сабзи даврон ёд бод.
Дар ҷавонон аз ҷавониҳо намонд,
Он ҷавонии ба сомон ёд бод.
Ҳар ки сӯзад дур аз ёру диёр,
Тоҷикистон, гӯ, ба ёрон бод.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон,
Тоҷикистон,
Аз баландиҳои шаъну шони ту,
Ман баландиҳои даврон дидаам.
Аз булӯри чашмаҳои равшанат,
Равшании рӯзгорон дидаам.

Дидаам шебу дарози зиндагӣ,
Бори аввал аз баландиҳои ту.
Аз суботи қуллаҳот омӯхтам,
Ман суботи эътибору обрӯ.

Тоҷикистон,
Тоҷикистон,
Аз бузургиҳои фарзандони ту
Ман бузургиҳои инсон дидаам.
Аз саховатҳои бепоёни ту
Бекарониҳои Кайҳон дидаам.

Дидаам, бо давр ҳампо гаштаӣ,
Гарчи хурдӣ, бас тавоно гаштаӣ.
Ҷумла дилҳо ғамбарорат, чунки ту
Ғамбарори ҷумла дилҳо гаштаӣ.

Тоҷикистон,
Тоҷикистон,
Дода азму суботам, зинда бош,
Додаӣ панди ҳаётам, зинда бош.

## ТОБУТ

Ба деҳа аз ғарибӣ боз тобути ҷавон омад,
Касе дур аз Ватан мурду ҷасад аз ӯ нишон омад.
Падар, модар набуд ӯро, касе раҳбар набуд ӯро,
Раҳе дигар набуд ӯро ва бому дар набуд ӯро.
Ба уммеди раҳоӣ ёфтан аз марг ғурбат рафт,
Вале ғофил, ки бар чанголи марги бемурувват рафт.
Ҷавони навхати хушхулқухӯ, боobрӯ буд ӯ,
Саропо ишқу уммеду саропо орзу буд ӯ.
Ба ҷон мехост то бинад гулафшон Тоҷикистонаш,
Фаровон нозу неъмат, равшанистон Тоҷикистонаш.
Бубинад яктану хушбахти даврон халқи маҳбубаш,
Ба каф рӯзии алвонаш, ҳама омоли матлубаш.
Замоне дар Ватан буд ӯ, чу мурғи бечаман буд ӯ,
Ҳақиру дастубобаста ба чашми марду зан буд ӯ.
Ба афсӯсу надомат дида бар тобутҳо медӯхт,
Ба ҳар тобут беш аз дигарон лахти ҷигар месӯхт.
Ва садҳо бор мемурду ҳамоно зинда мегардид,
Ки тобути шиносашро ба чашми хештан медид.
Ҳазорон бор мемурду ҳамоно зиндатар мешуд,
Ки марги ҳамдиёронаш ба чашмаш бештар мешуд,
Ба ҳар тобут ӯ худро тасаввур дошт, вовайло,
Ҳамон соне ки дар тобут ӯ бинад касе худро.
Вале тобут афзояд, бубинӣ сахт бисёраш,
Агар чӣ мешавад ҳар бор кам тобутбардораш...

## БУТИ ФАРХОР

Базебу дилбару дилҷӯ,
Бути Фархор меояд.
Ба ранги моҳ ширинрӯ,
Чи хушрафтор меояд.

Бути Фархор афсона
Зи даври бостон дорад.
Ба васфи моҳи рухсораш
Фаровон достон дорад.

Камолу Носири Хусрав
Бути Фархор мегуфтанд.
Барои диданаш боре
Дуо бисёр мегуфтанд.

Низомӣ, Ҳофизу Саъдӣ
Аз ӯ обу адо буданд.
Бути Фархор агар шоҳ аст,
Ҳама онҳо гадо буданд.

Адои сарви дилҷӯяш,
Гадои лаъли нӯшинаш.
Адои моҳи тобонаш,
Гадои мӯи мушкинаш...

Базебу дилбару дилҷӯ
Бути Фархор меояд.
Ба сӯи ҷони муштоқон
Чи беозор меояд.

Каломаш ҳамчу ҷон ширин,
Саломаш боз ширинтар.
Аҷамзод аст, зеро, ӯ,
Забонаш шир бо шаккар.

Бути Фархор зебояст,
Вале Фархор зеботар,
Бути Фархор барнояст,
Басо Фархор барнотар.

Зи даври бостон ҳарду
Ҷамоли якдигар буда,
Ба маҳбубиву марғубӣ
Камоли якдигар буда.

Бути Фархори имрӯза,
Дили имрӯза Фархор аст.
Зи пешин беш фархунда,
Зи пешин пурхаридор акст.

Бути Фархори имрӯза
Кунад Фархор ободон.
Нағунҷад дар замин васфаш,
Барад овозааш кайҳон.

Базебу дилбару дилҷӯ
Бути Фархор меояд.
Зи саҳрое ба саҳрое
Чу пири кор меояд.

Насиме бӯяд аз рӯяш,
Замин бӯсад кафи пояш.
Замон фахрад, ки буду ҳаст
Бути Фархор зебояш.

## ЁДИ АЙЁМЕ

Ёди айёме, ки модар доштам,
Модари бо ҷон баробар доштам.
Он замона мисли хуш афсона буд,
Модари афсонаофар доштам.
Дар сарам андешаи дунё набуд,
Модари андешапарвар доштам.
Дилрабову дилкашу зебо будам,
Модарамро чунки дар бар доштам.
Меҳрубони мардумон будам агар,
Модар аз худ меҳрубонтар доштам.
Он қадар будам зи модар сарбаланд,
Дар ҳавояш гӯиё пар доштам.
Эътиборе бар табу тобам набуд,
Бо табу тобам паропар доштам.
Дарди сар гӯё, ки дарди сар набуд,
Давлати модар, ки бар сар доштам.
Дарди дил гӯё, ки дарди дил набуд,
Модари бар дил, ки сарвар доштам.
Ҳамчу ман хушбахт гӯё кас набуд,
Он замон модар, ки ёвар доштам.
Шаъну шонам буд аз нону намак,
То ба хонам нони модар доштам.
Аз кароматҳои модар ин ки пур
Лутфу эҳсони бародар доштам.
Дар замона гар замонам хуш гузашт,
Он замоне буд, модар доштам.
Ҷо намешуд бар дилам шеъри дигар
Шеъри модар то ки аз бар доштам.
Баъди модар ҷон надорам гӯиё,
Чунки бо ӯ ҷони дигар доштам.

## ЭЙ, БАРФ....

Дар шоми хамӯши шаҳри хомӯш,
Эй, барф, бирез бар сари ман.
Ором билағз бар сарӯ рӯй
Монандаи дасти дилбари ман.

Ҳамдасти насими бесару по,
Бар мӯи сарам ту шона мешав.
Бо силаи нарм-нармаки худ
Бар сози дилам тарона мешав.

Бо силаи нарм-нармаки худ
Афган зи сарам ғами ҷудоӣ.
Бошад, ки зи ҳабси ҷон биёбам
Мардонасифат даме раҳоӣ.

Дар шоми хамӯши шаҳри хомӯш,
Монандаи дасти далбари ман,
Эй, барф, сарам ту сила мекун,
Дур аст чу дилбар аз бари ман.

## БАРФИ СИМИН

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Пар ба сарви қомати дилбар занад.
Аз қафои чодари барфи сафед,
Чашми дилбар шӯъла чун ахгар занад.

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Бар сари долу дарахтон сар занад.
Шохае бораш набардорад агар,
Худ ба дӯши шохаи дигар занад.

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Модари ман бо ҳавас мухпар занад.
Нӯши ҷонҳо то қурутобаш шавад,
Остину дасти ҳиммат бар занад.

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Сурате дилҷӯй бар манзар занад:
Кафтарони сулҳ гӯйӣ бо навид
Села-села худ ба бому дар занад.

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Ҳар диле хоҳад, ки он пуртар занад.
Кӯдакии беқарору шӯху шанг,
Рӯй-рӯяш лағзи пову бар занад.

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Бар замин нақши зару зевар занад.
То баҳорон аз дили нарми замин,
Киштаи деҳқон саросар сар занад.

Зарра-зарра барфи симин пар занад,
Пар ба боми хонаву манзар занад.
Бар дили ман он қадар бахшад умед,
Бахт гӯйӣ бар замин чодар занад.

## МАЗОРИ БЕШАФОАТ

Мазори бешафоат, ҳасрато, имрӯз бисёр аст,
Мазори бешафоат ҳамрадифи шахси мурдор аст.
Мазори бешафоат мефиребад одаму олам,
Ҳамеша, то замоне дар мақоми хеш подор аст.

Мазори бешафоат лутфу эҳсони касе набвад,
Мазори бешафоат амру фармони касе набвад.
Мазори бешафоат дар ниҳодаш тухмае дорад,
Ки ҷуз дар он чунин тухма ба виҷдони касе набвад.

Мазори бешафоат! Ҳай дареғи одамизода,
Ки рӯҳи бесалоҳаш оби рӯйи хешро дода.
Ҳамон соне, ки баъзе зиндаҳои бандаи курсӣ
Зи шаъну эътибори одамӣ бар дур афтода.

Мазори бешафоат ҳамрадифи шахси мурдор аст,
Вале дар зиндагӣ, афсӯс, ин сон шахс бисёр аст.
Надорад ӯ шафоат заррае, ҳар гаҳ зарур ояд,
Наорад заррае суде, ки вақти марг даркор аст.

## МАМЛАКАТИ ДУРӮҒИН

Хоб дидам, дар диёре зиндагӣ дорам, ки он
Бо дурӯғу фитна гардидаст машҳури ҷаҳон.

Сарвараш бо сарбаландӣ сайри олам мекунад,
Мардумаш дар бенавоӣ ҷони ширин меканад.

Сарвараш минбар ба минбар гарм мегӯяд сухан
Аз саодатҳои рӯзафзуни халқи хештан.

Аз фаровон неъматии кишвари ҷононааш,
Кишвари дар зебу зиннат гавҳари якдонааш.

Аз шафоатҳои давлат пуршарар гӯяд сухан,
Аз фароғатҳои миллат аз ҷигар гӯяд сухан.

З-инкишофи илму ирфон он чунон гӯяд сухан,
К-аз шуниданҳои он бикшода мемонад даҳан.

Аз табобатҳои муфту аз рафоҳатҳои муфт.
Аз латофатҳои муфту аз назокатҳои муфт...

Алғараз, ӯ кишвараш он қадр бардорад баланд,
Мисли он гӯё дар олам нест ҷое дилписанд.

Дар ҳақиқат ҳол, аммо дигару гап дигар аст
Зодайи ин марди майдон бадтар аз хокистар аст.[1]

Зиндагиро мардумаш умре гадоӣ мекунанд,
Дар биёбони ғарибӣ бенавоӣ мекунанд.

Шаҳру деҳот аз гадо пур, дашту саҳро аз гадо пур,
Мулки дилҳо аз гадо пур, рӯйи дунё аз гадо пур.

Дар ғарибӣ меканад ҷон бандаи овораaш,
Аз пайи як луқмаи нон, то бигардад чораaш.

Духтураш беморро бо пул табобат мекунад,
Гар надорӣ молу пул, тарки саломат мекунад.

Хонаи пурмакру найранг аст мактаб, мадраса,
Лонаи ашхоси бенанг аст мактаб, мадраса.

Ҳоли зори илму дониш кас ҷигархун мекунад,
Он ки мебинад мудомаш, зиндагӣ чун мекунад?

Дар диле, ҷоне намебинӣ нишони ростӣ,
Ҷуз ба макру шайтанат, рӯҳу равони костӣ.

Аз муҳите инчунин шармовару зиқу палид
Аз диёри макру найрангу дағои каснадид.

Во раҳидам, эй хушо, бедор гардидам зи хоб,
Хешро дидам канори кишвари оличаноб!

---

[1] Ишора ба байти машҳури:
Зода агар чи ҳаме хокистар аст,
Вусмаи чашми падару модар аст.

## МУБОРАК!

Ин бахту қисмати нав бар деҳқон муборак!
Бар деҳқони мулки пуршаъну шон муборак!
Ин хоку ин замин шуд ҷону ҷаҳони деҳқон,
Деҳқони ин заминро ҷону ҷаҳон муборак!
Қадре агар набудат, фахре агар набудат,
Деҳқон, расида қадрат то Каҳкашон, муборак!
Аз ҳикмати ту хоҳем, аз ҳиммати ту хоҳем
Бошад замини деҳқон то ҷовидон муборак!
Бар тан равони одам-хуни равони одам,
Эй, бар заминт обу хуни равон, муборак!
Ҳосил зи ранҷи инсон, гӯянд ганҷи инсон,
Ин ранҷу ганҷи инсон бар деҳқон муборак!

## РАҚҚОСА ВА ШОИР

Шоири ширинкаломе базми як раққоса рафт
Шоири машҳури кишвар,
Базми як раққосаи шаҳр.
Шаҳр маълум,
Қаср машҳур,
Ҷодаву гулгашт гулгун,
Шоир аз толор мафтун.
Э, наход ин кишвари ӯст
Аз сари нотоҷдида,
Кишвари тороҷдида,
Ин қадар оливу зебо:
Парниёни мармар олӣ,
Хӯшаҳои гавҳар олӣ,
Нури хуршеду маҳ олӣ,
Баҳ-баҳ, олӣ, ваҳ-ваҳ, олӣ!
Рақс, инак, рақс сар шуд,

Саҳна ахтарзори дилбар
Халқ ҷоду, базми афсун,
Шӯр ҳамчун рӯзи маҳшар
Дар ҳаво омад ба пар-пар
Ончунон бисёру бисёр,
Села-села чун кабӯтар,
Балки мисли беадад барги хазон
Ё чу барфи лак-лакӣ аз осмон.
Дар ҳаво омад ба пар-пар
Ҳеҷ на ину на он-
Пул ба рӯи одамон!
Ончунон мерехт, мерехт,
Ақлу ҳуши шоир аз худ мегурехт.
Чашми ӯ мезад сиёҳӣ,
Шеър мегуфт аз табоҳӣ.
Ҳамчунон мерехт пул, мерехт пур,
Бар сари раққосадухти пулшумур.
Бод аз он пулҳо фурӯ мерехт гоҳ
Бар сару рӯи адиби гиҷу виҷ.
Ӯ вале ҳар дафъа метарсид аз онҳо,
Ӯ вале ҳар дафъа меларзид аз онҳо.
Ӯ ки нафрат дошт аз шайтони зард,
Хоса аз ин сон ривоҷи коркард.
Аз бари худ ронд пулҳо ҳар чи дид,
Ончунон ки кас зи худ ронад палид.
Бори охир дид ӯ парвози пул,
Шуд нафс андар гулӯяш тангу хест,
Кори шоир роҳате ингуна нест....
Рӯзи дигар шоири аз шаб малӯл,
Дид дар кафши чапаш часпида пул.
Шод гашту худ ба худ хандида гуфт:
Медмҳад касро худо гаҳ-гоҳ муфт.
Андаке не, мерасад бар нони чошт,
Шоири ширинкалом онро надошт.

## ГАНДАПИР

Касе ӯро зи дунболаш садо кард.
Биистод ӯ,
Ба дунболаш ниго кард.
Само обӣ,
Замин сар то ба по сабзу гулобӣ.
Ҳар он чи чашм бинад, ҷон шавад рӯшан,
Ҳар он чи ҷон бубинад, чашм гирад нур.
Зи дунболаш ба рӯи ӯ шиноси дур меомад.
Салом, ай шоири якто
Ва донишманди беҳамто!
Аҷаб, ҳай пир гаштастӣ.
Намонда рангу рӯят ҳам
Ба гирдоби шикастастӣ.
Хаёлам, дар дами олам.
Дигар гуфтори бисёре,
Ҳама неше, ҳама хоре.
Вале ӯро намедид ӯ,
Вале ӯро намебишнид.
Дигар ин лаҳзаҳо, балки
Басо равшан, басо возеҳ
Ҳамедиду ҳамебишнид соле пештар аз сӣ
Ҳамин ҳарфи ҳиҷоро бе каму бе кост
Ба унвони бародаршоираш мегуфт пайваста.
Ва он бечораро хуни ҷигар мекард,
Зи қолаб ҷони ширинаш бадар мекард.
Ба теғи, гандапирӣ, ту, бародар,
Бародарро бикушт охир бародар.
Ва дигар ҳам басеро хонавайрон кард,
Ва дигар ҳам басеро нобасомон кард.
Ва дигар ҳам басеро кард бемор,
Басеро аз ҷаҳон безору нофор....
Кунун имрӯзҳо чандест
Аз ӯ хешон ҳама дилмонда гашта,
Зи фарзандону ҳамсар ронда гашта.

Кунун ӯ зиндагӣ дорад на инсонвор,
Кунун ӯ мезанад ҳар сӯй ҳамчун мор.
Шиноси дур ё наздикро ҳар ҷо
Ба шавқу шӯр истиқбол бигрифта
Ва ё дунбол бигрифта,
Ба ҷони ӯ шаку шӯбҳа кунад эҷод,
Барорад гандапираш бо ҳазор исбот.
Худи ӯ завқ мегирад аз ин гуфтор,
Надонад, гандапирасту азалбемор.

## БӮҚАЛАМУН

Ҳафтод соли Шӯравӣ
Ҳафтод мулк обод кард.
Ҳафтодҳо милиён башар
Аз бандагӣ озод кард.

Ҳафтод соли Шӯравӣ
Тарҳи ҷаҳон дигар намуд.
Аз партави фазлу хирад
Бар осмонҳо раҳ кушуд.

Ҳафтод соли Шӯравӣ
Хондӣ ту тахту бахти худ.
Андар ду дунё каснадид
Ҷонро гуворо рахти худ.

Неку шароби орзу
Дар соғари ҳастии мо,
Ҳафтод соли Шӯравӣ
Гуфтӣ ҳамеша, ҳар куҷо.

Аммо кунун наҳ мезанӣ
Ҳафтод соли Шӯравӣ,
Он дар замину осмон
Нақшу нигори монавӣ

Боре нагӯйӣ худ кийӣ,
Бар мардумӣ чӣ додайӣ.
Ё аз пайи номардумӣ
Рӯзе ба дунё зодайӣ?

Дар олами якто аҷаб
Рӯйи фаровон бошадат,
Он рафтани ҷон аз бадан
Медон, на осон бошадат.

## ЁРИ ДИЛ

Дардманде рафт пеши сад табиб,
Пеши сад муллову эшон ҳам бирафт.
Лек дардаш гашт афзунтар зи пеш,
Каҷ бишуд ӯро ҳама андому афт.

Дод сармоя ҳар он чи дошт ӯ,
Қарз ҳам бигрифт аз мардум басе.
То сиҳат ёбад, шавад хушбахту шод,
Хештанро то ки бишморад касе.

Барҳадар буд он ҳама ҷаҳду талош
Дардманди музтари бечораро.
То даме, рӯзе баромад аз раҳаш
Меҳрубон ёре ба мисли Мустафо.

Ӯ табибу шайху муллое набуд,
Ҳам забардастеву мавлое набуд.
Ӯ саропо ёри дил буд, ёри дил,
Мӯ ба мӯ ғамхори дил, дар кори дил.

Бо сухан ӯро табобат кард ӯ,
Бо сухан ӯро саломат кард ӯ
Бо сухан мӯъҷизаи пайғамбарӣ,
Ҳам наҷодат, ҳам наҷобат кард ӯ.

Шарбати оби ҳаёташ дод ӯ,
Аз фано гаштан наҷоташ дод ӯ.
Бар бисоташ нури хуршед оварид,
Аз бисоташ одами нав офарид.

## РӮЪЁ

*дар пояи ҳайкали ҳаким Фирдавсӣ*

Ҳазрати Фирдавсии волотабор
Дар Душанбешаҳр қад афрохта.
Он қадар зебо нигоҳаш, ҳайаташ,
Гӯйӣ оламро зи нав бишнохта.

Ман зиёрат бори дигар омадам
Ин даҳои шеъри оламгирро.
То ба рӯҳи ҷовидонӣ ҷаннатиш,
Фол бинам боз ҳам тақдирро.

Ман зиёрат бори дигар омадам,
То зи меҳраш ҷону дил равшан кунам.
Баски донам дастнорас донишаш ,
Ҳикмати ӯ бар танам ҷавшан кунам.

Рӯ ба рӯи бихрадаш зону задам,
Бар ҷаҳони бетагаш рафтам фурӯ.
Бо забони безабонӣ ҳар чи буд,
Бо худу бо ӯ шудам дар гуфтугӯ.

Зеҳн мондам, хира гардидам ба рӯш,
Хира гаштам, хира гаштам ончунон,
Лаҳзае дидам, ки ҳаргиз кас надид,
Ҷуз ба хоб андар ҷаҳони ҷовидон.

Зинда шуд ӯ, зинда шуд мӯъҷизавор,
Пайкараш ҷунбиду раҳ шуд пои ӯ.
Монд ҷои пайкараш як шӯъла нур,
Шӯълае сар барзада аз рои ӯ.

Баъд, ӯ чун баъд аз хоби гарон
Чашми ҳайрат дӯхт бар пасту баланд.
Чашми ҳайрат бар чапу бар рост дӯхт,
Ҳолаташ болида гаҳ, гоҳе нажанд.

Ин на он шаҳрест, будам,-гуфт ӯ,
Ин на он дунёст, ман мехостам.
Пур зи соил, пур зи ҷоҳил, пур зи макр,
Чун намирад мардуми оқил зи ғам!

Ин ҷаҳони ғажд чун ҳосил шуда,
Аз фасоду фисқ дил комил шуда.
Тору пуди рӯзгори босафо,
Барҳаму дарҳам шуда, ботил шуда.

Устодо, ҳазрато, – гуфтам далер,
Тӯс не, ин ҷо Душанбешаҳри туст.
Он чи бинӣ тахту бахти диданӣ,
Бо фаросат қатрае аз баҳри туст.

Ту ҷаҳон бинӣ ба он чашми хирад,
Ки замоне Рӯдакӣ хуш гуфта буд.
Дар нигоҳат ман бубинам ин замон
Дурри мақсуде, ки ӯяш суфта буд.

Дар нигоҳат ман маломат дидаам,
Аз «парешонҳоливу дармондагӣ».
Аз ҳавои фақрбори рӯзу шаб
В-аз навои бесару бар мондагӣ.

Дар хаёлам, дидаи армони ту
Одаму олам тагу рӯ мекунад.
То бисозад киштие дарёгузар,
Аслтар аз мо такопӯ мекунад.

* * *

Ту, яқин, ошуфтаӣ аз рӯзгор,
Рӯзгори мо зи ту ошуфтатар.
Лола меборем бар пои ту мо,
Ту, вале аз ҳоли мо хуни ҷигар!

Устодо, ҳазрато, – гуфтам, дигар
Нест моро ҳоҷати будан нажанд.
Ин диёр аз ин сипас бо мардумаш
Сарфароз аз раҳмати Ҳақ мешаванд.

Чун кушодам чашм аз ин гуфтугӯ,
Ҳайкали беҷону худ дидам чу он.
Интизори раҳмати парвардигор,
Ранҷ дар дил, ҳарфи ширин дар забон...

## ҚИССАИ ТАНҲОӢ

Гул гуфт ба хори паҳлӯи худ;
Аз ӯй, магар ки дар зиён буд.
Неше ки зи чор сӯ кашидӣ,
Озодии ман ба ман даридӣ.
Хораш ба карашма дод посух:
Нозук шудаӣ, рафиқи фаррух.
Дониста раво надидам инро,
Баҳри ту сазо надидам инро.
Ларзид танам зи тунд боде,
Аз бод чунин ҳазор доде.
Аз зарбаи ӯ шудам парешон,
Афтодаму хестам чу мастон.
Инак, паи узр омадам ман,
Чун дӯст нахоҳамат ба душман.
Бо ханда гулаш чунин бигуфто:
Ту хорию ман арӯси гулҳо.
– Оре, ки чунин бувад, вале дон
Бе хор гуле надида инсон.

Ҳарчанд ки мо гулему хорем,
Як реша ба хоку об дорем.
– Дар домани дашту боғу гулшан,
Дар қабзаи марду кӯдаку зан,
Гул гарчи баиззат аст бисёр,
Не ғофилам аз муҳаббати хор.
Дар пушти дару фарози девор,
Дидем басе ҳисори гулхор.
То чашми бахилу бад шавад кӯр,
То раҳ набарад ба хона манфур.
– Ман лутфи туро сипос дорам,
Лек аз гилаи ту лек беқарорам.
– Он шиква магӯй, ҷон бародар,
Буд малҳами дарди ин гули тар.
Танҳоии ман ба ҷон расида,
Хун дар баданам, нигар дамида.
Бе ҳамнафасе нафас бишуд танг,
Бе марҳами роз дил бишуд санг.
Сад шукр, шудӣ маро ту ҳамдам,
Додим раҳо зи ғуссаву ғам.
Эй войи касе, ки монд танҳо
Як лаҳза дар ин ҷаҳони зебо.

## ҒАМ МАХӮР

*(Танз)*

«Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махӯр».[1]
Ҳар ки рафта, боз ояд Тоҷикистон, ғам махӯр,
Оварад пул, мешавад доллар фаровон, ғам махӯр.
Гар ҳамегӯӣ, гадоӣ бошад ин зар, хайр, чӣ,
Бо гадоӣ мешавад олам гулистон, ғам махӯр.
Мардикорӣ рафт фарзанду падар з-олам гузашт,
Бе падар ҳам кори ӯ ояд ба сомон, ғам махӯр.

---

[1] Мисраъҳои дар нохунак буда моли Ҳофизанд.

Зор менолӣ зи фақру тавба камтар мекунӣ,
«Доиман яксон намонад ҳоли даврон, ғам махӯр».
Гар задӣ савдову хӯрдӣ он чи монд аз Шӯравӣ,
Боз меояд замоне хуштар аз он, ғам махӯр.
Рост меояд ба як марди ғанӣ шашсад фақир,
Мушкиле набвад нагардад ҳеҷ осон, ғам махӯр.
Рӯзии бечорагон, ки «хайрия» номаш бувад,
Хайр мегардад ба сарватманд мардон, ғам махӯр.
Бенавоӣ тӯда-тӯда гарчи бар гӯрат барад,
«То бувад вирдат дуъову дарс Қуръон, ғам махӯр».

## НАСИҲАТ
*(Танз)*

Ман адиби бас бузургу хоксору беназирам,
Устоди яккатозу дурбину сахтгирам.
Чун қадам беҳад дароз асту сарам афзун баланд,
Фикрҳоям дакка бар торуми гардун мезананд.
Гуфтани дарди халоиқ ҳамезебед маро,
О, қазоват худ намоед, ӯ куҷову ман куҷо!
Чун адиби бас бузургу хоксору беназир,
Устоди яккатозу дурбину сахтгир,
Доиман бояд зи аҳди бостон гӯям сухан,
Ғолибан аз ресмон то осмон гӯям сухан.
Он на ман бошам зи марги халқи худ ҳарфе занам,
Ин манам, к-ин содагӣ бар қарни дигар афканам.
Ман зи мавзӯи замон сарфи назар бояд кунам,
Бар ҳарифонам дар ин сабқат зафар бояд кунам.
Дардҳои ин Ватан бе мову ман ҳам бигзарад,
Он ки бинвисад чунинро кас адибаш нашмарад.
Он на ман бошам кунам беқадр истеъдоди худ,
Дар мазаммат ё сифоти ҷумла вою доди худ.
Чун адиби бас бузургу хоксору беназир,
Устоди яккатозу дурбину сахтгир,
Маслиҳат дорам, тараннум олами фардо кунед,
Ёд аз чархи барину гунбади мино кунед.

Аҳли фаҳмӣ, ғам мадеҳ ҷони азизатро басе,
Тухми анқоро надида дар ҷаҳон ҳоло касе.
Аз ҳақиқат дам мазан в-аз ростӣ ҳарфе магӯ,
Зиндагӣ кардан бихоҳӣ, зиндагониро маҷӯ.

## ГИРДБОД

Аз дашт нидо хезад,
Монанди бало хезад.
Як машғалаи мудҳиш
Дар субҳи сафо хезад.

Шӯру шағабе беҳад,
Рамзи аҷабе беҳад.
Печида ба ҷони ҳам
Наслу насабе беҳад.

Одигии бодаш бин,
Бо шеваи аҷдодӣ.
Пурзӯр раво бинад
Бар суст чи бебодӣ.

Ҷуз ӯй ҳама тарсон,
Ҷуз ӯй ҳама ларзон.
Охир, ки шавад мағлуб
Он васвасаи шайтон.

Аз бод нишоне не,
Аз дод нишоне не.
Ҳарчанд ба бедодаш
Дар даҳр забоне не.

Дилҳо ҳама хандон боз,
Гулҳо ҳама хандон боз.
Дашту дамани зебо,
Дунё ҳама хандон боз.

## РОҲИ СУХАН

Суханам, эй суханам, эй суханам!
Ту, ки як пораи имони манӣ,
Ту, ки як қатраи хуни ҷигарам,
Балки як зарраи виҷдони манӣ.
Ҳеҷ роҳи сафарат медонӣ?
Қувваи болу парат медонӣ?
Суханам, эй суханам, эй суханам!

Суханам, эй суханам, эй суханам!
Ту, ки ойӣ бадар аз қаъри дилам,
Ту, ки тавсиф кунӣ обу гилам,
Ту, ки бар дидаи ҳам душману дӯст,
Аз ману кишвари ман гардӣ алам,
Ҳеҷ роҳи сафарат медонӣ?
Қувваи болу парат медонӣ?
Суханам, эй суханам, эй суханам!

Суханам, эй суханам, эй суханам!
Манам он пораи имони Ватан,
Манам он зарраи виҷдони Ватан,
Ин Ватан ҳаст саробони дилам,
Дили ман ҳаст саробони Ватан.
Бираву арз намо ин суханам,
Ба ҳама мардуми дур аз Ватанам,
Суханам, эй суханам, эй суханам!

## ДАРВЕШ

Дар мулки пурташвиши мо,
Дар шаҳри бедарвеши мо,
Дар як пагоҳи бесафо
Дарвешаке пайдо бишуд.

Бар диданаш нодидаҳо,
Аз қиссаҳо бишнидаҳо,
Бишнидаву хандидаҳо
Аз ҳар даре пайдо бишуд.

Қад калтаву риши дароз,
Дастор – се даҳ ҷонамоз,
Анбон мисоли дорбоз,
Бар пушт ӯ ҳар ҷо бишуд.

Пову қадам кӯйи ба кӯ,
Ҳарфу сухан ҷӯйи ба ҷӯ,
Аз ҳақ рақам рӯйи ба рӯ
Ҳарчанд беозор буд.

Бар дидани рафтори ӯ,
Бишнидани гуфтори ӯ,
Фаҳмидани пиндори ӯ
Ҳар бандае шайдо бишуд.

Бигзашт соле чанд аз ин,
Дар кураи зебо замин,
Шуд Тоҷикистон нозанин,
Роҳаш ҳама сӯ во бишуд.

Дарвеш дар ёде намонд,
Гӯйӣ диле шоде намонд,
Мурғи бафарёде намонд,
Вазни хирад боло бишуд.

Аммо ҷамоат бехабар
Аз макри даҳри бадгуҳар,
Дарвеш шуд кулли башар,
Дар ин диёри хушнамуд.

Дар мулки беташвиши мо,
Дар шаҳри бедарвеши мо,
Бо «зинда бод»-у «ҳурраҳо»
Мардум ҳама дарвеш шуд.

## КӮҲИ ХОҶАМӮЪМИН

Ин кӯҳи намак, кӯҳи намак, кӯҳи намак бин,
Дар қаъри замин решаву сар авҷи фалак бин.
Бар ҳамватанон ҳайати ӯ панд бигӯяд,
Панд аз ҷигари пири хирадманд бигӯяд;
Чун ҳар нафасу ҳар қадам, эй ҷон, хатаре ҳаст,
Бар хок давон реша, туро гар басаре ҳаст.
Аз ҳиммати ӯ кони намак кӯҳи сафо шуд,
Бунёди вуҷудаш зи самак то ба само шуд.
Дар даври фалак бас чи фузун кас намакаш хӯрд,
Бегона, ки буд бенамак, эй бас намакаш бурд.
Аз хӯрдану аз бурдани ғорат ба чапу рост,
Кай кост, ки шуд бештару беш қад орост.
Аз ҳиммати ӯ қомати ӯ нашъу намо ёфт,
Аз ҳимати ӯ давлати ӯ умри бақо ёфт.
Ҳар он ки аз он хӯрд, бишуд бонамак инсон,
Ҳар он ки аз он хӯрд, бишуд сахт бавиҷдон.
Дар хоки Ватан реша ки дорад, нашавад кам,
То аз Ватан андеша ки дорад, нашавад гум.

## БАРФ

Эй барф, хушо сафед борӣ,
Ҳай лаззати дилфиреб дорӣ.
Ман бар сари ту, ту бар сари ман,
Кайф аст, аҷаб, қадамгузорӣ.

Ман бар сари ту, ту бар сари ман,
Эй, барф, бибор то тавонӣ.
Ман бар сари ту, ту бар сари ман,
Орем ба ёди худ ҷавонӣ.

Эй барф, маро бипӯш яксар,
Эй, барф, бинӯшамат саропо.
Ҳар қадр бирезӣ, бар сарам рез,
Ту сард макун, вале диламро.

Эй барф, бибор то тавонӣ,
Ҳар пасту баланд кун баробар.
Ҳар қадр бибориву биборӣ,
Он қадр ҷавон шавам, ҷавонтар.

Ман бар сари ту, ту бар сари ман,
Ман бо ту ҷавони сарсафедам.
Ман бо ту мисоли қуллаи кӯҳ,
Эй бахт, расон ту бар умедам!

* * *

Ман хаёлан раҳ ба раҳ хайру саховат мекунам,
Ҳам бузургонро хаёлан ман зиёрат мекунам.
Раҳ ба раҳ худхоҳро гӯям раҳи гумроҳро,
Гар бисӯзам таҳ ба таҳ, хайру саховат мекунам.
Гар бубинам ҳар куҷо як фарди сарсону гадо,
Бесахоро раҳ ба раҳ дар дил маломат мекунам.
Пас намегардам аз ин роҳе, ки дорам меравам,
Бо ҳарифони мураккабхӯ мурувват мекунам.
Мардуми тоҷикро дидан гулафшон орзуст,
Бар камоли орзу арзи садоқат мекунам.
Бо суханпардозу ширинкорҳо моил наям,
Жожгуёнро ба садҳо жож лаънат мекунам.
Сабз хоҳам зиндагиро, сабз гардад то замин,
Ман замину осмон бар рушд даъват мекунам.
Сабз мехоҳам забону сабз рӯҳу ҷону тан,
Ҳамзабониҳои ин ҳар чор ваҳдат мекунам.
Сабз хоҳам набзи набзу сабз хоҳам мағзи мағз,
Сабзхоҳӣ мекунам, то сабз роҳат мекунам.

## НАВРӮЗӢ

Хуршед, ки дар бурҷи шараф роҳ бигирад,
Деҳқон ҳама хуршед ба каф роҳ бигирад.
Чун Даҷла хурӯшон дили пазмони баҳорон
Равшан зи садаф сӯйи ҳадаф роҳ бигирад.
Деҳқон, ки ба хуршед расида шарафи ӯ,
Саҳро ба наю чангу ба даф роҳ бигирад.
Аз домани ҷон дона фишонад ба чапу рост,
Бо ҳукми қазо пой ба саф роҳ бигирад.
Деҳқон, ки беҳин ризқрасони башар омад,
Хуршед ба каф бурҷи шараф роҳ бигирад.
Ҳар донаи пошида чу ҷон аз ҷигари хок
Афзун бишавад, чор тараф роҳ бигирад.
Деҳқон, ту амирӣ, ту кабирӣ, ту яминӣ, ту ясорӣ,
Бо ту ҳама бо шӯру шааф роҳ бигирад.

## НАВРӮЗ ШУД

Наврӯз шуд, наврӯз шуд,
Аз хонаҳо берун шавем.
Саҳро ба саҳроҳо давем,
Аз бӯйи гул мафтун шавем.

Аз тангно паҳно равем,
Аз заррае дунё шавем.
Аз худ бурун гардем, то,
Аз қатрае дарё шавем.

Дай дӣ ғаме андак надод,
Се моҳ сӣ мушкил бизод.
Бар мардуми оринажод
Ибрат шавад, ин умрбод...

Ҷонро ба саҳроҳо занем,
Хонро ба саҳроҳо занем.
Ҳар донаву дони насиб
Имрӯз бар фардо занем.

Наврӯз шуд, дил во кунем,
Асрори ҷон ифшо кунем.
Ҳар пастро боло барем,
Худро ба олам ҷо кунем.

Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Андар наво булбул шавем.
Бикшодарӯ, хушрангу бӯ,
Чун дастаи сунбул шавем.

## СОЛИНАВӢ

Боз як соли ҳаёти мо гузашт,
Боз як солем мо солортар.
Дӯстони нав ба нав дарёфтем,
Боз гардидем мо бисёртар,
Соли нав бодо муборак, дӯстон!

Боз як сол аз раҳи дунё гузашт,
Ҳамсафонеро агарчи бохтем.
Дар дилу дида зи ёди некашон
Ҳайкали меҳру садоқат сохтем.
Соли нав бодо муборак, дӯстон!

Боз як соли зафармандӣ гузашт,
Давлати мо бештар пурзӯр шуд.
Аз шӯои офтоби субҳи нав,
Зиндагонӣ бештар пурнур шуд.
Соли нав бодо муборак, дӯстон!

Боз як соли фараҳмандӣ гузашт,
Тоҷикистон гашт аз нав зарфишон.
Буд машҳуру бишуд машҳуртар,
Аз шуҷоатҳои марди деҳқон.
Соли нав бодо муборак, дӯстон!

Боз як соли ҳаёти мо гузашт,
Соли бахти тозае эҳё кунем.
Дасти некӣ дода бар кулли башар,
Дӯстиро парчами дунё кунем.
Соли нав бодо муборак, дӯстон!

## РУҶӮИ ДУШАНБЕ

Ман, ки фарзанди Самарқанду Бухороям,
Решапайванди Самарқанду Бухороям.
Бар фалак печад агарчи шӯҳрату шонам,
Боз дилбанди Самарқанду Бухороям.

Дар ҷаҳони сахт ҷамъу сар ба сар баста,
Бе Самарқанду Бухоро ман парешонам.
Бе Самарқанду Бухоро мурғаки бебол,
Бе Самарқанду Бухоро ман гаронҷонам.

Бе Самарқанду Бухоро ман набудам ҳеҷ,
Ман ҳамеша бо Самарқанду Бухороям.
Бе Самарқанду Бухоро нимаи ноне,
Бо Самарқанду Бухоро дурри яктоям.

Ман чу мурғи офтобам, болу пар дорам,
Болу пар аз ваҳдати насли башар дорам.
Болу пар аз қудрату нерӯи истиқбол,
В-аз даҳои тоҷикони тоҷвар дорам.

Ман Самарқанду Бухоро болу пар бахшам,
То чу ман дар ин ҷаҳон парвоз бинмоянд.

То ки бо ман ҳамнафас, ҳамдӯш, ҳампоя
Бар фарози ормонҳо роҳ бикшоянд.

Ман ки фарзанди Самарқанду Бухороям,
Решапайванди Самарқанду Бухороям.
Бар фалак печад агарчи шӯҳрату шонам,
Боз дилбанди Самарқанду Бухороям.

## РУҶӮИ САМАРҚАНД

Ман Самарқандам, Самарқанди қуҳан,
Тӯйи навшаҳри Душанбе омадам.
Аз миёни асрҳо бо шӯру шавқ
Сӯйи навшаҳри Душанбе омадам.

Ман ҳазорон сол дар ҷону ҷигар
Орзуе бо ҳавас парвардаам.
Ин замон, инак, ҳамон як орзу
Бар Душанбе рӯйи каф овардаам.

Ман рисолат бар Душанбе медиҳам:
Муттакои тоҷикон гардидааст.
Ман кафолат бар Душанбе медиҳам:
Дар ҷаҳон аз мо нишон гардидааст.

Ман Самарқандам, Душанбе ҷони ман,
Ҷони пурдарди маро дармони ман.
Ман нахоҳам монд аз ин пас ноаён,
То Душанбе шуд сару сомони ман.

Модарам гар ман – Душанбе тифли ман,
Хоҳам ин фарзанд оламгир бод!
Дар ҷаҳони ҷовидон тоҷикро
Мурғи шаҳболу пари тақдир бод!

# РУҶӮЪИ БУХОРО

Ман Бухороям, Бухорои шарифам ман,
Зарра-зарра аз шарофатҳо шудам бунёд.
Аз шарофатҳои тоҷики шарофатманд
Зарра – зарра, қатра-қатра гаштаам обод.

Ман Бухороям, Ватан гаштам муқаддас ман
Мардуми деринаи поку муқаддасро.
Модарам, аз модарони сарбаланд астам,
То ки дорам меҳрубон фарзанд дар дунё.

Ман Бухороям, ҳамин тоҷик номам дод,
Аз Зарафшон ба тан хуни равонам дод.
Як замон будам дар оғӯши пур аз меҳраш,
Як замон раҳ, сӯи дунёи калонам дод.

Ӯ маро модар бихонад, ман варо модар,
Ҷони мо аз ин муҳаббат тавъамон гашта.
Ҷисми мо аз ин муҳаббат сахт чун фӯлод,
Рӯҳи мо аз ин муҳаббат ҷовидон гашта.

Зодаамро ҳамчу модар ман калон кардам,
Зодаамро меҳрубону дилситон кардам.
Ӯ сари ман бар фалакҳои шаҳомат бурд,
Ман варо машҳур дар рӯи ҷаҳон кардам.

Дар ҷаҳони бекарон аз ҳам нишон гаштем,
Дар масофи зиндагӣ ҳамдостон гаштем.
Дар тани ман ҷони ӯву ҷони ман дар ӯ,
Ҳасту буди ҳамдигарро тавъамон гаштем.

Ӯ маро маҳбуби худ, маъшуқи худ хонад,
Муттакои худ варо ман дар ҷаҳон донам.
Ӯ маро ҳамқисмати марғуби худ гӯяд,
Ман варо аз ҳамраҳони ҷовидон донам.

Ман Бухороям, Бухорои шарифам ман,
Зарра-зарра аз шарофат гаштаам бунёд.
Аз шарофатҳои тоҷики шарофатманд
Зарра-зарра, қатра-қатра гаштаам обод....

## ДЕҲҚОН

Ба дӯшаш он чунон борест,
Ки боре ин чунин бар дӯш,
Ба ҳар давру замон танҳо
Замон дорад.

Ба қалбаш он чунон нерӯст,
Ки нерӯе чунин бар қалб,
Ба ҳар давру замон танҳо
Ҷаҳон дорад.

Ба ҷонаш он чунон тамкин,
Ки тамкине чунин бар ҷон.
Ба ҳар давру замон танҳо
Замини ҷовидон дорад.

Ба рӯҳаш он чунон покист,
Ки покие чунин бар рӯҳ.
Ба ҳар давру замон танҳо
Ҷаноби Деҳқон дорад.

## МӮЪҶИЗАИ ДЕҲҚОН

Ин ҷаҳонро дасти деҳқон сабзу хуррам мекунад,
Гӯшаи вайронаро машҳури олам мекунад.
Дона чун корида мегардад ба мағзи хоки хушк,
Меҳри гарми ҷони деҳқонаш варо нам мекунад.
Ҳамчу тифл аз батни модар сабза аз домони хок
Ҳар гаҳе сар мезанад, ғамҳо ҳама кам мекунад.

Лаҳза-лаҳза қад барафрозад ба сӯи осмон,
Дарду доғаш ақли деҳқонзода марҳам мекунад.
Мушти хоки қадкашида хӯша-хӯша зар шавад,
Ҳар дили шаккокро ин сеҳр мулзам мекунад.
Офарин бар ҳикмате, к-аз мушти хоки заршуда,
Сар зи пурбори ба сӯи хокдон хам мекунад.
Хуб медонӣ ту, деҳқон, ин ҳама мӯъҷизаҳо
Фазли Одам, ақли Одам, дасти Одам мекунад.

## СУРУДИ ГЕОЛОГ

Равони шаҳрпарвардам,
Дар оғӯши биёбон бин.
Тану ҷони саодатёр,
Чу реги дашт сарсон бин.
На тоҷу тахт мехоҳам,
Ба ёрон бахт мехоҳам.

Нигаҳ бар осмон гоҳе,
Гаҳе умқи замин дӯзам.
Зи асрори дили ҳар ду
Чароғи дашт афрӯзам.
На тоҷу тахт меҷӯям,
Ба ёрон бахт меҷӯям.

Даруни хайма дар хобам,
Гулу гулгашт мебинам.
Маконе дилбару шодоб,
Ба ҷойи дашт мебинам.
На тоҷу тахт мехоҳам,
Ба ёрон бахт мехоҳам.

Гаҳе печад ба ҷонам рег,
Табиат, гӯйӣ таб дорад.
Гаҳе кӯҳам занад, санге
Магар сӯям ғазаб дорад?

На тоҷу тахт меҷӯям,
Ба ёрон бахт меҷӯям.

Расули давлати ишқам,
Ниҳоли ишқ биншонам.
Сафири мулки хуршедам,
Ба дилҳо нур афшонам.
На тоҷу тахт мехоҳам,
Ба ёрон бахт мехоҳам.

Равони шаҳрпарвардам,
Дар оғӯши биёбон бин.
Тану ҷони саодатёр,
Чу реги дашт сарсон бин.
На тоҷу тахт меҷӯям,
Ба ёрон бахт меҷӯям.

## МАЗОР

Чун ба чашми ҷон ба худ дӯзам назар,
Ман мазорам.
Ман мазори хуфтагони бешуморам.
Эй, басе ёрон, ки дар ман хуфтаанд,
Ҳарфи худ бар зиндагӣ ногуфтаанд.
Он ҳама ганҷанд, ганҷи шайтон,
Аз нигоҳи одамӣ бинҳуфтаанд.

Ҷониби ман бо ҳақорат нангаред,
Аз бари ман бе таҳорат нагзаред.

Ман мазорам,
Ман мазори хуфтагони ҷовидонам.
Ман нишоне аз нишони зиндаҷонҳо,
Ман нишон аз рафтагони бенишонам.

Аз бари ман бе таҳорат по намонед,
Аз бари ман бе зиёрат по намонед.

Ман мазорам,
Ман зи садҳо ҳамзамонам ёдгорам,
Ин ҳама ҷони ниҳон аз чашмҳоро
Баъди худ бар кӣ супорам, эй диёрам?!

Ин саволу он ҷавоб осон магиред,
Чун шумо ҳам, мерасад рӯзе, бимиред.

Ман мазорам,
Ман мазорам....

## МЕХОҲАД ДИЛАМ

Давлати бедор мехоҳад дилам,
Ҳамдами ҳушёр мехоҳад дилам.
З-офтоби зиндагӣ бирён шудам,
Сояи девор мехоҳад дилам.
Аз адиби Тоҷикистон дил гирифт,
Гӯшаи бозор мехоҳад дилам.
Ин чаман охир ҳама пурхор шуд,
Як гули бехор мехоҳад дилам.
Аз мусулмонон надидам ҳиммате,
Риштаи зуннор мехоҳад дилам.
Сахтгӯиҳо ба ҷон овардаам,
Ёри хушгуфтор мехоҳад дилам,
Гаштаам озурда аз макру ҳиял,
Лутфи маҳрухсор мехоҳад дилам.

## ҲУКМИ ШАЙТОН

Ин чи давру ин чи даврон аст,
Давра пур аз шарри шайтон аст.
Одамӣ зоте муқаддас буд,
Ин замон бе аслу имон аст.

Қадри инсон бениҳоят буд,
Ин замон бо хок яксон аст.
Марги инсон гоҳу ногоҳ буд,
Ин замонаш маргборон аст.
Ақли инсон фарри ӯ будӣ,
Ин замон ӯ заҳр бар ҷон аст.
Фазли инсон фахри даврон буд,
Ин замон ӯ душмани ҷон аст.
Лафзи инсон қавли имон буд,
Ин замон ӯ мушти ҳазён аст.
Ҷони инсон буд бас ширин,
Ҳол кас аз ҷон пушаймон аст.
Шахси козиб мушти ҳақ мехӯрд,
Ин дам аз болонишинон аст.
Андар инсон нест инсонӣ,
Сирати ӯ шакли ҳайвон аст.
Ин чи давру ин чи даврон аст,
Зиндагӣ бо ҳукми Шайтон аст.

## ЗИМИСТОН...
*(Навҳаи беҳунар)*

Зимистон мерасад, манро ғами бисёр мегирад,
Зимистонҳои охир ин ғамам бисёр мегирад.
Хунукӣ ҳамдамам дар хонаву бозор мегардад,
Вале донам, ки ҷонамро ҳавои кор мегирад.
Надорам обу дони эҳтиёҷи кӯдаку сангам,
Маро доим дар ин андеша даҳшат ёр мегирад.
Намегардад муяссар мевае бигрифтан аз бозор,
Хумори меваам гарчӣ ба ҳоли зор мегирад.
Аловӣ нест, гармӣ не, набошад барқу газ ҳатто,
Ҳама фикрам фаро ин олами асрор мегирад.
Дилам гум мезанад ҳар дам ба ёди ҳоли инсонӣ,
Вале кас орзу аз қуттии аттор мегирад.
Хунукии муҳитро аз зимистон сардтар бинам,
Ду сардӣ ҷони як бечораро ночор мегирад.

## ГУЛИ БАРФ

*(Суруд)*

Даме ки лаб-лаби дарё
Ману ҷонона мерафтем.
Зи рӯи реги тафсида,
Чу дар афсона мерафтем.

Туро ман ёд кардам, эй гули барф,
Туро фарёд кардам, эй гули барф.
Гули барф, эй гули барф, эй гули барф.

Замоне гармии гармо,
Чу оташ бар тани саҳро,
Сиях мекард хушку тар,
Сиях дунё, сиях дилҳо...

Туро ман ёд кардам, эй гули барф,
Туро фарёд кардам, эй гули барф.
Гули барф, эй гули барф, эй гули барф.

Ту, ки ранги сафед астӣ,
Ту, ки рамзи умед астӣ.
Зи симинпӯшии олам,
Ту, ки ҳар ҷо навид астӣ.

Туро ман ёд кардам, эй гули барф,
Туро фарёд кардам, эй гули барф.
Гули барф, эй гули барф, эй гули барф.

## ЗИНДА БОД!

Майсаи сабзи баҳорон зинда бод!
Ҳуснбахши киштзорон зинда бод!
Шир-шири оби равони ҷӯйбор,
Бо таровишҳои борон зинда бод!

Аз дари ҳамсоя чун аз кӯҳсор,
Қақраи кабки ғазалхон зинда бод!
Дар гулистону чаманзори Ватан,
Нағмаи мурғи хушилҳон зинда бод!
Дар дили саҳрову дашти интизор,
Қомати зебои деҳқон зинда бод!
Қатраҳои нангу номӯси арақ,
Дар ҷабини марди майдон зинда бод!
Дӯстдорони баҳори зиндагӣ
Дар канори чашмасорон зинда бод!

## МАҚБУЛ НЕСТ

*Барои онҳое, ки китобҳои дарсии тоҷикиро*
*дур аз Тоҷикистон чоп кардан мехоҳанд.*

Ман намедонам аз ин савдо шумо
Баҳри миллат манфиат овардаед?
Лек медонам, ки ҳуши халқро
Эй басо афзун ба яғмо бурдаед.

Хоҷа Насриддин агар орем ёд,
Занҷабилу ях фаровон хӯрдаед.
Пас, яқин, ки ақлу ҳуши хеш ҳам
Ё ба яғмо ё ба савдо бурдаед.

Тан ғилофу ҷон бувад шамшер, ҳон,
Ин ҳақиқатро бузургон гуфтаанд.
Аз барои содагоне ҳамчу мо
Як замоне дурри маънӣ суфтаанд.

Ҳикмату панди даҳоёни хирад,
Кас напиндорад азон бар гӯши хар.
Балки аз он ганҷҳои маънавӣ
Ҷони худро медиҳад ӯ зебу фар.

Хуш намеояд ба чашми ақл ҳеҷ
Ҷони тоҷику тани бегонае,
Бо кароҳат он ба хотир оварад
Пурхушунат, беҳадаф афсонае.

Ҷони тоҷику тани тоҷик не,
Хуш намеояд ба хосу ом низ.
Гар кунем аз қиматаш қатъи назар,
Боз ҳам ногуфта монад чанд чиз.

Ин ки, яъне, дар дилу ҷони шумо
Аз барои халқ сӯзу соз нест.
Корҳо, рафторҳое мекунед,
Ки ба ақлу ҳуши кас дамсоз нест.

Ин ки, яъне, шири хоми баччагӣ
Хом мононда шуморо то ҳанӯз.
Фарқи нек аз бад намехоҳед дид,
Рӯз шаб гӯеду шабро низ рӯз.

Пешрафти илму ирфони диёр
Нест, ҳайфо ҳусни пиндори шумо.
Ҳам ба он ширинадо гуфторҳо
Менаояд рост кирдори шумо.

Гӯл пиндоред мардумро, дареғ,
Ҳақ зи ҳар як нораво гардад малӯл.
Он ки ранҷонад худои хешро,
Гӯл гардад назди мардум, гӯли гӯл.

# ОРЗУИ ПАДАР

Писар, хоҳам, ки ту ҳушёр бошӣ,
Саховатманду хушрафтор бошӣ.
Наёзорад ягон касро забонат,
Забони ту набошад хасми ҷонат.
Ту ки ҳоло тамоман хурд ҳастӣ,
Намедонӣ ҳама болову пастӣ.
Бихоҳам дасту рӯят тоза бошад,
Ба хубӣ аз ту ин овоза бошад.
Либосатро ҳамеша тоза медор,
Ки дорад бар танат фоида бисёр.
Ба мактаб, кӯчаву бозору бозӣ,
Рафиқонро зи худ бинмой розӣ.
Машав ҳаргиз ба хондан сусту коҳил,
Ки коҳил мешавад инсони ҷоҳил.
Чу бисёру бафикру хуб хонӣ,
Ҳама пасту баланди даҳр донӣ.
Чу донистӣ баланду пасти дунё,
Намеафтӣ чу нобино ба ҳар ҷо.
Ҳама бахти башар аз илм бошад,
Ҳама касбу ҳунар аз илм бошад.
Ҳамеша илму ҳилм омӯз афзун,
Ки аз мардум намонӣ то ки берун.
Чу илм омӯзиву устод гардӣ,
Зи банди мушкилот озод гардӣ.
Зи худ нодонтаре ҳаргиз маёзор,
Ғарибу музтарибонро накӯ дор.
Ба ёрон то тавонӣ раҳнамо бош,
Адолатпеша бошу бе риё бош.
Агарчи мӯътабар гардӣ, бидеҳ гӯш,
Падар, модар макун ҳаргиз фаромӯш.
Ки онҳо зиндагонӣ бар ту доданд,
Ба шӯҳрат роҳ аз заҳмат кушоданд.
Дар олам кӯш, номи нек монӣ,
Зи номи нек монӣ ҷовидонӣ.

# КОБУЛО, КОБУЛСИТОНО!

Кобуло, ман обу нонатро фаровон хӯрдаам,
Лаззат аз атри ҳавои ҷаннатият бурдаам.
Ҳамчу дилбандат ба поси он ҳама нону намак
Бар дифоят ҷони ширин борҳо биспурдаам.

Ёд дорам, Кобуло, пурмеҳр оғӯши туро,
Кӯчаву боғу хиёбонҳои гулпӯши туро.
Ҳамчу шаҳри нозанини Шарқ, шаҳри бостон
Пеши рӯ меоварам ман қалби пурҷӯши туро.

Кобуло, Кобулситоно, Рустами дастони ту
Фахри ҳар як хонадони мову ту, Эрони ту.
Дар ҷаҳони бекарон шуд ҷовидон аз он ки буд
Порае аз ҷони ту, имони ту, армони ту.

Кобуло, Кобулситоно, шод бошу дер зӣ,
Мерасад, инак, савори Рахш Рустам бар дарат.
Бо ҳамон зӯри бузургу бо ҳамон рӯҳи бузург,
Пок месозад ҷаҳон аз душманони бесарат.

Кобуло, Кобулситоно, шод бошу дер зӣ,
Шак надорад ҳеҷ дил, Афғонситон гул мекунад.
Боз меорад ба шӯру шавқ ёру дӯстон,
Боз гулҳои баҳораш маст булбул мекунад,

Дидаам дар Ҷоми Ҷам фардои ту рашки ҷаҳон,
Дар ҷамолу дар камол афзунтар аз боғи ҷинон.
Ашки шодӣ ҳамчу Ҷайҳун рехт аз чашмони ман,
К-ин чунин ҷаннат надида зери сақфи осмон.

Пас дигар ашки надомат аз ду чашми тар марез,
Субҳи уммедат ба рӯҳи тоза истиқбол кун.
Дӯстонро шод гардон, душманон дар ғам нишон,
Дӯстам, Афғонситонро меҳани иқбол кун!

## САДОИ НОМУ НАНГ

*Дар Бомиёни Афғонистон толибон бутҳои бостониро ба хок яксон карданд.*

«Чилдухтарон», «Чилдухтарон»,
Чил духтарони нозанин.
Чил қаҳрамони сарбаланд,
Ҷовид дар рӯи замин.

Муштоқи дидори шумо,
Даргоҳатон боз омадам.
Аз рағбате, ки доштам,
Бо боли парвоз омадам.

Аммо шуморо, эй аҷаб,
Имрӯз мебинам дигар.
Монанди гул бишкуфта не,
Чашмони ҷонҳо пуршарар.

Омад нидо аз духтарон,
Балки садо аз духтаре:
Бо чашми ҷон бингар даме,
Будем мо размоваре.

Разме ба номи нангу ном,
Дар домани поки Ватан.
Бар ҷисму ҷони одамӣ
То раҳ наёбад Аҳриман.

Куштанд хасми нохалаф,
Гардида рамзи ҷовидон.
Инҳо кунун ҳам зиндаву
Онҳо аз олам бенишон.

Чун омадам бар асли худ,
Он духтарон дидам дигар.
Монанди гул бишкуфта не,
Чашмони ҷонҳо пуршарар.

Гуфто яке, эй ҳамватан,
Хурсанд будан метавон.
Аз ҳоли зори Бомиён
Дар кишвари Афғонситон?

Шояд, надонад ҳам Худо,
Кӣ буд хасми ин диёр.
Аз зиндаҷонҳо дар гурез,
Аз мурдаҳо гирад ниқор?

Акнун бигӯ, эй ҳамватан,
Ту зиндаҷонӣ, ё ки мо,
Помоли шаъну эътибор
Гардӣ ҳамоно беибо?

Дар кишвари номусу нанг,
Ҳайфо намонда ифтихор.
Андеша кун, эй ҳамватан,
Аз қисмати дар интизор!

Марги касе беғам зияд,
Аз марги ному шаъну шон.
То дар ҷаҳон одам бувад,
Мурғи шарофат, парфишон!

Гар зиндаҳо на зиндаанд,
Зидди адӯ мо зиндаем.
Гӯри ҳама он нохалаф
Донед, кайҳо кандаем.

Берун шавем аз сангҳо
Бо он ҳама ожангҳо.
Бар хок биспорем адӯ
Бо хуни гарми нангҳо!

## ШАКАРОБ

Танӯри пури алав
Тагаш сурху бараш сурх.
Дар сари танур очам
Ду рухсори тараш сурх.

Мухпар ба рӯи кулча
Нақшу нигор бандад,
Кулчаву нон ба танур
Очам қатор бандад.

Остинчаву рафида
Ба ӯ ёрӣ расонанд.
Онҳо дар дасти очам
Қарориро надонанд.

Бари танури суп-сурх
Зарду нилобӣ гардад.
Ранги нону кулчаҳо
Сурху гулобӣ гардад.

Рӯи кулча, рӯи нон
Очаҷонам зада об,
Аз фатираш мекунад,
Барои мо шакароб.

* * *

Хӯрдан хоҳӣ шакароб,
Табақи чӯбин биёб.
Агар надорӣ, бишав
Меҳмон диёри Кӯлоб.

Табақтарошаш бисёр,
Табақаш ҳам бешумор.
Хоҳӣ, бигир аз мизбон,
Хоҳӣ, бихар аз бозор.

Дар зарфи ғайри чӯбин
Кас накунад шакароб.
Зеро косаи дигар
Аз маззааш барад тоб.

* * *

Надонӣ гар шакароб
Хӯрдание чи сон аст,
Кардану хӯрдани он
Мушкил ва ё осон аст.

Як рӯзаки баҳорон
Хонаи мо, марҳамат.
Очаҷони ман кунад
Шакароби балаззат.

Дар табақ шавад реза
Фатири гарми гармак.
Нугул омезад ба дӯғ,
Ё ки ба обу намак.

Бо дӯғ агар мехоҳӣ,
Ишорае кифоя.
Бе дӯғ агар мехоҳӣ,
Биё, хӯрем якҷоя.

Хоҳӣ нугулаш бисёр,
Садқаи тори мӯят.
Тундӣ бисёре хоҳӣ,
Туруш магардон рӯят.

Бо қошуқу вилка не,
Кас мехӯрад шакароб –
Бо дасти тоза шуста
Ва хушк карда аз об.

Хурдан хоҳӣ шакароб,
Хонаи мо, марҳамат!
Очаҷони ман кунад
Шакароби болаззат!

## ТАБАССУМ

Якбора дили мардум
Аз меҳр талотум кард.
Савдозадаву саргум
Дарди сари худ гум кард.
Вақте ки ба рӯи мо
Сардор табассум кард.

Гул кард дару девор
Атроф мусаффо шуд.
Монанди қабулгоҳаш
Даҳлез дилоро шуд.
Вақте ки ба рӯи мо
Сардор табассум кард.

Ӯро ҳамагӣ бо ҷон
Яктои замон гуфтем.
Аҷдодашу авлодаш
Донои ҷаҳон гуфтем.
Вақте ки ба рӯи мо
Сардор табассум кард.

## БИНӢ АГАР

Дар гӯшаи бозор агар
Шалғам бубинӣ реш-реш,
Як рӯз нархаш бас гарон,
Рӯзи дигар даҳчанд беш.

Озурда аз деҳқон машав,
Деҳқон ҳаромизода нест.
Деҳқон шарофатпеша аст,
Бар симу зар дилдода нест.

Ин кори ҷаллоб асту бас,
Кирдори қаллоб асту бас.
Берун зи нангу ному ор,
Берун зи одоб асту бас.

Дар гӯшаи дӯкон агар,
Сабзӣ бубинӣ касмахар
Аз тушкаву сиру пиёз
Пӯсидатар, тосидатар.

Озурда аз давлат машав,
Давлат, ҳамедон кист, чист.
Давлат на ҳар иғвогаре,
Давлат на ҳар яғмогарест.

Аз номи давлат, сад дареғ
Дар мо фузун иғвогарист.
Аз номи давлат, эй басо
Яғмогариву бесарист.

Дар ҳар куҷо бинӣ агар
Оши палав қимат чу зар,
Мастобаву угро, кабоб
Аз вай гарон, аз вай батар.

Озурда аз қисмат машав,
Дар қисмати мо ин набуд.
Савдогари охирзамон
Худ қисмати мо ин намуд.

Қисмат, агарчӣ аз азал
Баҳри ҳама қисмат шуда,
Бечора моро ин замон
Қисмат дусад қисмат шуда.

## МАЙ БИДЕҲ

«Май бидеҳ, то диҳамат огаҳӣ аз сирри қазо»,
Май бидеҳ, то бишавам садқаи он ақли расо.
Май бидеҳ, аз нигаҳат нури илоҳӣ борад,
Май бидеҳ, дар кафи ту мавҷ занад оби бақо.
Май бидеҳ, бода зи ту қимати олам дорад,
Май бидеҳ, он наситонад каси аз ақл ҷудо.
Май бидеҳ, дӯсти ҷон, қаҷкулаҳон рост шаванд,
Май бидеҳ, то зи замин гард бароят ба ҳаво.
Май бидеҳ сустдилон зӯру тавоно гарданд,
На кам аз Рустами Дастону худи шери худо!
Май бидеҳ, лутфи ту дар даҳр надорад дигаре.
Май бидеҳ, бонги ҷарангос расад то ба само.
Май бидеҳ, маҷлиси афсурдаи мо гарм шавад,
Май бидеҳ, нур бигирад ҳама ин чашми сиё,
Май бидеҳ, рӯйи хуши пиру ҷавон ҷониби туст,
Май бидеҳ, бар ту малоик ҳама хонанд сано.
Май бидеҳ, валвала бар торуми афлок занем,
Лаҳзае дур шавем аз ҳиялу макру даға.
Май бидеҳ, боз бидеҳ, боз бидеҳ, боз бидеҳ,
Кас чи донад ба қазо чанд навиштанду чиҳо.

## ДАВЛАТИ МАН....

«Раҳмат»-и бисёр дорам аз касон,
Аз калонсолону тифлу наврасон.
Аз шиносу ношиносу ёру дӯст,
Аз табибу аз ҳабиби мағзу пӯст.
Аз ғарибу бекасу беошно,
Аз ғаниву мустаманду бенаво.
Аз вазиру аз сафири беназир,
Аз сипаҳсолору гурди шергир.
Аз раису муншии гарданфароз,
Ҷуз хирад, бар моли дунё бениёз.

Аз бародарҳои ҳамкасбу ҳунар,
Ёру ёварҳои аз ҳам бохабар.
Аз касони дар сухан хеле наҷиб,
Корашон, аммо ки дар хилват ғариб.
(Ҳайф, онҳоро, ки виҷдон пок нест,
Ҳукмашон шоистаи идрок нест).
Аз шафиқони ҳамора, ҳамнишин,
Аз ҳабибони чу ҷон бар ҷон қарин.
Аз хирадмандону ёрони китоб,
Аз бузургони шариат, шайху шоб.
Аз сағиру аз кабири некном,
В-аз ҳама он мардуми нобурда ном.
Музди заҳмат, ки кашидам баҳрашон,
Хобу хоре ҳам надидам баҳрашон.
Симу зар даъво накардам ҳеҷ гоҳ,
Аз ҳаё ҳар гаҳ намурдам ҳеҷ гоҳ.
Каҷ накардам чун дигарҳо гарданам,
Беҳ бигуфтам з-ин тамаллуқ мурданам.
Зард ранги рӯ накардам ҳеҷ гоҳ,
Пеши номардону мардони Худо.
Музди заҳмат «раҳмат» овардам ба каф,
«Раҳмат»-и аз сидқ, пуршӯру шааф.
Шаъну шонам «раҳмат»-и бисёри ман,
Зӯри ҷонам «раҳмат»-и бисёри ман.
Сарвати ман «раҳмат»-и бисёри ман,
Неъмати ман «раҳмат»-и бисёри ман.
Давлати ман «раҳмат»-и бисёри ман,
Савлати ман «раҳмат»-и бисёри ман...
Ин замон, ки пир гаштам, бегумон,
Дардманду мустаманду нотавон,
Хеш бо «раҳмат» табобат мекунам,
Ҷони ширинам саломат мекунам.
Бо ҳама он «раҳмат»-и ғундошта,
Дар канори сода дил анбошта...

## МУБОРАК БОД!

Нигори рафта боз омад,
Баҳори рафта боз омад,
Канори рафта боз омад,
Равуоҳо муборак бод!
Дави дунё муборак бод!

Ҷаҳон чашми маро бикшод.
Замон дасти ҳаётам дод,
Зи ёрони мунофиқ дод!
Фурӯғи нав муборак бод!
Дурӯғи нав муборак бод!

Дило, ёри мувофиқ ку?
Ба ҷон бори мувофиқ ку?
Ба кас кори мувофиқ ку?
Парешонӣ муборак бод!
Гаронҷонӣ муборак бод!

Ҳақиқат нест, вовайло,
Адолат нест, вовайло,
Садоқат нест, вовайло.
Замони нав муборак бод!
Ҷаҳони нав муборак бод!

Ҷаҳидан аз камар авло,
Тапидан дар хатар авло,
Надидан шӯру шар авло
Дили огаҳ муборак бод!
Бурун аз чаҳ муборак бод!

## АҒБАИ ШАРШАР

Ағбаи Шаршар ба худ кайҳо қаринам кардааст,
Ошиқи роҳи равон, бе гурму чинам кардааст.
Печу хамҳое, ки дорад, чун хаму печи ҳаёт,
Дӯстдори зиндагии ростинам кардааст.
Бигзарам ҳар гаҳ аз ӯ, гӯйи зи дунё бигзарам,
Баъди ҳар бигзаштане сад офаринам кардааст.
Дар баландиҳои чархаш чарх мегардад сарам,
Ҳамчу мошинчарх, гӯйӣ оҳанинам кардааст.
Эй, худо мегӯяму ёди ҳабибон мекунам,
Ёди онҳое, ки ёди ҳамзаминам кардааст.
Аз баландиҳош бинам шаҳру баҳри нозанин,
Бар худо нолам, чаро ӯ камзаминам кардааст.
Аз фарози қуллааш вайронаҳо бинам фузун,
Аз баёни ошкораш оташинам кардааст.
Печу хамҳояш пур аз ганҷу пур аз вайронаҳост,
Бо чунин таззодҳояш шабнишинам кардааст.
Ин замон дар қалби ӯ ганҷе дигар маъво кунад,
Бо чунин ганҷи равон пур дурбинам кардааст.
Шӯҳрати тоҷикро ин нақб афзун мекунад,
Ин садо аз ғайб омад, ӯ аминам кардааст.

## ТАСАЛЛО

Барф меборад базебу лаклакӣ,
Дар фазо, бин, ҳай талотум мезанад.
З-он фараҳ, ки мешавад ҳусни замин,
Дар раҳаш ҳар лаҳза раҳгум мезанад.

Ман ба зери барф шод истодаам,
Ҷон ба қолаб шӯру туғён мекунад.
Ҳамчу он барфи замони кӯдакӣ
Олами манро дурахшон мекунад.

Рез барфо, бар сари ман рез, рез,
Аз ҷавонӣ дӯст медорам туро.
Ин замон, ки пир гаштам, сарсафед,
Ҳиссае аз хеш бишморам туро.

Рез барфо, бар сари ман рез, рез,
Зиндагӣ мӯйи маро резондааст.
Ғайри дидан лаҳзае сарро сафед,
Орзуи дигаре кам мондаст.

Рез барфо, бар сари бемӯйи ман,
Бахш таскин ин дили шӯридаам.
То сарамро ман бубинам мӯйдор,
То диламро лаҳзае бе дарду ғам.

## МЕЗАНАД

Чун ба ёдам модарам ояд, дилам гум мезанад,
Дар ҳама ҷисмам, ту гӯйӣ, набз раҳгум мезанад,
Дар хаёлам сурати ҷаннатнишони модарам,
Бишнавам, дар сина дил берабт гум-гум мезанад.
Баъди модар дарди ҷонсӯзе харобам мекунад,
Неш гӯйӣ ҳар замонам мору каждум мезанад.
Модари ғамдидаамро хоб мебинам мудом
Оҳ, бар чашмам ҳазину яъсу мағмум мезанад.
Бетамизиҳои тоҷик гарчи ӯро куштаанд,
Боз ҳам гап аз хирадмандии мардум мезанад.
Модарам ҳар гаҳ ба ёд ояд, дилам гум мезанад,
Бишнавам, дар сина дил берабт гум-гум мезанад.

## ЁДИ МОДАР

Гарчи пирам, ёди модар мекунам,
Ёди он дунёи дилбар мекунам.
Ашк мерезам ба ёди модарам,
Аз сиришкам хокро тар мекунам,

Модарам, ҷон модарам, ҷон модарам,
Модари аз ҷон ҳаме ширинтарам.

Шахси бе модар сабуксар будааст,
Мурғаки бе болу бепар будааст,
Гарчӣ дорад ҳашмату ҷоҳу ҷалол,
Боз ҳам мӯҳтоҷи модар будааст.
Модарам, ҷон модарам, ҷон модарам,
Модари аз ду ҷаҳон волотарам.

Ман нагӯям, модари ман нест, нест,
Модари ман модари ин зиндагист,
Аз азал пайдост, бе модар даме
Зиндагиро ҳам набошад зист, зист.
Модарам, ҷон модарам, ҷон модарам,
Модари ҳар ду ҷаҳонро раҳбарам.

## ДУ РАҲ

Ин сӯ раҳи ҷонона, ин сӯ раҳи майхона,
Ин сӯ ҳама раҳ паймон, ин сӯ ҳама паймона.
Ин сӯ бираві бо гул, ин сӯ бираві бо пул,
Ин сӯ бишаві афсун, ин сӯ шаві афсона.
Ин сӯ ҳама гулбӯӣ, ин сӯ ҳама пулгӯӣ,
Гулбӯиву пулгӯӣ афсонаи сесона.
Ин сӯ ҳама ҷо ошиқ, ин сӯ ҳама тан фосиқ,
Ин сӯ бишаві афсун, ин сӯ шаві афсона.
Ин сӯ нафаси ҳастӣ, ин сӯ ҳаваси мастӣ,
Ин сӯ бишаві Маҷнун, ин сӯ шаві девона.
Ин сӯ бикашад паймон, ин сӯ лаби паймона
Доранд кашокаш ҳай девонаву фарзона.

## ДАҲМАРДАҲО

Се духтараки барно,
Се дилбараки раъно,
Аз хона бадар гаштанд,
Се даста гули зебо.

Се баррачаи дилбар,
Чун оҳуи бозингар,
Мастона ба ҷасту хез,
Думболаи се духтар.

Се духтараки дилбар,
Бо хоҳиши ҷон модар,
Даҳмарда шуда имрӯз,
Бар ин рамаи маҳшар.

Бояд ки ягон соат,
Бо баррачаҳо бозанд,
То гум нашаванд онҳо,
Чун баррачаҳо тозанд.

Он рӯз хушо рӯзе,
Наврӯзи баҳорон буд,
Ин олами зебо чун
Гулғунчаи хандон буд.

Паҳнои замин пургул,
Аҷсои замин пургул,
Аз сабзаю гул ҷолин,
Ҳар ҷо нигарӣ, гул, гул.

Чун шаддаи марҷон гул,
Дар шохи дарахтон гул.
Аз марҳамати борон,
Садранг шукуфон гул.

Атроф ҳама хушрӯй,
Акноф ҳама хушбӯй,
Ҳар ғунча бигӯяд: – Ҳон
Як лаҳза маро ҳам бӯй.

Се духтараки барно,
Се дилбараки раъно,
Аз бӯи чаман мафтун,
Аз олами гул шайдо.

Дар саҳни чаман чун гул
Гаштанд паи гулҳо.
Се баррачаи сарсон
Дар дашт тани танҳо....

* * *

Ҳар гӯшаи вайрона вайрона нахоҳад монд,
Ҳар мурғаки белона белона нахоҳад монд.
Гар ҳаст замину об, ар ҳаст шаби маҳтоб,
Ҳар мазрааи кишта бе дона нахоҳад монд,
Мӯ хоҳ зи бахти худ, аз бахти карахти худ,
Ҳар мӯйи сари буда бе шона нахоҳад монд.
Бас ҷону басе ҷонон танҳо ба ҷаҳон сарсон,
Ҳарчанд, ки «он» ҳаргиз ба «она» нахоҳад монд.
Андар Ватанаш тоҷик бе хонаву дар, афсӯс,
Гарчанд касе охир бе хона нахоҳад монд.
Дилҳо ҳама ваҳманда, дасто ҳама ларзанда,
Ҳоле зи чунин, валлоҳ, паймона нахоҳад монд.
Бе илму адаб лак-лак, бо ҳилм басе андак,
Тарсам, ки зи наҳси мо фарзона нахоҳад монд.
Гар дур шавем аз худ, манфур шавем аз худ,
Дилро асари буди мастона нахоҳад монд.
Бо хеш фурӯ монем, афсонаи худ хонем,
Бар мо дили пурмеҳри бегона нахоҳад монд.

* * *

Сари сарчашма биншастам, гулу гулзор механдад,
Гулеро бӯса зад дастам, ба паҳлӯ ёр механдад.
Нигаҳ бар об бинмудам, ки ҳоли зори худ бинам,
Аҷаб, марде ба сӯям бо дили афгор механдад.
Тапидам, нола кардам, ҷастам аз худ, бедаво гаштам,
Паёми дил ба гул гуфтам, гулаш бисёр механдад.
Қадам бар гулситон мондам, гулеро сахт ларзондам,
Зи лутфи белатофат, бин, ба он сӯ хор механдад.
Чаманро наҳ задам, ҷо сояи долу дарахтон шуд.
Ба ақли ғофил аз ақлам маҳи бедор механдад.
Маҳу Парвин бигӯйӣ аз ҳаё бигрехт, пинҳон шуд,
Зи байни чашмаки ахтар самои тор механдад.

## ШОИРО!

Шоиро, ман дӯст медорам туро,
Аз барои хандаи бекинаат.
Хандае, ҳамчун навои обшор
Берун ояд аз дили оинаат.

Шоиро, ман дӯст медорам туро,
Аз барои он ки афсун мекунӣ.
Бе фасона, бо фусуни шеъри тар
Аз дилу ҷон ғусса берун мекунӣ.

Шоиро, ман дӯст медорам туро,
Аз барои он ки шабҳои дароз
Гарчи сӯзӣ то саҳар мисли чароғ,
Нақши равшан аз ту монад сӯзу соз.

Шоиро, ман дӯст медорам туро,
Аз барои он ки эҳсон мекунӣ.
Дар дили шаб бо чароғи ҳуҷраат
Ин ҷаҳонро равшанистон мекунӣ.

# НАҚБИ ШАРШАР

Эй, пораи Шаршар, ки ниҳон мешавӣ аз чашм,
Бар вориси эҳёшудаат ҳеҷ макун хашм.
Аз синаи ту кофта нақби башаҳомат,
Қоим бинамудем ҳамегӯй қиёмат.
Ту пораи лаълӣ, насазад лаъл таги по,
Ту тоҷи сари мардуми мойӣ ба саропо.
Дар синаи ту оламе бебок хурӯшад,
Дар синаи ту одамӣ чолок биҷӯшад.
Дар синаи ту ганҷи равон ҷой гузинад,
Як пораяки набзи замон ҷой гузинад.
Аз дуру зи наздик ба побӯси ту оянд,
Бар хоки дарат оламиён саҷда намоянд.
Аз ту ба ҷаҳон зикри шараф бурдаву оранд,
Аз меҳр туро гӯйӣ ба каф бурдаву оранд.
Нақбат бубарад номи туро Мағрибу Машриқ,
Эй, бар ту хирадманди замона ҳама ошиқ!

* * *

Нақби Шаршар мушкил осон мекунад,
Рафту омадро дучандон мекунад.
Нақли молу ҷон аз ин роҳи шариф
Молу ҷони мо фаровон мекунад.
Мурғи ваҳдат бол меёзад ҷасур,
Оламеро ваҳдатистон мекунад.
Ибрати мо меравад бар Ҳинду Чин,
Ҳинду Чин некӣ ҳазорон мекунад.
Сарзамини мо дигаргун мешавад,
Ҳар чи хоҳад одамаш, он мекунад.
Аспи ғайрат аз дигар зин мезанад,
Дар ҷаҳон мардона ҷавлон мекунад.
Рӯҳу арвоҳи азизони диёр
Тоҷикистон шоду хандон мекунад.

## ҲУШЁР, МАРДУМ!

Шаб рӯз шуд, шаб рӯз шуд,
Олам аҷиб омад падид.
Буд навҷавоне мушкмӯ,
Шуд пирамарди сарсафед.

Дунё ҳама бедор гашт,
Дунё ҳама аз хоб хест.
Шуд аз қафои рӯзгор,
Он кас ки бори зиндагист.

Он як биафрӯзад хирад,
То ҷону дил равшан шавад.
Рӯзе, алайҳи тири ҷаҳл,
То бар танаш ҷавшан шавад.

Он як шинонад нахли нав
Аз ваҳдату одамгарӣ.
Аз дӯстиву яктанӣ
В-аз ҳамдамию дилбарӣ.

Он як пайи некӣ шавад,
Бо рағбату шавқи тамом.
Хушнуд созад одамӣ
Бо ибрату ширин калом.

В-он як намонад пас ҳаме
Дар феъли бад аз ину он.
Чун рӯз шуд, созад шитоб
Шаб кардани рӯзи касон.

Тӯҳматгаро, ғайбатгаро
Ором не як лаҳза ҳам.
Овораи афъоли худ
Аз шомгаҳ то субҳидам.

Дуздони давлат ҳам зиёд
Аз рӯзи нав болидаанд.
Бар чашмҳо дар равшанӣ
Хоки сияҳ молидаанд.

Яғомогари рӯзи сафед
Ганҷина яғмо мебарад.
Кай мижааш хам мехӯрад,
Кай пилки чашмаш мепарад?!

Ҳар қадр афзун бурдааст,
Он қадр овозаш баланд.
Ҳар қадр афзун хӯрдааст,
Он қадр созаш дилписанд.

Афзун тану ҷони дигар,
Монанди рӯбаҳ ҳиллагар.
Моли касонро мехӯранд,
Ҳоли касонро мебаранд.

Шаб рӯз шуд, шаб рӯз шуд,
Ҳон, фитна ҳам бедор гашт.
Ҳушёр, мардум дар барат
Ӯ ҷой мисли мор гашт...

Шаб рӯз шуд, мӯъҷиза бин,
Бозори фитна гарм шуд.
Он рӯсафеди дилсиёҳ,
Бешарму беозарм шуд.

## МОНАНДИ ОЧАҶОНАМ

– Холаҷонам, холаҷон,
Холаҷони меҳрубон,
Ҳай нони хушрӯ пухтӣ,
Кулчаи хушрӯ пухтӣ.

Нон чи ширин, бай-бай-бай!
Кулча қандин, бай-бай-бай!
Аз хурданаш ману Шер
Намешавем асло сер.
– Холаҷонам, холаҷон,
Холаҷони меҳрубон,
Кулчаву нонат чаро
Бомазза асту зебо?
– Сабаб дар ин ҷо якто
Дурдонаи беҳамто:
Монанди очаҷонам
Пазам кулчаву нонам.

– Холаҷонам, холаҷон,
Холаҷони меҳрубон,
Куртачаи хушрӯяк,
Тоқичаи дилҷӯяк
Барои Раъно дӯзӣ,
Барои Барно дӯзӣ,
Пӯшонӣ ба Раъноҷон,
Мондӣ сари Барноҷон.
Шинаму зебо, аҷаб,
Боби тамошо, аҷаб.
– Холаҷонам, холаҷон,
Холаҷони меҳрубон,
Чӣ сон ту усто шудӣ,
Устои аъло шудӣ?
– Сабаб дар ин ҷо якто
Дурдонаи беҳамто:
Монанди очаҷонам
Дӯзам ҳар чи тавонам.

– Холаҷонам, холаҷон,
Холаҷони меҳрубон.
Пиндори ту нозанин,
Гуфтори ту дилнишин.
Рафтори ширин дорӣ,

Аз забон шакар борӣ.
Туро дорад ҳама дӯст,
Ин кори хеле накӯст.
– Холаҷонам, холаҷон,
Холаҷони меҳрубон,
Аз куҷо ин сон шудӣ,
Меҳри дилу ҷон шудӣ?
– Сабаб дар ин ҷо якто
Дурдонаи беҳамто:
Хоҳам чу очаҷонам
Дар ёдҳо бимонам.

## ЧАРО?

– Хуршеди оламоро,
Чашму чароғи дилҳо,
Дорам саволаке ман,
Бидеҳ ҷавоби онро:

Чаро ки дар кӯҳистон,
Монанди Тоҷикистон,
Он ҷо, ки мардум аз кӯҳ
Доранд шӯҳрату шон,

Вақте ки медамад субҳ,
Аз кӯҳ мебароӣ.
Вақте ки мешавад шом,
Бар кӯҳ медароӣ?

– Он ҷо, ки дашту саҳро
Дунёи бекаронанд,
Он ҷо ки мардум аз дашт
Хурсанд ҷовидонанд,

Вақте ки медамад субҳ,
Аз дашт мебароӣ.

Вақте ки мешавад шом,
Бар дашт медарой?

– Он ҷо ки бешазорон
Зебу фари заминанд,
Он ҷо, ки одамонаш,
Аз беша бахт бинанд.

Вақте ки медамад субҳ,
Аз беша мебарой.
Вақте ки мешавад шом,
Бар беша медарой?

Он ҷо, ки баҳр доман
Бар чор сӯ кашида,
Он ҷо, ки ҷои зебо
Мислаш касе надида,

Вақте ки медамад субҳ,
Аз баҳр мебарой,
Вақте ки мешавад шом,
Дар баҳр медарой?

– Хуршеди оламоро,
Чашму чароғи дилҳо,
Додам саволаке ман,
Бидеҳ ҷавоби онро.

## АДИБОН, РОҲЗАН ВА УҚОБ

Се адиби дар сухан варзидае,
Носазое аз касе нашнидае.
Дар ҳама маҳфил ҳамеша тоҷи сар,
Дар ҳама доираҳо бологузар.
Ҳамсафар гаштанд бо як раҳзане,
Раҳзане дар кори худ бас пурфане.

Дид адибонро саропо боадаб,
Ханда омад ноаёнаш зери лаб.
Гуфт бо худ: ку, бубинем, эй худо,
Дасти кӣ зӯр, аз адаб ё аз дағо?
Ин бигуфту фитнаҳо оғоз кард,
Фитнаҳо ҳамранги афташ соз кард.
Гоҳ мемирам, бигуфтӣ дам ба дам,
Аз шумо, эй кош, медидам карам.
Гоҳ савдоӣ шудӣ аз ҳад бурун,
Не ба тан дармону не бар рӯш хун.
Бо чунин найранг адибон боб кард,
Қалби пур аз меҳрашонро об кард.
Симу зарҳошон ситонду бору бун,
Шуд аз он саҳро ба сӯе раҳнамун.
Се адиб овора, зору музтариб,
Дар тафаккур аз чунин коре ғариб.
Мурданӣ бо симу зар бигрехт, рафт,
Буданӣ чун мурда дар гармои тафт...
Як уқоб ин дам падид омад ба дашт,
Дар фазои бекарон дар сайру гашт.
Тӯъмае диду ба ҷонаш дарфитод,
То накушт онро, зи чангаш сар надод.
Тӯъма гарчи буд дар сурат наҳиф,
Нотавон, бечораву сусту заиф.
Зора гарчи аз худо бисёр кард,
Зора аз сайёди хушминқор кард...
Се адиб аз ин амал ҳушёр шуд,
Гӯйӣ аз хоби гарон бедор шуд.

## ХОҲАМ ГИРИФТ

Тоҷикистон, ман дуоят як замон хоҳам гирифт,
Як дуои бебаҳоят, бегумон, хоҳам гирифт.
Ту, ки пири пири пирониву хушбахти ҷаҳон,
Ман дуои пири хушбахти ҷаҳон хоҳам гирифт.
Ту, ки бо лутфи азал гардидаӣ аз нав ҷавон,

Ман дуои пири аз нав навҷавон хоҳам гирифт.
Чун фаровонризқ дар дунё надидам мисли ту,
Ман дуои серризқеро ба ҷон хоҳам гирифт.
Ту ҷавонию агар гаҳ-гаҳ ҷавонӣ мекунӣ,
Ман ҳам онро шеваи ҷони ҷавон хоҳам гирифт.
Ман савобатро баҳорон, эй Ватан бигрифтаам,
Ҳин, дуоят дар фароварди хазон хоҳам гирифт.
Ҷовидонӣ ту, ки чун хуршед дар даври фалак,
Ман дуои хайри ҷони ҷовидон хоҳам гирифт.

* * *

«Ҷаҳон аз боди наврӯзӣ ҷавон шуд»[1]
Зиҳӣ боде, ба олам гулфишон шуд.
Димоғ аз бӯйи анбар масту махмур,
Нафас аз бӯйи мушк анбарнишон шуд.
Дил аз сина баромад, дашту саҳро,
Раҳо чун аз қафас шуд, навҷавон шуд.
Қабойи гул ба бар мурғи саодат,
Ба ҳар як хонаву дар меҳмон шуд.
Худоро, чашмаву ҷӯйи хушида,
Чи ғулғулафкану шӯридаҷон шуд.
Ҷаҳон хушрӯ, ҷаҳон хушбӯ, ҷаҳон хуш,
Ба монанди ҷаҳони ошиқон шуд.

## СОЯИ АБР

«Боварам нест зи бадаҳдии айём ҳанӯз»[2]
На шикастасту фитодаст дару бом ҳанӯз.
Боли парвози сухан неъмати пирӣ набувад,
Нӯш гардад агарат бодаи гулфом ҳанӯз.
Дил аз ин бодиягардони сабуксайр гирифт,
Чу саробанд ҳама дар талаби ном ҳанӯз.

---

[1] Ин мисраъ аз Аттор аст.
[2] Мисраъ аз Ҳофиз аст.

Ҷон аз ин тӯтиву тӯтисифатон озурдаст,
То буванд аз пайи гуфтори пурибҳом ҳанӯз.
Бе ҷиҳат мурғи чаман нолаву афғон накунад,
Нафитодаст агар чанд таги дом ҳанӯз.
Чун сияҳфом бубинӣ рухи зебои диёр,
Сояи абр бидонаш, набувад шом ҳанӯз.
Шакаре ҳаст дар ин найшакари доди худо,
Ки ба қадраш нарасидаст ягон ком ҳанӯз.
Боварам ҳаст ба некаҳдии айём, вале,
Дили бадхоҳ куҷо рӯй ба ором ҳанӯз.

* * *

Ман намехоҳам бимирам,
Дар дили инсони хушрӯз.
Ман намехоҳам, ки бошам,
Дар дили ҳар хонумонсӯз.

Иддае хоҳад бубинад
Умри тӯлонӣ ба дунё.
Гарчи дар умре надонад
Фарқи умри неку бадро.

Ман намехоҳам замоне
Бори дӯши кас бигардам.
Мурдан авлотар аз он ки
Ман сабук чун хас бигардам.

## КОРВОНИ КИТОБ

Нури дониш меравад аз деҳ ба деҳ,
Базму шодӣ мешавад аз деҳ ба деҳ.
Ҷойи нообođу кӯчак, тангу тор,
Ҳамчу водӣ мешавад аз деҳ ба деҳ.

Нағмаи чангу рубоб орад хабар:
Корвони нури дониш мерасад.
Марҳабо, мардум ба базми маърифат,
Навбати ромиш ба хониш мерасад.

Рӯзгорон бингару айём бин,
Корвони нон напурсад ҳеҷ кас.
Манбаи дониш-китоб, оре китоб,
Шуд ҳама пиру ҷавонро мултамас.

Корвон аз деҳ ба деҳ орад китоб,
Бар сари пиру ҷавон борад китоб.
То намонад бенасиб аз ризқи худ,
Ҳар каси доништалаб дорад шитоб.

Нури дониш ақлро равшан кунад,
Хидмате беҳтар зи сад ҷавшан кунад.
Нури дониш ҷон бубахшад хокро,
Ҷойи ноободро гулшан кунад.

## НАҚБИ ШАРШАР

Дур бингар,
Нақби Шаршар дар ҷанубу ғарбу шарқ
Дӯстонро сахт қоил мекунад.
Душманонро бо ҳама душмангарӣ,
Ҷониби андеша моил мекунад.

Дур бингар,
Нақби Шаршар дурбине мешавад,
Саҳл бинмояд шимолу шарқро.
Ҳусн бахшад роҳи пуршебу фароз,
Дар ниҳебу тарсу ваҳшат ғарқро.

Нек бингар,
Нақби Шаршар дар раҳаш монанди рӯд,
Селу мавҷи одамӣ бар шӯру туғён оварад.
Шӯру туғёне, ки мардумро на озоре ба ҷон,
Балки аз хуршеди нақбаш меҳри ҷӯшон оварад.

Саҳл мангар
Нақби Шаршар на ҳамин нақб асту бас,
Ӯ, ки нури Сангтӯда,
Дасти зӯри халқ дорад,
Ӯ, ки чун Роғуну Норак.
Эҳтиёҷашро барорад,
Шӯҳраташ то бекаронҳо.
То фарози осмонҳо,
То баландиҳои шӯҳрат.
То мазоқи ормонҳо,
Бар забонҳо панд бидҳад.
Бар даҳонҳо қанд бидҳад,
Ӯ, ки аз эъҷози Фарҳод,
Реша дар бунёд дорад,
Он тамоми доду бедод,
Мӯ ба мӯ дар ёд дорад,
Ёд дорад макри даврон.
Фитнаҳои бешумораш,
Бар ҳазорон ҳамчу Фарҳод.
Ранҷҳои ҷонбарораш,
Ӯ кунун бинад замонро,
Ростиву ростонро,
Бингарӣ бар ҳар кӣ, бинӣ.
Аз ҷавонмардӣ нишонро,
Ӯ кунун бинад замона,
Аз ҳунар мӯ мешикофад.
Мекунад мӯъҷиза садҳо,
Дар радифаш як налофад.
Ӯ кунун бинад замона,
Ҷавҳараш дигар намонад.
З-ӯ ба шаш иқлими олам,

Оқилона раҳ кушояд.
Роҳи ваҳдат,
Роҳи ёрон.
Роҳи ҷумла дӯстдорон,
Дар замини Тоҷикистон.

## ДУХТАРИ КӮҲИСТОН

Субҳи содиқ духтаре аз хона берун меравад,
Кӯзаи гулгун ба дасташ чеҳрагулгун меравад.
Кӯза нақшин, курта нақшин, нақш дар оғӯши нақш,
Оламе нақш аз дили кӯҳ рӯ ба ҳомун меравад.
Аз бари санге ба санге, аз сари санге ба санг,
Аз раҳи чун мори печон шӯху мавзун меравад.
Бигзарад аз байни гулҳо ҳамчу гул бишкуфта лаб,
Бо рухи чун лолаву бо лаъли майгун меравад.
Мерасад дилбар хиромон бар лаби оби равон,
Ончунон обе ба шӯхӣ гӯйӣ Ҷайҳун меравад.
Дасту рӯ шӯяд, надонам, ё бишӯяд обро,
Аз ду рухсораш ба дарё дурри макнун меравад.
Об мегирад ба кӯза, кӯза мегирад ба бар,
Кӯза дар бар он парӣ аз об берун меравад....

## САРБАЛАНДӢ

Даме бинам,
Каломи шоири халқам
Ҳарорат медиҳад дилҳои сарду камҳароратро,
Ҷасорат медиҳад танҳои заъфу камҷасоратро,
На танҳо дар диёри худ-
Ба ҳар як гӯшаи дунё,
Бигӯям:
Сарбаландам,
    Сарбаландам,
    Сарбаландам ман.

Даме бинам,
Суруди ҳофизи халқам
На танҳо миллати худро,
Тамоми мухлисони савту оворо,
Ба ҳар як гӯшаи дунё писанд ояд.
Ба шӯр орад,
Ба ҷисму ҷони муштоқаш ҳузур орад,
Бигӯям:
Сарбаландам,
Сарбаландам,
Сарбаландам ман.
Даме бинам,
Забони модарии ман,
На танҳо бар ду-се тан марди кӯҳистон-
Ба ҷумла ҳамзабони ман,
Ба ҳар манзил,
Ба ҳар маҳфил,
Ба ҳар майдон,
Чу мероси ҳазоронсолаи миллат,
Хушбаҳотар ояд аз гавҳар.
Бигӯям:
Сарбаландам,
Сарбаландам,
Сарбаландам ман.

## СУРУДИ ЧӮПОН

Агар ман марди чӯпонам,
Магӯ, дар кӯҳ сарсонам.
Тавоно ҳокиму кошиф
Ба саҳрову биёбонам.
Бузургу сарбаландам ман,
Асоратнописандам ман.

Гузашт айёми зулмонӣ,
Гузашт аз дашт тафсонӣ.
Ба чашми дил намоён шуд,
Раҳи дунёи нуронӣ.
Бузургу сарбаландам ман,
Асоратнописандам ман.

Асоям гоҳ бар дӯшам,
Чу бар дӯши замон тобад.
Ҳама ин пуштаву ин кӯҳ,
Чу рамма пеши рӯ хобад.
Бузургу сарбаландам ман,
Асоратнописандам ман.

Наметарсам зи ашрораш,
На аз каҷдуму аз мораш.
Амон аз ман наёбад ӯ,
Агар созам гирифтораш.
Бузургу сарбаландам ман,
Асоратнописандам ман.

Биёбонро чу гулшан бин,
Шабаш чун рӯз равшан бин.
Зи шӯри ишқ моломол
Канори боғу барзан бин.
Бузургу сарбаландам ман,
Асоратнописандам ман.

Ало, ҷон, барраи дастам,
Бузу бузғолаи мастам,
Бирав, озод мастӣ кун,
Ба мастӣ ҳамчу ту ҳастам.
Бузургу сарбаландам ман,
Асоратнописандам ман.

## БА ИСТИҚБОЛИ ФАРДО

Ман ба истиқболи борон меравам,
Ончунон борони сахту пурниҳеб,
Ки тавонад бишканад долу дарахт,
Кӯҳ шорад бо ҳама сабру шикеб.

Ман ба истиқболи бороне чунин
Рафта, қалби хеш дигар мекунам.
Шуста доғу гарди хомиҳои худ,
Ҷону танро тозаву тар мекунам.

Ман ба истиқболи бӯрон меравам,
Ончунон бӯрони пуршӯру шадид,
Ки бирӯбад аз раҳи худ беамон
Сустбунёд он чи меояд падид.

Ман ба истиқболи бӯроне чунин
Меравам, худро кунам то имтиҳон.
Гар бипоям, шукри ҷони пурумед,
В-арна ҷоям нест байни одамон.

Ман ба истиқболи сармо меравам,
Ончунон сарои сахти қаҳратун,
Ки бубандад ях ҳама буду набуд,
Ях бубандад дар бадан шарёни хун.

Бо табу тоби дили дардошно,
Бо ҳароратҳои меҳри кишварам,
Ман чунин сармо намоям гармтар,
Ман чунин сармо ба гармо мебарам.

Ман ба истиқболи гармо меравам,
Ончунон гармо, ки тафсад баҳру бар.
Санг ҳамчун кӯраи оташ шавад,
Нола хезад аз равони хушку тар.

Бар чунин гармо гузорам ҷони худ,
То бисӯзад, гар бувад бекорае.
Ё гудозад, то шавад дар зиндагӣ
Чорасози дарди ҳар бечорае.

Ман ба истиқболи фардо меравам......

## ТАРОНА

Дилбараки беқарор,
Зебу фари рӯзгор,
Атри насими баҳор,
Ганҷи дили кӯҳсор:

Гул баромад, гул бичин,
Лолаю сунбул бичин.
Қош бидеҳ оби гул,
Гул сари кокул бичин.

Марди саропо ҳунар,
Файзрасони башар,
Барзгару коргар.
Гӯш бидеҳ хушхабар:

Гул баромад, гул бичин,
Наргису сунбул бичин.
Баҳри фурӯғи ҳаёт
Ғайрати нав офарин.

Олами шӯху ҷавон,
Тобу тавони замон,
Марду зани дилситон,
Сӯйи чаман шав равон:

Гул баромад, гул бичин,
Лолаю сунбул бичин.
Рақс бикун ончунон,
Гирд бигардад замин.

## БАРГИГУЛ
*(Суруд)*

Ман он гулам, ман он гулам,
Булбул ғазалхон кардаам.
Субҳи саҳар бо хандаам,
Олам гулистон кардаам.

Хушбӯй чун барги гулам,
Хушрӯй чун барги гулам.
Хушрӯзу хушбахтам, ки ман
Баргигулам, баргигулам.

Гоҳе канори ҷону дил,
Гоҳе ба банди кокулам.
Аз бахти худ нозам, ки ман
Баргигулам, Баргигулам.

## ГУЛБАҲОР
*(Суруд)*

Куртаи гулгун ба тан,
Як тани зебо чаман.
Олами гул мавҷзан,
Дар бадани ёри ман.
Гулшани ҷон, Гулбаҳор,
Гулхани ҷон, Гулбаҳор.

Гул бару домони ӯ,
Гул сару дастони ӯ.
Гул на ки, гулдастае,
Сарви хиромони ӯ.
Гулшани ҷон, Гулбаҳор,
Гулхани ҷон, Гулбаҳор.

Кулчаи рӯ-гул, ки гул,
Милаи мӯ-гул, ки гул.
Аз сари ӯ то ба пой,
Мӯйи ба мӯ гул, ки гул.
Гулшани ҷон, Гулбаҳор,
Гулхани ҷон, Гулбаҳор.

Меравад ӯ гул равад,
Гул ба тани гул равад.
Аз қафояш ҷони ман,
Бастаи кокул равад.
Гулшани ҷон, Гулбаҳор,
Гулхани ҷон, Гулбаҳор.

## ДУНЁИ МАН

Дунёи ман, дунёи ман,
Дунёи беҳамтои ман.
Гоҳе ҳазорону гаҳе
Танҳои ман, яктои ман.

Гоҳе равӣ сӯйи само,
Дур аз сару садои ман.
Рӯйи замини нозанин
Гоҳе шавӣ ҳампои ман.

Гоҳе сағиру гаҳ кабир
Дар ақли бепарвои ман.
Гоҳе ҳақиру гаҳ фақир
Дар дидаи бинои ман.

Дар гӯшаи хилват хушо
Дунёи пурғавғои ман.
Дар олами савдои худ
Дунёи пурсавдои ман.

Дар шӯру туғёнварӣ
Гаҳ баҳру гаҳ дарёи ман.
Дар ҳашмату паҳноварӣ
Гаҳ кӯҳу гаҳ саҳрои ман.

Дунёи ман, дунёи ман,
Пинҳони ман, пайдои ман.
Дар олами пасту баланд
Гаҳ пасту гаҳ болои ман.

Шӯридасар, болидаҷон,
Эй ошиқи шайдои ман,
Оё куҷоям мебарӣ,
Доманкашон аз «ҳой»-и ман...

## БАҲОР ОМАДА

Боз баҳор омада,
Рӯй ба саҳро ниҳам.
Дар бағали лолазор,
Дил ба таманно ниҳам.

Синаам аз бӯйи хуш
Пур бикунам он қадар,
Аз нафасам гул кунад.
Рӯйи замин сар ба сар.

Атри насими баҳор,
Ғун ба канор оварам.
Тоза баҳори диёр,
Бар ҳама дунё барам.

То ҳама дунё барад
Нашъа зи дунёи ман.
Хуш бивазад ин насим,
Аз дами фардои ман.

Он ҳама ранги булур,
Он ҳама борони зар,
Он ҳама нуру сафо,
Шеър кунам, шеъри тар.

Шеъри ҷавонию ишқ,
Шеъри тари орзу.
Бо башар аз бахти худ,
То бикунад гуфтугӯ.

Он ҳама оби равон
Ранг бубахшам зи гул.
Ҷони хумори гулоб,
Ҳанг бубахшам зи гул.

Боз баҳор омада,
Рӯй ба саҳро ниҳам.
Дар бағали лолазор,
Дил ба таманно ниҳам.

## БОРИ АВВАЛ...

Бори аввал баъди бисту панҷ сол,
Аз идора рост хона омадам.
Бо сару афзори худ, бо пойи худ
Бе каму бе кост хона омадам.

Ман нагардидам сари раҳ кӯ ба кӯ,
Ман нағалтидам сари раҳ ҷӯ ба ҷӯ.
Дар суроғи хонаву даргоҳи худ,
Ман начархидам сари раҳ сӯ ба сӯ.

Ман нахандидам раҳораҳ худ ба худ,
Ман нарақсидам раҳораҳ худ ба худ.
Гиря ҳам ҳатто накардам раҳ ба раҳ,
Ман наҷангидам раҳораҳ худ ба худ.

Ман набахшидам ба кас мушту лағад,
«Тӯҳфа» нагрифтам зи кас худ зарба низ.
Бори аввал хона хушёр омадам,
Баъди бисту панҷ соли афту хез.

## БУНЁДКОР

Гӯшае аз гӯшаҳои мулки ҷонон асту ман,
Дашти сӯзон, реги тафсон, хоки бирён асту ман.
Пашшае гар пар занад, – гуфтанд месӯзад параш,
Инчунин ҷоеву садҳо марди майдон асту ман.
Дар тани беҷони саҳро ин замон ҷон медамад,
Чун дар ин саҳро дили бедори мардон асту ман.
Дар пайи бунёд шӯру шавқ бо ҳам ҷону тан,
Дар биёбон ҳукмфармо рӯҳи даврон асту ман.
Този меҳнат? Ё суруди ишқ меояд ба гӯш,
Рӯҳу дил бо ин наво бо ҷон ғазалхон асту ман.
Он чунон атроф тафсон, ончунон танҳо сиёҳ,
Дар сару рӯ обшори дурру марҷон асту ман.
Он қадар хуршед пасту он қадар сарҳо баланд,
Мушкилосон гар ба ҷон ихлосу имон асту ман.

## МЕКУШАД ОХИР МАРО

Ишқи бесомони дилбар мекушад охир маро,
Сӯзи бепоёни модар мекушад охир маро.
Байрақи мардону мардӣ дар ҷаҳон бодо баланд,
Худсарии чанд бесар мекушад охир маро.
Аз нигоҳи дидаву дил гарчи ҳаргиз дур нест,
Шавқи дидори бародар мекушад охир маро.
Модарон осуда бо осоиши давранд, лек,
Дарди бедармони модар мекушад охир маро.
Модарон ошуфтаҷон аз осмони тираанд,
Тирабориҳои ховар мекушад охир маро.
Айб не, ҳарчанд мегӯянд рангу бори рӯ,

Ҳуснбозиҳои хоҳар мекушад охир маро.
Ҳар фитодан менабошад гарчи афтодан зи по,
Бешумор афтиии ахтар мекушад охир маро.
Бо умеди росткориву ҳақиқатпарварӣ,
Ин дили пуршӯру бесар мекушад охир маро.

## ТАБАССУМ

Табассум кун, табассум бар ту мезебад,
Табассум чеҳраатро нур мебахшад.
Даме мавҷи табассум бар лабат печад,
Саропоят зи нури ҳусн мерахшад.

Табассум кун, табассум бар ту мезебад,
Табассум лутфу эҳсонат аён созад.
Табассум занги кибру кин зи дил шӯяд,
Табассум оразатро дилситон созад.

Табассум кун, ки лабҳоят гул афшонад,
Ду чашмат чашмаи меҳрофарин гардад.
Табассум кун, дилат дарё, танат саҳро,
Ду рухсори ту хуршеди барин гардад.

Чу рӯят то ки олам дилрабо бошад,
Мунаввар мисли чашмонат бувад даврон.
Табассум кун, табассум кун, табассум кун,
Аё Модар, аё Дилбар, аё Инсон.

## ОШИҚ

Ошиқам ман,
Меравам рӯ-рӯи барф.
Ҳамчунон аз бӯйи кокулҳои ёр,
Мешавам сармаст ман аз бӯйи барф.

Бо лабони бӯсахоҳам,
Донаҳои барф бӯсам дар ҳаво.
Бо равони масту махмурам аз ишқ,
Дам кашам ман резаҳои барфро.

Аз қафои зарраҳои парфишон,
Чун ғизоли маст чобук медавам.
Пораи барфе маро гар дар даҳон
Об гардад, об гӯйӣ мешавам.

Бо ҳавои барфҳои лак-лакӣ,
Ман сабук парвоз дорам бо умед.
Ноаён худ зери барфу рӯйи барф
Мешавам як пораи барфи сафед.

Дар дили шаҳри саропо масти хоб,
Ман чи хуш бо барф бозӣ мекунам.
Сархуш аз шаҳди висоли дилбарам,
Сарфарозӣ, дилнавозӣ мекунам.

Ошиқам ман,
Меравам рӯ-рӯйи барф.
Ошиқам, э кош, ошиқтар шавам,
Зери барфу рӯйи барф аз бӯйи барф!

## БАҲОРИЯ

Баҳор омад, баҳор омад, хуш омад,
Баҳори гулнисор омад, хуш омад.
Гаҳи боридани борони найсон,
Баҳори файзбор омад, хуш омад.
Дами санҷидани мардони майдон,
Баҳори кишту кор омад, хуш омад.
Табиатро қабо гардид гулгун,
Баҳори лолазор омад, хуш омад.
Ба мӯи дилбарон гул рехт чун зар,

Баҳори зарнисор омад, хуш омад.
Садои булбулон аз тарфи гулшан,
Чу сози обшор омад, хуш омад.
Ба саҳро шӯру шавқи марди деҳқон,
Баҳори гиру дор омад, хуш омад.
Зи эҳёи саропои табиат,
Дилу ҷон беқарор омад, хуш омад.

## МАЪВОИ ДИЛУ ҶОН

Душанбе аз ману ман аз Душанбе,
Маро ин нукта бар дил ҷо гирифта.
Дилу ҷонам, дилу ҷонам дар олам,
Душанберо ба худ маъво гирифта.

Шаби тораш фурӯзон мекунам ман,
Зимистонаш баҳорон мекунам ман.
Ҳама вайронааш ободу маъмур,
Ҳама кораш басомон мекунам ман.

Равон хоҳам ҳама оби Душанбе,
Чу хуршеду чу маҳтоби Душанбе.
Нахоҳам махзани обе, ки рӯзе,
Барад Варзоби шодоби Душанбе.

Душанбе аз ману ман аз Душанбе,
Маро ин нукта бар дил ҷо гирифта.
Дилу ҷонам, дилу ҷонам дар олам,
Душанберо ба худ маъво гирифта.

Душанберо чу як гулдаста хоҳам,
Гули гулдаста гулчин баста хоҳам.
Надорад гар гуле бӯйи Душанбе,
Аз он гулдастааш вораста хоҳам.

Сано бар модаре – меҳраш ба фарзанд,
Ба ҳукми шӯълавар хуршед гардад.
Сано бодо ба фарзанде, ки модар,
Ба нури фитраташ ҷовид гардад.

Душанбе аз ману ман аз Душанбе,
Маро ин нукта бар дил ҷо гирифта.
Дилу ҷонам, дилу ҷонам дар олам,
Душанберо ба худ маъво гирифта.

## БАҲРИ СИЁҲ

Ҳар кучо дар хам-хами лабҳои ту,
Ҷуз сияҳ, аз ранг гулчин дидаам.
Ҳар кучое дар канори меҳри ту,
Ранги тиллоиву заррин дидаам.
Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?

Дар булӯрӣ ранги обат оварад
Чашмаҳои кӯҳсоронро ба ёд.
Қаъри пурганҷу наҷибат оварад
Рӯдҳои Тоҷикистонро ба ёд.
Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?

Ранги обат дидаам садранг ман,
Ҳар кадомаш дидаам хушранг ман.
Зарду сабзу обию сурху кабуд,
Меписандам мисли хуш оҳанг ман.
Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?

Дил барад омоли ту, савдои ту,
Шавкати домони беҳамтои ту.
Дил барад аз дилбарону ошиқон,
Сайру гашти ҷонфазо дунёи ту.
Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?

Савту овози насими ту ба гӯш,
Нонабишта сози аъло оварад.
Ончунон созе, ки дар рӯи замин,
Яктании ҷумла дилҳо офарад.
Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?

Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?
Аз сиёҳӣ нест чун дар ту нишон?
Ҷуз латофат, ҷуз шарофат, ҷуз шараф,
Аз табоҳӣ нест чун дар ту нишон?
Пас, чаро Баҳри Сиёҳат гуфтаанд?

## НАСИМИ БАҲР

Насими баҳр меояд,
Чу он шаббодаи саҳро,
Ки мепечад зи гандумзор
Ба гирду пеши хирманҷо.

Насими баҳр меорад,
Ба гӯш овози дуродур.
Хаёлатро насими баҳр,
Диҳад парвози дуродур.

Насими баҳр меборад,
Ба рӯят шабнами реза.
Ба пилки чашм мегардад,
Аз он дурдона овеза.

Насими баҳрро бӯ кун,
Насими баҳрро дам каш.
Саропо бӯйи гул дорад,
Саропо бӯйи гул тамъаш.

Насими баҳр мебахшад,
Ҳаловат бар тану ҷонам.
Чунон аз кори некӯе,
Ҳаловат бурда виҷдонам.

* * *

Баҳрро ман Тоҷикистон мебарам,
Бо ҳама боду ҳавои форамаш.
Бо ҳама савту навои ҷонфазо,
Бо ҳама дунёи шӯху беғамаш.
Баҳрро ман Тоҷикистон мебарам.

Аз муҳаббат, аз садоқат бар Ватан,
Дар канораш шеъри нав тавлид шуд.
Шеъри тоза бо ҳақиқатҳои умр,
Мисли як афсонае ҷовид шуд.
Баҳрро ман Тоҷикистон мебарам.

Баҳрро ман Тоҷикистон мебарам,
Бо ҳама он ҳашмати паҳновараш.
То набошам лаҳзае аз он ҷудо,
То нагардам дур умре аз бараш.

Аз маконе бар макони дигаре,
Баҳрро осон бувад бурдан ба ман.
Сад ҳазорон бор осонтар аз он,
Дур бошам, дур мирам аз Ватан.
Баҳрро ман Тоҷикистон мебарам.

## ОБИ МУСАФФО

Ман кишвари худ дидаам аз оби мусаффо,
Тобандатар аз хирмани маҳтоби мусаффо.
Тоҷик ба сад давру замон ҳеҷ надида,
Зебо Ватан ин гуна ба як хоби мусаффо.
Моем дар оинаи ин гавҳари рахшон,
Бо фазлу хирад зарраи шабтоби мусаффо.
Маҳтоб хиҷил гашта ба даври фалак имрӯз,
Чун дида зи худ хуштару ноёби мусаффо.
Ҳар қатраи оби чамани мамлакати ман,

Бахшад ба дилу ҷони башар тоби мусаффо.
Арзандаӣ, тоҷик, бифахриву биболӣ,
К-аз туст ҳама ғулғулаи оби мусаффо.
Кас нест дар ин даври фалак, аз раҳи раҳмат,
Н-орад ба забон ин сухани ноби мусаффо.
Чун дакка ба гардун назанад ҳисси тафохур,
К-имрӯз диёрам шуда дилёби мусаффо!

## ИЛҲОМ АЗ «ШАҲРОШӮБ»-И САЙИДО

**Бофанда**
Дилбари бофандаи ман тори маънӣ бофта,
Кокулонашро ба пушти шонааш партофта.
Мехиромад ҳамчу кабки маст гирди дастгоҳ,
Ошиқонаш бо дили садпора мегӯянд: «оҳ».

**Ресанда**
Дилбари ресандаро бин, ришта мересад мудом,
Риштаҳои дӯстиву иттиҳоди бардавом.
Ҳар ки ӯро дид, мегӯяд ҳазорон офарин,
Бар ту, эй моҳи ҳунарманди ҳама Эронзамин.

**Гилкор**
Дилбари гилкори худро дар баландӣ дидаам,
Вақти кораш ҳай базебу дилписанде дидаам.
Ман зи пастии замину ӯ баландии ҳаво,
Ҳамдигарро бӯсаҳо додем бо амри худо.

**Оҳангар**
Шӯхи оҳангар маро бисёр ҳайрон карду рафт,
Қалбро дар синаам чун кӯра тафсон карду рафт.
Кор дорам, гуфту сӯйи коргоҳаш рӯ ниҳод,
Оҳанин рафтори ӯ мақсуди ман барбод дод.
Оҳани ҷону тани ман сард мегардад агар,
Шӯхи оҳангар зи оҳанҳо бихезонад шарар.

**Дарзӣ**
Шӯхи дарзӣ гар барои кӯдаке дӯзад либос,
То ба пирӣ ӯ аз ин ҷома намегардад халос!
Гар барои пир дӯзад шӯхи дарзӣ ину он,
Аз кароматҳои дасташ пир мегардад ҷавон.

**Сӯзангар**
Шӯхи сӯзангар ҳикоят мекунад,
Аз дили сӯзан ривоят мекунад.
Аз набуданҳои кор имрӯзҳо,
Бо забони най шикоят мекунад.
Иттиҳоду дӯстӣ, мегӯяд ӯ,
Кори мардумро кифоят мекунад.

**Кӯзагар**
Он нигори кӯзагар кӯза чи мушкил мекунад,
Бештар бар кӯзаҳояш нақши ботил мекунад.
Кӯзаҳо чун кӯҳҳо оянд агар каҷмокаҷак,
Айбҳои он ҳама бар гардани гил мезанад.

**Кулолӣ**
Аз раҳи Регар кулолӣ мерасад,
Бар Душанбе хушҷамоле мерасад.
Корҳо парчов гӯён, рангзард,
Назди ёрон дасти холӣ мерасад.

* * *

Чойнике нест аз Регар базеб,
Як пиёла нест з-он ҷо дилфиреб.
Он кулолӣ худ, вале дорад фузун,
Косаҳову чойникҳои аҷиб.

## ДУ СОНЕТ

Ба андоми мубарро аз гуноҳат,
Нигоҳамро равона мекунам ман.
«Нигаҳ дорам худоям дар паноҳат»
Таналло ошиқона мекунам ман.

Фурӯ резад, ниҳон гардад чи зебо,
Нигоҳи ман, саропои вуҷудам.
Ба ҷисми ту, ба он дунёи воло,
Чи дунёе! Ҳама буду набудам.

Фурӯ резад, ниҳон гардад, ва инак,
Худоё! Худ саропо дар ту бинам.
Ана, ман дар тану ҷони ту, бешак,
Ана, бахти ягона дар заминам.

Ду ҷону тан яке гардад ҳамон дам,
Дуӣ касро набошад заррае ҳам.

* * *

Ту зебоӣ, ту ширинӣ, ту раъно,
Ба ҳусни беназират панд дорӣ.
Ту барноӣ, ту яктоӣ, ту воло,
Агарчанде, ки даҳ фарзанд дорӣ.

Чи ҳусни беназире! Қатра-қатра
Зи рухсорат дами бо ҳам дар оғӯш,
Ба рухсорам таровад чакра-чакра
Булӯри пайкарат сӯзад бару дӯш.

Магар бахшӣ дами будан ҳамоғӯш
Ба ишқи поку беохир тарона.
Ки аз ҷонат чунон пуршӯру пурҷӯш
Занад бо ҳусни бепоён забона?

Муҳаббат заъфи пирӣ кай пазирад,
Ду ҷон якто, ки шуд, ҳаргиз намирад!

## МЕБИНАМ

Нафас андар гулӯ печад, чу як бекор мебинам,
Вале бекор дар ин мулк ман бисёр мебинам.
Душанбе ҷаннати рӯйи замин гаштаст, бад набвад,
Дар ин ҷаннат, вале афзун каси мурдор мебинам.
Ба рӯйи ҳар ки бинмоям нигаҳ бо чашми дил, ҳайҳот,
Ҷамоатро саросар зиқу ғамбемор мебинам.
Наёбӣ як дили хуррам дар ин хоки пур аз мотам,
Забонҳоро агарчи ҷумла хушгуфтор мебинам.
Агар ёбӣ яке қонеъ зи сарсон гаштани тоҷик,
Паямбарзода ҳам бошад, варо беор мебинам.
Ба ҳар маҳфил, ба ҳар маҷлис, ки мегӯянд аз ваҳдат,
Вале ҳосил зи ваҳдатҳо фақат озор мебинам.
Чароғи маърифат, гӯйӣ, ҳамин ҳоло ҳамемирад,
Ҷавононро на дар мактаб, ки дар бозор мебинам.
Надонам, пеши кӣ узр оварам ман, гар биёрам узр,
Дар ин гулшан ба ҷойи гул фаровон хор мебинам.

## ПАРИ МУРҒ

Аз дарича мурғаке парвоз кард,
Достоне бе сухан оғоз кард.
Гирди ман пуршӯр болу пар бизад,
Болу пар манро ба рӯву сар бизад.
Оқибат, ӯ як параш партофт, рафт,
Як пари бас дилбараш партофт, рафт.
Аз дарича парзанон берун парид,
Рӯ ба дашту гулшану ҳомун парид.
Гӯиё бо як нигоҳи хайру хуш,
Кор фармо, – гуфт бар ман, – ақлу ҳуш.
Он пари мурғак гирифтам ман ба каф,
Пар на, ки гӯйё гирифтам ман садаф.
Ваҳ, аҷоиб дилкашу зебост он,
Дар латофат бе каму бекост он.

Хурдакак, аммо саросар ҳикмат аст,
Олами ҳусн асту ганҷи ҳиммат аст.
Гир манро, – гӯяд ӯ, – иншо бикун,
Созу сӯзи ҷони худ ифшо бикун.
Аз дили дардошно миннат маҷӯ,
То зи по н-афтодаӣ, роҳат маҷӯ.

## БАРГАРД ВАТАН

*Писарам, вақте ки ту хурдсол будӣ, мегуфтӣ:*
*Ман калон мешавам,*
*Қаҳрамон мешавам.*
*Бар Ватани худам,*
*Посбон мешавам.*

*Инак, калон шудӣ, писарам. Қаҳрамону паҳлавон ҳам шудӣ. Аммо дар Ватани худат нестӣ. Дар ғарибиҳо аз пайи дарёфти як луқма нон сарсону саргардон гаштаӣ.*

*Баргард Ватан, эй писарам, эй писарам, эй писарам,*
*Баргард Ватан, ҷону ҷигар, нури басар, тоҷи сарам.*

Дур аз Ватанӣ, чи ҳол дорӣ, писарам?
Оё зи Ватан ёд наорӣ, писарам?
Ё дар ғами ҷони худ фаромӯш кардӣ,
Хешони азизат, писари дарбадарам?

Бе ту, писарам, зору низор аст, Ватан,
Бе даскаву бе дӯкони кор аст Ватан.
Мардум, ки зи шуғли пеша маҳрум шуда,
Дар чашми ҷавону пир хор аст Ватан.

Мо зинда ба монанди гадоем ҳама,
Шарманда зи аҳкоми худоем ҳама.
Ин хок пур аз неъмату мо хокираҳон,
Дар қабзаи он чӣ бенавоем ҳама.

Ту рафтиву аз ғамат фано шуд падарат,
Аз доманае бурун наёмад писарат.
Ту бехабарӣ, ки ҷон супурданд, дареғ,
Ҳам холаву ҳам момаву бобои карат.

Гар бехабарӣ, замин ба мардум доданд,
Бар халқ раҳи демукрасӣ бикшоданд.
Мо, беваю бечораи мисли рамаро,
Дар зери пари гурги қазо бинҳоданд.

Гӯянд, дар он ҷо кӯчарӯбӣ, писарам,
Гаҳ тахтакашиву сангкӯбӣ, писарам.
То рӯзе аз ин пешаҳо пешат накунанд,
Хубаш, ба Ватан биё ба хубӣ, писарам.

Гуфтӣ, ки ба як ҷавон ҳунар чилта кам аст,
Хондиву бихондиву ҳунарманд шудӣ.
Аз дасти замони шуму номард вале
Бар рисқи гадоивор хурсанд шудӣ.

Ман чашми тамошо, ки надорам, писарам,
Аз ҳар навии замони нав бехабарам.
Гӯянд Ватан биҳиштосо шудааст,
Эй кош, бубинад ҳама ин чашми сарам.

Ман шубҳа ба ин капу калоча дорам,
Атроф, ки пур камбағалу бемор аст.
Дар деҳа намонда не ягон марди ҷавон,
Аз зиндагие чунин ҳама безор аст.

Ман дар раҳи ту ба чашми чорам, писарам,
Бемору ҳақиру бемадорам, писарам.
Эй кош, пеш аз супурдани ҷон ба худо,
Дар сина даме сарат гузорам, писарам.

Бар туву ҳазорон чу ту мо зор ҳама,
Бе туву ҳазорон чу ту мо хор ҳама.

Мо зор, Ватан зор, замона ҳама зор,
Додем зи каф гӯиё мо ор ҳама.

Хоки падарии худ биё, обод кун,
Шоҳии ғарибӣ накунад суд, бачам.
Ҳар кас, ки зи асли худ ҷудо мегардад,
Дар умр ягон лаҳза наосуд, бачам.

Бар ҳарзаи ҳар нохалафе гӯш мадеҳ,
Мардонасифат аз паи имдоди Ватан шав.
Баргард, бе бедод дигар роҳ бубанд,
Ту доди Ватан, доди Ватан, доди Ватан шав!

Баргард Ватан, эй писарам,
эй писарам, эй писарам,
Баргард Ватан, ҷону ҷигар,
нури басар, тоҷи сарам.
Баргард Ватан.....
Баргард Ватан, тарки Ватан дарди гарон аст,
Чашми зану фарзанд ба роҳат нигарон аст...

## МАРСИЯИ ШӮРАВӢ

Ҳайф шуд, ки Шӯравӣ аз байн рафт,
Ин ҷаҳони бекаронро айн рафт.
Оламе чун одами ҷаннатнишон,
З-ин ҷаҳони пуршӯру пуршайн[1] рафт.
Орзуи бахти бедори башар,
Бо сукути Шӯравӣ аз байн рафт.
Одамӣ бе раҳнамо шуд дар раҳаш,
Раҳнамояш чунки аз мобайн рафт.
Ақли солимро сари солим намонд,
Он ҳама бо Шӯравӣ бе дайн рафт.
Чашмае дар домани гулзор буд,

[1] Шайн, нуқсон.

Сад дареғо, аз ҷаҳон ин айн[1] рафт.
Мо ҳақиқат дар фасона дидаем,
Ин ҳақиқатро, дареғо айн[2] рафт.
Ёди некаш гарчи монад ҷовидон,
Ӯ зи мо бо умри ҳарфи айн[3] рафт.

## БАМАНСАБ

Бамансаб ҳар чи мегӯяд, дуруст аст,
Бамансаб ҳар чи меҷӯяд, дуруст аст.
Намонад по хато ҳаргиз бамансаб,
Чи вақте, ҳар чи мебӯяд, дуруст аст.

Бамансаб хушадо гуфтор дорад,
Бамансаб беибо рафтор дорад,
Агар чи каллаи холӣ ба гардан,
Бамансаб дилбари бисёр дорад.

Бамансабро намехандад касе ҳам,
Зи дашномаш намеранҷад касе ҳам.
Ба вақти жожхойӣ, ҳарзагӯйӣ,
Даҳонашро намебандад касе ҳам.

Бамансаб чун зи мансаб рафт, ё пир,
Бирафт аз ӯ ҳама тадбиру такбир.
Зи шерӣ заррае дар ӯ надиданд,
Бишуд дар оби рӯ чун рӯбаҳи пир.

---

1 Айн, ба маънои чашма.
2 Айн, асал.
3 Айн ишора ба номи ҳарфи бисту якуми алифбои арабии тоҷикӣ, ки дар ҳисоби абҷад ба 70 баробар аст. Шӯравӣ ҳам 70 сол умр дид.

* * *

Боғест маро, ки бар надорад,
Чун ёр ба он гузар надорад.
Роғест маро, самар надорад,
Чун ёр ба он назар надорад.
Доғест ба дил маро зи олам,
Олам зи дилам хабар надорад.
Ин ҳоли марову ҳолати ман,
Андар ду ҷаҳон дигар надорад.
Имрӯзи маро набинад он кас,
К-аз рӯзи азал басар надорад.
Барқ аст ба даҳри дун нигоҳам,
Афсӯс, вале шараф надорад.
Дар кавну макон нишонаи ман,
Зер аст фақат, забар надорад.

## ЭЪТИҚОД

Ҳамон кохи нигорине,
Ки сар бар осмон сояд,
Чу хуршеду маҳи гардун
Ҷаҳонро нур бахшояд.

Ҳамин имрӯз ё фардо,
Зи бехаш сарнагун гардад.
Ҳама хишташ, ҳама чӯбаш,
Бисӯзад, ғарқи хун гардад.

Ки аз пули ҳаром аст он,
Зи нашъа, ғорату дуздӣ.
Худовандо, худат донӣ,
Ки донишманди бемуздӣ.

Дарунаш тӯдаи беғам,
Мисоли анкабӯтонанд.
Намехобанд, мекобанд,
Киро бар дом афтонанд.

* * *

Ана, он кулбаи гилин,
Ки чун дар мӯза[1] истода.
Дарунаш аз бурунаш беш,
Табаҳ гардида, афтода.
Мусаффо мешавад рӯзе,
Муҷалло мешавад охир.
Ки хокаш гавҳари ноёб,
Ки соҳиб бошадаш тоҳир.

Хирадманде ба ҳоли зор,
Ба сар бори ҷаҳонаш бор.
Дар он ҷо зиндагӣ дорад,
Зи дунёву шараш безор.

Ҷаҳони ҳамчу хуршедаш,
Ҷаҳонро гарм хоҳад кард.
Ва чашми кӯрро бино,
Ва дилҳо нарм хоҳад кард.

## НАХОҲАМ КАРД

Беҳуда дар ин дунё рафтор нахоҳам кард,
Бо хислати бад ёрон безор нахоҳам кард.
Ин даҳр фузун дидам, ҳам дидаму санҷидам,
Дар назди зи худ оқил гуфтор нахоҳам кард.
Олам, ки худододаст, хулқаш ҳама озод аст,
Ман як нафари онро озор нахоҳам кард.
Мастанд агар мардум, аз бодаи марзу бум,
Ман як нафар аз онҳо ҳушёр нахоҳам кард.
Бар хоб агар рафта бе орзуи зинда,
Аз хоб чунин касро бедор нахоҳам кард.

---

[1] Музей, осорхона.

Бо марди ҳунарманде, хушрӯзу барӯманде,
Бо иллати нодонӣ пайкор нахоҳам кард.
Ин дӯзахи ҳасту буд, ин зиндагии ношуд,
Афсонаи бобоӣ пиндор нахоҳам кард.

## БОЗ БОРОН.....

Боз борон,
Боз борон....
Боз аршу фарш мотампӯш,
Боз фаршу арш мотамдор.
Боз дар дилҳо ҳама ғам,
Боз дар чашмон ҳама нам.
Боз бар ман,
Балки милёнҳо шабеҳи ман,
Ин ҳаво бисёр нофор аст,
Ин ҳаво бисёр мурдор аст.
Оҳ, ҳай сард аст ин борон,
Бедаво дард аст ин борон.
Боз гулҳои хазон тар,
Шохаҳои холӣ аз барги дарахтон тар,
Кӯчаҳо тар,
Дидаҳо тар,
Тоҷикистони ҷавон тар...

Боз борон,
Боз борон...
Боз ашки дидаву дил
Сар занад аз рӯйи соҳил.
То ба кай тоҷик сарсон,
Аз барои луқмаи нон?
То ба кай хоки ғарибӣ
Медиҳад ӯро насибе?
То ба кай хорӣ, залолат
Баҳри ин бечора миллат?

Боз борон,
Боз борон...
Боз пахта камсамар шуд,
Ҳосили оварда бар каф,
Ноаён гум аз назар шуд.
Боз арзизу зару сим,
Бар «наҳангон» гашт тақсим.
Боз дар хоки ману мо,
Бенаво бисёртар шуд,
Ҳам гадо бисёртар шуд...

Боз борон,
Боз борон...
Дар хазон борону борон,
Беамон борону борон.
Иддае борони раҳзан,
Иддае лучи сару тан.
Иддае аз серӣ ислоҳ,
Иддае аз факр беҳол.
Ҷумла аммо мезанад чак,
Ҳура, ҳура, лак, лаку лак.
Ҷовидона бод, бодо,
Ин ҳаёти шод, шодо....

Боз борон,
Боз борон....
Боз ашки шашқатарон,
Моли давлат беназора,
Ҳоли давлат беназора.
Рӯзгорон гиряовар,
Бар салоҳаш нест бовар.
Кас шаб аз рӯзаш надонад,
Кас худашро кас нахонад.
Оҳ, сад оҳ, ин чи борон,
Кай сар ояд рӯзгорон?

## ХИРС ВА ОДАМОН

Бидидам дар канори рӯди шаҳри гарми пурғавғо,
Парешонҳолу ошуфта гиребончок хирсеро.
Ҳамон хирсе, ки андар кӯчаҳову боғу майдонҳо,
Ҳунарҳое нишон медод баҳри ҷамъи инсонҳо.
Ҳамон хирсе, ки ҳар гаҳ одамонро завқ мебахшид,
Ба лутфи меҳрубониҳои пурэъҷози каснодид.
Ҳамон хирсе, ки назди соҳиби пираш чу чокар буд,
Дар ин дам, дар лаби рӯди равон як хирси дигар буд.
Ба қаъри об мезад ғелу соҳибро нидо мезад,
Нидое ботараҳҳум, пур зи ҳилму илтиҷо мезад.
Ба завраҳ медаромад, пири соҳибро садо мекард,
Садое ботараҳҳум, пур зи ҳилму илтиҷо мекард.
Маро ин ҳолати ҳайвони бечора ба ҳуш овард,
Ба пеши рӯ бидидам он ҳунарҳое, ки ӯ мекард.
Чи таҳқире, чи озоре зи хайли одамон медид,
Чи сангу чӯб бар рӯяш, ба дасту пош мекӯбид.
Вале аз эҳтироми соҳиби пираш намеранҷид,
Агарчанде ба риши он ҳама беақл механдид.
Намеранҷонд соҳибро, к-аз ӯ шири башар хӯрдаст,
Ба тифлию ятимӣ лаҳзае аз ӯ наёзурдаст.
Наранҷонад, ки медонад, ба ӯ пайваст тадбираш,
Ҳама тақдиру такбираш, ҳама ширинии умраш.
Ва мегӯяд: «Биё, соҳиб, зи банду фанд парҳезем,
Биё, аз чашми ин хирсон ба ҷое дур бигрезем».

## ПАНДИ ПИР

Ба як ришу фаши зебо,
Ба як андоми нағзи маҷлисоро.
Ба як рӯи зи ҳикмат бас мунаввар,
Нишоне аз шарофат – салла бар сар.
Тагу рӯ мекунад дар кӯча ахлот,
Ба лутфу меҳрубонии худодод.
Ба чашми заргари ӯ ҳар чи афтад,

Даруни кӯлабори хеш бинҳад.
Шавад пур кӯлабор, ӯ бо қаноат,
Ниҳад онро сари китфаш ба ғайрат.
Дар ин дам кас чу ӯ хушнуд кам дид,
Зи тамкинаш замин як дам биларзид.
Чу ин дидам, бипурсидам ба ҳайрат:
Чӣ асроре ҳама ин ҳол дорад?
На аз ғурбат, – бигуфто, пири мунъим,-
Зи ахлоти Ватан кобам зару сим!

## ТОҶИК БИМОН

Тоҷикам, дар ин ҷаҳон тоҷик мон,
Дар ҷаҳони бекарон тоҷик мон.
Бар фалакҳо гар қадам монӣ ҳаме,
Дар замину осмон тоҷик мон.
Бар сарат гар санг борад рӯзгор,
Бар алайҳи ину он тоҷик мон.
Имтиҳон бисёр дорад зиндагӣ,
Дар ҳама он имтиҳон тоҷик мон.
Бори дунёро агар борат кунанд,
Зери он бори гарон тоҷик мон.
Гар баҳору гаҳ хазон дорад ҳаёт,
Ҳам баҳору ҳам хазон тоҷик мон.
Гаҳ ба қасдат душмане рӯ оварад,
Гулхане сӯзанда ҷон тоҷик мон.
Бигзарад ҳар фитнаи дунёи дун,
Эй, нажоди ориён, тоҷик мон.

## КАЗИНО

Хуштарин нақшу нигори диданӣ,
Балки хуштар аз нигори диданӣ.
Як нишон аз санъати даври кӯҳан,
Шӯҳрати тоҷик дар ҳар анҷуман.

Як нишон аз Монию Беҳзодҳо,
Ифтихори дар ҳунар Фарҳодҳо.
Он чунон нақшу нигоре, Рӯдакӣ,
Менашуд аз диданаш сер андаке.
Ҳофизу Саъдӣ ҳаме мафтуни он,
Мавлавиҳо ҳар кучо мачнуни он.
Ногаҳон, дар рӯзи равшан шуд фано,
Аз кароматҳот гардам, эй худо!
Не зи оташ, не зи селу зилзила,
(Аз чунин офат намешояд гила).
«Ихтиро»-и дасти инсон буда он,
Дасти инсоне, ки нодон буда он.
Варна он нақшу нигоре нозанин,
Бе гуноҳе чун шавад нақши замин?
Варна он ганчи ба зоташ бебаҳо,
Аз чӣ мерафтаст бар боди фано?
Казино бунёд гашта чои он,
Казино бар чойи ганчи шойгон?
Гӯиё, чое дигар пайдо нашуд,
Бар диле ё он ҳунарҳо чо нашуд?
Ё касе ҳам зӯри худро озмуд,
К-эй, агар хоҳам барорам дуди дуд!
Ин каромат қиссае орад ба ёд,
К-он саросар ҳаст заҳри ҳачву бод:
Каллаи гове ба хум дар мондааст,
Соҳиб андар кор музтар мондааст.
Сахт ҳайрон, мушкил осон чун кунад,
Каллаи говаш чи сон берун кунад.
Одами бисёр ҳам ҳайрон ҳама,
Дар илочи кор саргардон ҳама.
Оқибат, донои деҳро хондаанд,
Ин муамморо ба ӯ фаҳмондаанд.
– Говро, эй, зудтар гардан занед,
Баъди он филфавр хумро бишканед.
Шуд, ана гуфтаст ӯ бо карру фар,
Эй, шумо аз фаҳму дониш бехабар.
Ҳолатон бе ман чи мешуд, эй худо,

Бо чунин ақлу тамизи норасо!...
Бозсозиро ҳамин бошад самар,
Аз чунин эҷодкорон, алҳазар!
Ҳар ки моли халқ ғорат мекунад,
Бар заволи худ ишорат мекунад.
Гар надонад ҳар касе ин нуктаро,
Ҳаст инсоне сару по дар ҳаво.

## НАБОШАД

Рӯзе расад, ки моро рӯзи дигар набошад,
Рӯзи дигар куҷо ки, шому саҳар набошад.
Ёрон ҳама якояк аз ин ҷаҳон бирафтанд,
Ҷуз роҳи он азизон роҳи дигар набошад.
Дидем ин ҷаҳонро, хондем он ҷаҳонро,
Дар ду ҷаҳон зи будан ҷуз ин самар набошад.
Хуб аст зиндагонӣ, марғуб комронӣ,
Ин ду агар замоне шуғли ҳадар набошад.
Бар чоҳ мефитад ҳам, бар роҳ мефитад ҳам,
Он кас, ки дар бисоташ нури басар набошад.
Олам надида ҳайфо, одам надида ҳайфо,
Он кас, ки дар ниҳодаш ҳусни назар набошад.
Машмор одам онро, бадхоҳи мардумонро,
К-аз мардумии одам ҳеҷаш хабар набошад.

## НАХОҲАМ РАФТ

Ман аз ҳарами ҷонон ноком нахоҳам рафт,
В-аз доираи даврон бе ком нахоҳам рафт.
Дар ғамкадаи ёрон чун ғамзада мемирам,
Аз ҳамҳамаи мардон ором нахоҳам рафт.
Дар кӯи вафодорӣ мардона супорам ҷон,
Дар дағдағаи ёрӣ бе бом нахоҳам рафт.
Овора шавам гар ман, садпора шавам гар ман,
Бе тантанаи матлаб фарҷом нахоҳам рафт.

Бар рағми ҷаҳони дун, бар қасди басе малъун,
Ман дар назари мардум бадром нахоҳам рафт.
Бар сӯги азизон ҳам, бар марги хабисон ҳам,
Бар мотами хасмон ҳам пидром нахоҳам рафт.

## БОРОНИ ШАБОРӮЗӢ

Борони шаборӯзӣ
Аз хеш асар бигзошт.
Дар дашту даман матлуб,
Бунёди самар бигзошт.

Борони шаборӯзӣ,
Зангор зи дилҳо бурд.
Ин ашк аҷаб ашке,
Ранҷурии дунё бурд.

Борони шаборӯзӣ,
Рӯзу шаби мо гум кард.
Омад, ки чунон омад,
Моро ҳама раҳгум кард.

Борони шаборӯзӣ,
Дар бурҷи ҳамал хуш бод.
Бар ҷону тани ошиқ,
Чун моҳи асал хуш бод!

Борони шаборӯзӣ,
Пуршафқату дилсӯзӣ.
З-он қатри гуҳарҳоят,
Бахшой ба ман рӯзӣ.

Борони шаборӯзӣ,
Борони шаборӯзӣ....

# ДАР ПУШТИ ГИРЕҲИ ГУЛӮБАНД

Дар пушти гиреҳи як гулӯбанд,
Ӯ бори нахуст шӯҳрате дид.
Ин шӯҳра ба чашми озварзаш,
Чун шӯълаи офтоб тобид.

Гул карду шукуфт дар зимистон,
Боғоти хаёли нафси ғораш.
Чун баҳри дамони бекарон шуд,
Дар як дами барқ иқтидораш.

Дигар шабу рӯз гардани ӯ,
Як лаҳза набуд бе ҳамин банд.
Девори гиреҳи он бигардид,
Пинҳонгари макру ҳиллаву фанд.

Дил, яъне Масеҳи покро пас,
Сар дод фазои бекарона.
Он бар тани ӯ, ба синаи хок,
Дигар нанишаст ҷовидона.

Чун гашт ҷудо аз он муқаддас,
Биншаст дар ӯ вуҷуди шайтон:
Бояд, ки ба ҳар васила гирад,
Аз зиндагӣ сарвати фаровон.

Бунёд ниҳод қаср аввал,
Аз мармару зумраду забарҷад.
Он сон, ки зи ҳашматаш сари кас,
Чун масти шароб чарх мезад.

Ӯ худ ва тамоми аҳли байташ,
Якбора шуданд зарҳалипӯш.
Буданд агар баробари хок,
Гаштанд ба офтоб ҳамдӯш.

Ганҷаш ба мисоли ганҷи Қорун,
Гар рӯзу шабон зиёда мешуд.
Ӯ худ ба дилу нигоҳи мардум,
Аз аспи шараф пиёда мешуд.

Бобову падар, ки пушт бар пушт
Чун оина беғубор буданд.
Аз чашмаи молу ҳолати ӯ
Хурсанд куҷо, фигор буданд.

Бар дидаи ҳақ чу беди маҷнун
Гаштанд парешу сархамида.
Карданд видои зиндагонӣ,
Уммеди раҳоие надида.

## МУРҒ ВА КАБК

Мурғе зи катак гашта бурун бо сари боло,
Афшонда пару бол, ба ҳар сӯй нигаҳ дӯхт.
Кабке ба қафас дид ба як шохи дарахте,
Аз кибр ба аҳволи ғарибак дили ӯ сӯхт.

Бо қудқуди болидаву ошӯбгарона,
Наздик шуд он мурғ ба он кабку бигуфташ:
Ҳай зиндагӣ дорӣ, зи шараф орию нохуш,
Аз дидани ҳоли ту дили ман бикунад ғаш.

Маҳрум зи озодии, умре ба қафас банд,
Кайфияти дунёву ғами ишқ надонӣ.
Монанди гадое, ки зи по мондаву аз даст,
Дар хилвати худ шод ба як донаву донӣ.

Ман мурғаму озод дар ин олами зебо,
Парвои баду неки ҷаҳон ҳеҷ надорам.
Гардам ба ҳавас, бишканам армон, ки замона,
Чун ту нафишорад ба кафаш дору мадорам.

Дар посухи ин таънаи мармузу маломат,
Бо лаҳни сарафкандаи хуш кабк бигуфто:
Ман рӯзии худ аз ҳунари хеш биёбам,
Эй, дӯст, тамошои ҳунар сӯбҳи саҳар о.

Донӣ зи худо соҳиби арзандатарам ҳаст,
Ӯ беҳ зи худаш ҷони маро ҳифз намояд.
Он қадр сарафрозаму хушнуд, ки ё раб,
Бар ӯву азизонш зи ман умр физояд!

Ин дам ду ҷавон – соҳиби он мурғи сабукфикр
Сур карда гирифтанду бикуштанд варо, ҳон.
Хун, гарчи дили кабк аз ин қисмати нохуш,
Хушнуд, вале ҷону дили якдама меҳмон.

## САГУ ПИШАК
*(Манзума)*

Як сагу як гурба дар як хонадон,
Хонадони хурраму пуробу дон,
Як замоне зиндагонӣ доштанд,
Лек бо ҳам бадзабонӣ доштанд.
Гурбаро саг тоқати дидан надошт,
Ғайри ӯ гӯйӣ дигар душман надошт.
Гурба гарчи доим аз саг дур буд,
Боз ҳам дар чашми ӯ манфур буд.
Дошт, бешак, он замонҳо рӯзи сахт,
Гурбаи бечораи баргаштабахт.
То даме, як рӯз аҳли хонадон,
Рафт ҷое, монд ин ду хонабон.
Аз қазо, саг баставу ноҷур буд,
Гурба аз ин ҳоли ӯ масрур буд.
Рафта-рафта нолаи саг паст шуд,
Гурба аз ин ҳолати ӯ маст шуд.
Хаста шуд аз акаки бисёр, – гуфт,
Ин саги девонаи беор, – гуфт.

Ман ба қасдаш хуб роҳат мекунам,
Назди чашмаш истироҳат мекунам.
Ин бигуфту сӯйи оғил раҳ гирифт,
Аз бари саг роҳро кӯтаҳ гирифт.
Саг чу дидаш, бо садои пур зи меҳр,
Гуфт: Эй ёри азизи хубчеҳр,
Ман ба ҷони ту ситам кардам басе,
Рӯзгорат пуралам кардам басе.
Ман пушаймонам кунун аз кардаҳо,
Илтиҷо дорам, бубахшоӣ маро.
Ман ҳамин дам ё даме дигар, яқин,
Месупорам ҷон ба он ҷонофарин.
Ин шуниду дид чун аҳволи ӯ,
Гурбаро дил сӯхт бас бар ҳоли ӯ.
Пештар рафту ба ӯ дамсоз шуд,
Меҳрубон шуд, ҳамдаму ҳамроз шуд.
Дил макан аз зиндагӣ, гуфто ба ӯ,
Ин қадар осон, аё ёри накӯ.
Гумшуда ҳоле набошад зиндагӣ,
Кам шуда моле набошад зинадгӣ.
То варо кобиву ёбӣ аз дигар,
То варо бинмоӣ аз сар тоҷи сар.
Зиндагӣ як бор мегардад насиб,
Бар ҳама халқи худо, шоҳу ғариб.
Кас ба қадри зиндагӣ бояд расад,
Бандагиро тарк гуфтан месазад.
Ту ки дорӣ зиндагии пурсурур,
Хуни гарму оташи кибру ғурур,
Сахт дорӣ бояд аз домони умр.
То шавӣ умре шаҳу султони умр.
Худ худованд ин чунинат зодааст,
Ҷисму ҷони нозанинат додааст.
– Не, бародар, ин ҳамаарзу ниёз,
Бар мани мискин набошад чорасоз.
Ман зи ҷинси номдорон нестам,
Худ надонам гоҳ ҷойи зистам.
Гурги одамхор бошад хеши ман,

Хӯрдани мурдор бошад кеши ман.
Ту, вале, эй дӯст, чизи дигарӣ,
Дар гуҳар аз ҷинси ман волотарӣ.
Ҳамчу саг дар кӯчаву бозорҳо,
Кӣ кашад рӯзу шабон озорҳо?
– Ин қадар ношукр будан хуб нест,
Назди яздон шиква ҳам марғуб нест.
Одамиро дӯсти дерина ту,
Бовафову беғараз, бекина ту.
– Эй, бародар, ин ҳама гап ҳасту бас,
Кай бувад сагро касе фарёдрас.
Мо агарчи саъй афзун мекунем,
Бовафоӣ ҳамчу Маҷнун мекунем,
З-одамӣ, аммо вафо кам дидаем,
Дӯстдориҳо куҷо, ғам дидаем.
Ҳар замон аз ӯ ҳақорат бишнавем,
Бе ҳаросаш лаҳзае ҳам нағнавем.
Аз ҳаромӣ ризқи саг дорем мо,
Аз ҳалолӣ хешбезорем мо.
Устухоне, луқмае аз хушку тар,
Пеши мо соҳиб бипартояд агар,
Нӯши ҷон онро шитобон мекунем,
Ростӣ, нӯшаш ҳаросон мекунем.
То набистонад саге дигар варо,
Ё наафтад офатеаш аз қазо.
Луқмапардозӣ куҷо донем мо,
Роҳу расми дин куҷо хонем мо.
Ҷуз ғами ҷону ғами ишкам дигар,
Нест фикре дар ҷаҳон моро ба сар.
Назди хон соҳиб намемонад саге,
Рӯйи ҷон соҳиб намехонад саге.
Ту, вале, эй дӯст, чизи дигарӣ,
Назди соҳиб дӯстрӯ, ҷонпарварӣ.
Ҳамраҳат ӯ гарм бозӣ мекунад,
Ҳамчу тифлаш дилнавозӣ мекунад.
Дар сари хон менишинӣ дар бараш,
Медаройӣ дар бағал, дар бистараш.

Ғам зи гармову зи сармо нестат,
Табъи дил хуш бигзаронӣ зистат.
– Рад насозам ман каломи нағзи ту,
Панду андарзи ҳама пурмағзи ту.
Менадонӣ лек асрори маро,
Нонабишта кору кирдори маро.
Менадонӣ сирри пинҳони маро,
Шаттаҳое хӯрдани ҷони маро.
Баъди ҳар як дуздии ҷурғоту шир,
Гӯшту санбӯсаву нону панир.
Баъди ҳар як чаппа карданҳои дӯғ,
Ё дигар рафтори пасти бефурӯғ.
Ту надонӣ ҳилаву тазвири ман,
Фитнабозиҳои оламгири ман.
То ба соҳиб хуш биоям, ҷон канам,
Хештанро ҳар замон қурбон кунам.
Гарчи аз насли палангу шер ман,
Кай чу онҳо худ кунам тадбир ман?
Не ғурури шеру нерӯи паланг,
Ин чи ҳоле, бадтар аз рӯбоҳи ланг.
То ки хуш оям ба соҳибхонаам,
Мекунам коре, к-аз он девонаам.
Мушдорӣ мекунам ночор ман,
Мушхорӣ мекунам ҳар бор ман.
Ростӣ, ин кор хуш н-ояд маро,
Куфр, медонам, ки афзояд маро.
Муш, к-аз авлоди хук асту ҳаром,
Мешавӣ аз хӯрдани он зиштном.
Заҳмати сангину душвораш магӯ,
Зард гардад дар қабӯяш ранги рӯ.
Гар надорӣ муш, таънат мезананд,
Ҳамчу ношуд аз дарат меафкананд.
– Дӯстам, хушбахт ҳастӣ боз ҳам,
Нестӣ монандаи ман муттаҳам.
Мурғи озодӣ, ҳамин кофист, ҳон,
То бигардӣ сер дар рӯи ҷаҳон.
Ман, мани бечораи занҷирбанд,

Ҷон диҳам ин дам зи тангии каманд.
Гурба гуфташ: дӯстам, аз худ бипош,
Лаҳзае андар ниҳоди шер бош.
Сахтҷононро, ки сагҷон гуфтаанд,
Бо ишора дурри маънӣ суфтаанд.
Ман ҳамин дам чорасозат мешавам,
Ёри ғору дилнавозат мешавам.
Гурба ин гуфту дари оғил парид,
Лаҳзае ӯро касе он ҷо надид.
Баъди они воҳиде пайдо бишуд,
Муши фарбеҳе ба ду чанголш буд.
Гуфт гурба мушро боэҳтиром,
Гар бурӣ ин банд бо зӯри тамом.
Он қадар ҳам зуд хона меравӣ,
Аз қафои кору борат мешавӣ.
Қавл ман дар назди виҷдон додаам,
Дар ҳузури пок яздон додаам.
Аз ман озоре намебинӣ яқин,
Гар намонӣ хоҳишамро дар замин.
З-офият, ки муш бархурдор шуд,
Бетаҳаммул аз қафои кор шуд.
Бандро аз гардани он саг биканд,
Ту сагӣ, гӯйё зи ҷони он фиканд.
Дар даме сагро нафас озод гашт,
Ҷон даромад бар танаш, дилшод гашт.
Бо ташаккур, бо сипосу эҳтиром,
Мушро доданд рухсат, вассалом.
Гурбаро саг меҳрубониҳо намуд,
Кард бо ӯ беғараз гуфтушунуд.
Гуфтанӣ бисёр гуфтанд аз карам,
Аз муҳаббат, аз садоқат в-аз ситам.
К-он яке ҷовид монад дар ҷаҳон,
В-ин дигар касро насозад шодмон.
Оқибат бар як ба ин дил омаданд:
Муттафиқ бошанду мушфиқ, бегазанд.
Ҳар куҷо бар ҳамдигар ёрӣ кунанд,
Дӯстдориву вафодорӣ кунанд.

Умр аз ваҳдат шакар бор оварад,
Гунгро ваҳдат ба гуфтор оварад.
Шаҳрҳо хушрӯй аз ваҳдат шаванд,
Наҳрҳо дилҷӯй аз ваҳдат шаванд.
Даштҳо шодоб аз ваҳдат шаванд,
Таштҳо зартоб аз ваҳдат шаванд.
Кӯшкҳо бунёд аз ваҳдат шаванд,
Кинаҳо барбод аз ваҳдат шаванд.
Хасми ҷон девона аз ваҳдат шавад,
Бебасар, бехона аз ваҳдат шавад.
Олам аз ваҳдат гулистон мешавад,
Одам аз ваҳдат гулафшон мешавад....
Аз ҳамон дам ман ба ҳар як хонадон,
Хонадони бандаи давру замон,
Дӯстии гурбаву саг дидаам,
Сидқи онҳоро ҳаме санҷидаам.
Аз чунин як дӯстӣ фахрам ба ҷон,
Хоҳам ин сон дӯстӣ бар одамон!

## ДУ ХАЛТА ОФТОБ

Киштаҳо хирман шуданду донаҳо ғундошта,
Шохаҳо аз зери бори меваҳо бардошта.
Марди деҳқон хӯрдаашро доду нохӯрда ситонд,
Дар бисоташ то баҳорон орзу дигар намонд.
Дил набуд ӯро, ки рӯзони дарозе ғам хӯрад,
Ғам хӯрад, ки то баҳорон аҳли байташ чун барад.
Дил набуд ӯро, биандешад, ки сарди қаҳратун,
Ҷони чандин хонадонаш мебарад аз беху бун.
Диданӣ кам, гуфтанӣ кам, камтар аз он хӯрданӣ,
Офтоби зиндагиро Аҳриманҳо бурданӣ.
Ҳамчу гурба офтоби пояи девор ҷуст,
Бар хилофи бенавоӣ роҳати бисёр ҷуст.
Ҳар кучое офтобе дид, дар рӯяш нишаст,
Бахти хоболуд ҳамчун ёр паҳлӯяш нишаст.
Ҳар куҷо хуршед медид, он варо уммед буд,

Дар назар ӯро ҳама ҷо сояи хуршед буд.
Такя бар хуршед карду хоб зад деҳқони пир,
Лаҳзае ӯ дид дар хобаш равон дарёи шир.
Шохае, гуфто аз ин дарё барам кошонаам,
То шавад аз офтобаш офтобӣ хонаам...
Ин замон бар шонааш дасте гарон лангар ниҳад,
Истода рӯ ба рӯяш дид ӯ Пирон Аҳад.
– Хез мегӯяд, – намозатро қазо кардӣ, ғариб,
Аз ғизои хони масҷид ҳам бимондӣ бенасиб....

## ҲАВАСҲО

Шабонгоҳони маҳтобӣ ба саҳро,
Замоне сабзаву гул махмалин аст,
Шукуфон атри сабзу сурху обӣ,
Замоне дар ҳама рӯйи замин аст.

Чу дар гаҳвора орому бароҳат,
Ману дилбар ба ҳам пайваста бошем.
Даруни моҳтоби сояи абр,
Ба монанди яке гулдаста бошем.

Ба гулгашту хиёбони Душанбе,
Бароям ними шаб маҳтоббинӣ.
Касе дорад ҳавас гар чидани гул,
Маро бошад ҳавас историчинӣ.

Ба гулгашту хиёбони Душанбе,
Бигардам шеър бар лаб бо тарона.
Зи масту раҳзану дузди камондор,
Натарсам як сари мӯ ошиқона.

Раҳи кунҷу канори Тоҷикистон,
Бароям рӯзу шаб бикшода бошад.
Ҳама тоҷик бенайрангаиду бефанд,
Ба рӯйи ҳамдигар дилдода бошад.

Ба як хуршеди тобони Душанбе,
Равам Суғду ба хона бозгардам.
Аз он ҷо оварам бӯйи қадима,
Дар он ҷо кам кунам як лаҳза дардам.

Самангон бошаму дар тахти Рустам,
Мадад хоҳам зи арвоҳи бузургон.
Худовандо, мабод он рӯҳу арвоҳ,
Аз ин мардум, аз ин манзил гурезон.

Пули Хумриву гарми Чашмаи Шер,
Дилу ҷони маро бо хеш бурдаст.
Ман онро чун намакдон ёд кардам,
Аҷаб не, ӯ маро ҳам ёд кардаст.

Ба Кобул дар Чаман соат фитондам,
Нашуд пайдо, чунон мардум зиёда.
Кунун ки аз миён бигзашт сӣ сол,
Равам, ёбам, ки он ҷо кас намонда.

Шабу рӯзи баҳорони зиёда,
Кунам сайри Ватан пои пиёда.
Ба кӯҳу боғу саҳро маст гардам,
Зи ҳусни он ҳама бе ҷому бода.

Равам бар ҳар дари дарду мусибат,
Ки ҷоне додаву ҷоне ситонда.
Бубинам, дар ду-се соле, ки бигзашт,
Зи неку бад ба онҳо чанд монда.

Чу нури маҳ ба ҳар манзил дароям,
Мусибатхонаро уммед гардам.
Ба даргоҳи зи кулфат сарду тира,
Намирам гар зи ғам, хуршед гардам.

Диёрамро бафар бинам чу пешин,
Бузургу мӯътабар бинам чу пешин.
На зери по чу мӯри нимҷоне –
Палангу шери нар бинам чу пешин.

Ба Ирон Рустамона по гузорам,
Чу Кайхусрав ба Тӯрон сар дарорам.
Ҳама бадхоҳро бадтар зи пешин,
Ба «Шаҳнома» даму дудаш барорам.

Шабонгоҳони маҳтобӣ ба саҳро,
Замоне сабзаву гул махмалин аст.
Шукуфон атри сабзу сурху обӣ,
Замоне дар ҳама рӯйи замин аст.

Насиме гардам атрогину гулбез,
Равам бар ҳар дару кӯ чун фаришта.
Димоғи хуфтагон хуш-хуш навозам,
Ки қисмат оятам некӣ набишта.

## ТАФОВУТ

*(Дар пайравии устод Мирзо Турсунзода)*

«Солҳое, ки ман ҷавон будам,
Бехабар аз гапи ҷаҳон будам».[1]
Рӯзу шаб мегузашт шоҳона,
Хоҳ дар кӯча, хоҳ дар хона.

Дар ҷаҳон ҳизби яккаву танҳо,
Дар мақомот ҳизби беҳамто.
Мамлакатро ягона раҳбар буд,
Бошараф буд, додгустар буд.

---

[1] Ин байт аз устод Мирзо Турсунзода аст.

Мардум андар панохи ӯ хуррам,
Зиндагӣ дошт умрҳо беғам.
Дӯст медошт халқ давронро,
Месупорид баҳри он ҷонро.

Пиру барно чу ҷони кишвар буд,
Ҳар куҷо меҳрубони кишвар буд.
Фикри мардум зи баҳри ободӣ,
Нест обод – нест дилшодӣ.

Сӯхторе чу ногаҳон мешуд,
Ғаллазоре дучори он мешуд,
Ҳар ҷавон месупурд ё ҷонаш,
Мераҳонид ё ки ҳар донаш.

Дар раҳи оҳани қаторнавид,
Кӯдаке гар ҳаробие медид.
Тавқи гулгуни худ алам мекард,
Бонги огаҳие рақам мекард.

Хавфи поездро хабар медод,
Як хабар ҳамчу сад зафар медод.
Дар чунин лаҳзаҳо аз ин одам,
Шодтар кас набуд дар олам.

К-ӯ бикарда ба одамон некӣ,
Дар ҷаҳон аст ҷовидон некӣ.
Солҳое, ки ман ҷавон будам,
Шоду хушбахт дар ҷаҳон будам.

Дар Ватан кору бор афзун буд,
Кор Лайлию халқ Маҷнун буд.
Зиндагӣ рӯдсон ҳамеҷӯшид,
Одамӣ барқсон ҳамекӯшид.

* * *

Ин замонро аҷиб мебинам,
Одамиро ғариб мебинам.
Дигарон гар зи пушти ободӣ,
Шуғли тоҷик гашт бедодӣ.
Сарвати халқ мекунад тороҷ,
Давлати халқ мекунад тороҷ.
Ғаллазораш ҳамезанад оташ,
Киштy кораш ҳамезанад оташ.
Роҳи поезд карда кас вайрон,
Мешавад шод, мешавад хандон.
Моли давлат, ки мешавад яғмо,
Ҳоли давлат, ки мешавад яғмо.
Санги мармар, ки мебарад яғмо,
Пахта яксар, ки мебарад яғмо.
Лоҷварде, ки мебарад яғмо,
Аҳли дарде, ки мебарад аз мо.
Шиквае аз дигар намемонад,
Ҳуш бар сар дигар намемонад.
Дар Ватан кор кас намеёбад,
Аз Ватан дур кор мекобад.
Тоҷик имрӯз бе Ватан мирад,
Мардикорест, бе кафан мирад.

## ҒАЗАЛ

Ба авҷи кӯҳи пои кас надида,
Ғаюре бори аввал гом бигзошт.
Ба ин қулла сипас садҳо нафар рафт,
Вале танҳо нахустин ном бигзошт.

Ғазал, ту он раҳи паймуда ҳастӣ,
Ки вақте раҳкушоят гашт машҳур.
Дигар ту ин замонҳо мерасонӣ,
Ба манзил раҳрави бемақсаду кӯр.

Ба раҳпаймои роҳи зиндагонӣ,
Раҳи паймуда душворӣ надорад.
Нагӯям кайфари суду зиёнаш,
Ҳамин гӯям, ба кас шӯҳрат наорад.

Фалак оё забардасте бизояд,
Ки аз нав Хоҷа Ҳофиз ном гирад?
Ғазалро бори дигар ҷон бубахшад,
Ғазалхон аз замона ком гирад?

## НАЧОТ

Аз шароби давр давре маст гаштам лояъқил,
Балки ҷони худ супурдам бар замон беқолу қил.
Ман шароби давр хӯрдам, хӯрд ҷони ман шароб,
Ман кабоби давр гаштам, кард давр аз ман кабоб.
Сӯйи чаҳ мебурд шасте ҷисми ранҷури маро,
Сӯйи раҳ мебурд дасте ҷони пуршӯри маро.
Сӯйи чаҳ мебурд даврам – марди пурҷоҳу ҷалол,
Сӯйи раҳ мебурд дастам-ёри бе молу манол.
Сӯйи чаҳ мебурд селобе ба унвони замон,
Сӯйи раҳ мебурд идроке ба симои ҷавон.
Сӯйи чаҳ мебурд пире, гӯиё бас пуртавон,
Сӯйи раҳ мебурд ҷоне, аз қафои ман равон.
Пир умри худ дар ин дунё ба охир мерасонд,
Навҷавон тухми муҳаббат бо муҳаббат менишонд.
Сӯйи чаҳ мебурд шасте, сӯйи раҳ мебурд дасте,
Ай худо, додӣ наҷотам, алҳазар аз роҳи пасте.....

## НИҲОЛИ СУХАН

Хоҳам биситоям пару боли Ватанамро,
То арш барам шӯҳраи ғулғулфиканамро.
Бо шеваи қудсиву ба алтофи малоик,
Дар маърази манзар биниҳам пираҳанамро.

Хоҳам ба фалакҳову малакҳои самовот,
Тақрир кунам гавҳари поки баданамро.
Дар ҳифзи мақому шарафи собиту солим,
Монам ба гарав то ба абад ҷону танамро.
Хоҳам ба саропардаи нисвони замона,
Афсона кунам сарвқади гулбаданамро.
Ҳар он ки ниҳад пой дар ин хоки муқаддас,
Бар дида бимолад гили боғу чаманамро.
Хоҳам сифати Ҳотами Тай бахшаму Ҷамшед,
Тоҷики зи тағйири қазо бекафанамро.
Аз сарвату аз савлати тақдир бинозам,
К-ӯ кони шакар карда забону даҳанамро.
Хоҳам, чи фузун хоҳаму ҳосилш набинам,
Ё нест, магар, реша ниҳоли суханамро?!

## РОҲИ БАХТ

Роҳ равӣ, аз раҳи печон бирав,
Рост бирав, бо дили мардон бирав.
Марди раҳиву бувадат тобу таб,
Тунд бирав, бо сару сомон бирав.
То ки наояд сафарат бесамар,
Кӯи ба кӯ бо лаби хандон бирав.
Гар сафари бехатарат орзуст,
Сӯйи хатар бо дили тӯфон бирав.
Бахт чунин аст, пароканда аст,
Аз пайи он мушкилу осон бирав.

## БА НАЗАР ОМАД

Дидам деҳи вайрона, Хатлон ба назар омад,
Гуфтам маҳи бехона, ҷонон ба назар омад.
Бемор ҳисобаш гум, бекор ҳисобаш гум,
Дар доираи саргум ҳақдон ба назар омад.
Озурдадилон донам аз одаму аз олам,
Мавҷудаву Ансорӣ, Мастон ба назар омад.

Хуш бошу магӯ дигар аз марг, аё дилбар,
Дар авҷи баландӣ гар ризвон ба назар омад.
Яъне, ту намемирӣ, бар марг забардастӣ,
Гар дар ҳама болоҳо поён ба назар омад.
Дар валвалаи мастӣ паймона набишкастӣ,
Дар назди худовандӣ паймон ба назар омад.
Аз хеш агар рафтӣ, дар чоҳи адам афтӣ,
Шӯра бари бехешон райҳон ба назар омад.
Дарбор нагуфтам ман, динор наҷустам ман,
Аз ин ҳама волотар инсон ба назар омад.
Имрӯз дар ин майдон афсӯс, дареғо, ҳайф,
Дар пираҳани инсон шайтон ба назар омад.
Одина дар ин дунё кам дид чу худ якто,
Ҳарчанд варо зоҳир осон ба назар омад.

## ДИДААМ

Дар баҳорон баргрезон дидаам,
Одамиро зору гирён дидаам.
Дар зимистон лолаву садбарги тар,
Фасли гармо барфу борон дидаам.
Дар хазони бемаҳал борони ашк,
Аз ҷавониҳои пирон дидаам.
Тифл паймона шикаст аз содагӣ,
Оқили бишкастапаймон дидаам.
Гармтар аз кӯраи оҳангарӣ,
Оташи дилҳои сӯзон дидаам.
Бо ҳама фазли худои муттаол,
Оламашро нобасомон дидаам.

## ГАР БО МАНӢ, ГАР БО ДИГАР

Эй, талъати шамсу қамар,
Рухсораат садбарги тар.
Гар бо манӣ, гар бо дигар,
Ҳуснат сари мӯ кам мабод!

Лаълат, ки meборад шакар,
Табъат, ки мерезад гуҳар.
Гар бо манӣ, гар бо дигар,
Лутфат сари мӯ кам мабод!

Эй тоҷи сар, эй, тоҷи зар,
Нури басар, нури басар.
Гар бо манӣ, гар бо дигар,
Шаънат сари мӯ кам мабод!

Эй сина аз ту пуршарар,
Ганҷина аз ту пургуҳар.
Гар бо манӣ, гар бо дигар,
Ризқат сари мӯ кам мабод!

Эй, ту ҷаҳонро гулбасар,
Пиру ҷавонро тоҷвар.
Гар бо манӣ, гар бо дигар,
Фазлат сари мӯ кам мабод!

## ГУЛИ НАВ

Аз гулшану боғи меҳани худ,
Ман чанд баҳор гул начидам.
Дар гулшану боғи меҳани худ,
Ман чанд баҳор гул надидам.

Гар лола бидидаам фаровон,
Он лола набуд, доғи дил буд.
Аз пуштаи куштаҳои маъсум,
Бо чеҳари ғарқи хун қафил буд.

Тӯфони балои ногаҳонӣ,
Овард қазо ба марзи тоҷик.
То санг занад ба шишаи ҷон,
Бар хок нишонад арзи тоҷик.

Буд гарчи нафас ба ҳар нафас танг,
Аз дур умед зӯр медод.
Хуршеди сабоҳи навдамида,
Аз пушти саҳоб нур медод.

Аз боду ҳавои номуросо,
Буд гарчи нафас ба ҳар нафас танг.
Растем, чу Рустам аз дами дев,
Мову Ватани сириштаи нанг.

Аз гулшану боғи Меҳан акнун,
Ман рӯзи баҳор гул бичинам.
Дар гулшану боғи Меҳан, эй хуш,
Ҳар рӯзи баҳор гул бубинам.

## ИФТОР

Чун сел, ки аз кӯҳ фарояд ба кушодӣ,
Аз хонаи ӯ одами бисёр баромад.
Буд моҳи шарифи рамазон, нимаи дуввум,
Он мардум аз он хона зи ифтор баромад.

Монанд ба ҳар шохаи дарёи хурӯшон,
Шуд халқ ҷудо чор тараф даста ба даста.
Дар пардаи шаб об шуд он сурату симо,
Овози суханҳо ба фазо нақш бубаста.

Он як ба ҳавову ҳавасе наҳ зада мегуфт:
Ҳай нони ғанӣ дод ҷигарсӯхта мардак.
Аз хони маҳу шед на кам дилкашу рангин,
В-аз Ҳотаму Ҷамшед фузунтар, на ки андак.

В-он як шаку шӯбҳа чу хазон рехт ба дилҳо:
К-ин мард ба рафтору ба гуфтор ғариб аст.
Дар ҳар қадамаш, ҳар суханаш шиква зи тақдир,
Дар ҳар нафасаш зикри касодии насибаст.

Ин нону намак, гунаи берангу ғамангез,
К-аз ҷону ҷигар то хами абрӯш аён аст,
Тарсам, ба кушоиш зи ягон мушкили нозук
Хайрест, ки бо мақсади рӯпӯш равон аст.

Не, не, на чунин асту чунон, бор худоро,
Дар сина диле поктар аз оина дорад.
Ин мард на мардест заминиву замонӣ,
Бо ҳиммати худ ӯ зи фалак наҷм фурорад.

Дар гӯшаи ин шаҳри нафасгир зи сармо,
Андар дили шаб гарм чунин баҳсу баён буд.
Он сӯтари он ҷо ба яке ҳуҷраи торик,
На хобу на бедор, ду шаҳмарди ҷавон буд.

Дар зулмати шабҳо ту бигӯйӣ ҳама берӯз,
Бинанд чу дар оина бигзаштаи худро:
Ғорат, чи фузун ғорату куштор, таҷовуз,
Дуздӣ, чи фузун карда чунин кор ба дунё!

Он ҳуҷра будӣ маҳбасу мардон ду бародар,
Фарзанди ҳамон соҳиби ифтори шиносо.
Бар панҷаи қонун шуда охир ки гирифтор,
Ҷӯянд нахобида зи худ роҳи раҳоро.

## ВАТАН

Ватан – Модар,
Фидоят ҷони ширинам,
Ки бо номи баэъзозат,
Ба рафтори пурэъҷозат,
Ба базму давраҳои аз канорат дур,
Ба кишварҳои ҳам номию номашҳур,
Маро болонишин кардӣ.

Ватан – Модар,
Фидоят ҷони ширинам,
Ки бо номи ту фарзандат,
Ба ҳар як гӯшаи дунё,
Чу инсон бас шараф дорад,
Чу инсон қадри беҳамто.

Ватан – Модар,
Фидоят ҷони ширинам,
Ки ту ҳастиву ман ҳастам.
Ва бо ту ҳар куҷое метавон гуфтан:
Чу фарзанди ту ман соҳибватан ҳастам!

Ватан – Модар,
Фидоят ҷони ширинам,
Агарчи ҷон фидо кардан,
Бувад ҳарчанд ширин ҳам,
Барои модаре чун ту
Ҳазорон бор бошад кам!

## МОДАР

Қалби модар,
Меҳри модар,
Олами беинтиҳост.
Пардадори рози ҳастӣ,
Аввалу анҷоми мост.

Дасти модар,
Панди модар,
Маҷмаи нуру сафост.
Фитрату нирӯи гетӣ,
Созгори ҳар навост.

Рӯи модар –
Ҳусни олам.
Мӯйи модар –
Риштаи умри ҷаҳон.
Заррае доғе набинад
Рӯи модар,
Як сари мӯ кам нагардад,
Мӯи модар.

## ДУШАНБЕ

Душанбе, орзуям, ифтихорам,
Тавону қудратам, зӯру мадорам.
Душанбе, наҷми бахти нурборам,
Сафои зинадгӣ, ҳусни баҳорам.

Ҳавоят босафо чун рӯи хубон,
Ҷамолат ҷону танро банда созад.
Фироқат ақлу ҳуш аз тан рабояд,
Висолат дил навозад, ҷон фазояд.

Шабонгаҳ чун самои пурситора,
Заминат бар само резад шарора.
Саропо ҳусн ҳастӣ, ҳусн пошӣ,
Сафо гирад зи анворат назора.

Душанбе, ҳамчу сароғози ҳафта,
Ту оғози муҳаббатҳои мой.
Зи ту комил шавад меҳри дили ман,
Дар ин дунё, чи хуш, дунёи мой.

Ту уммедӣ, надорӣ ҳеҷ охир,
Ту оғозӣ, надорӣ ҳеҷ анҷом.
Намирад бо ту фарзанди Душанбе,
Намирам бо ту ман бенангу бе ном....

## ОҒӮШИ ВАТАН

Пас аз ҳар дафъаи ҳаҷру ҷудоӣ,
Чу оям бар канори кишвари худ,
Хаёлам кӯдаки дилшоди рӯзам,
Фитодам бар канори модари худ.

Аз оғӯши Ватан чун дур афтам,
Бисӯзад оташе ҷону танамро.
Ба қадри дур гаштан аз бари ӯ,
Бубинам лаҳза-лаҳза мурданамро.

Ватан, модар маро чун ту азиз аст,
Ватан, модар маро чун ту ягона.
Ба мисли ту, фитам гар аз бараш дур,
Аз ӯ оташ ба дил гирам нишона.

Ватан-Модар ва ё Модар-Ватан шуд?
Маро ин ҳар ду балки ҷону тан шуд?
Ба дунё лаҳзае бе ин ду будан,
Гаронтар аз ҳазорон марги ман шуд.

## ЧАПДАСТ

Чапдаст зи ҷо барҷаст,
Дил пур зи бало барҷаст.

Раҳ сӯйи «шараф» бигрифт,
Ҷон сӯйи ҳадаф бигрифт.

Дар коргаҳе ҷо шуд,
К-он ҷош таманно буд.

Бо ҳарфи басе ширин,
(Кирдор, вале нангин).

Бар сарвару бар сардор,
Бар марду зани ҳамкор.

Бисёр тамаллуқ кард,
Ҳастиш тасаддуқ кард.

Аммо зи ҳама пинҳон,
Бо амри дилу виҷдон.

Ҳар молу маноле дид,
Бе рӯву риё дуздид.

Дуздид ба чапдастӣ,
Дуздид ба сад пастӣ!

Аз касса бидуздид ӯ,
Аз киса бидуздид ӯ.

Аз фикр бидуздид ӯ,
Аз зикр бидуздид ӯ.

Дуздид низом аз кор,
Дуздид маром аз кор.

Аз тор заду аз пуд,
Ҳар буд намуд нобуд.

Дилро ба диле шӯронд,
Дилро ба диле гӯронд.

Овора аз ӯ мардум,
Ҳар ришта аз ӯ саргум.

Вайрона аз ӯ бозор,
Бе дона аз ӯ анбор.

Ганҷина аз ӯ беганҷ,
Бас ганҷ варо бе ранҷ.

Донишкадаи олӣ,
Аз ӯ ба аҷаб ҳоле:

«Инъом» барад он як,
Диплом харад он як.

Он як бикунад дохил,
Аммабачаи ҷоҳил.

Яъне, бачаи нодон,
Нодону адабвайрон.

Дохил бишавад, дардо,
Бар ҷойи каси доно.

Радду бадале чун ин,
Радду бадале нангин.

Яъне, ба «амак»-дорон,
Мушкил ҳама ҷо осон.

Яъне, агарӣ бемор,
Деҳ молу пули бисёр.

Бошад, ки ту ҷо ёбӣ,
Аз дард шифо ёбӣ.....

Имрӯз дар ин кишвар,
Як кишвари номовар.

Чапдаст ба чапдастӣ,
Бо васвасаи пастӣ.

Бедод фузун дорад,
Инсоф забун дорад.

Мардум, ҳама донедаш,
Озод намонедаш!

# МАН АСКАРАМ
*(Суруд)*

Ман аскарам, ман аскарам,
Ман аскари ин кишварам.

Кишвар чу дил андар барам,
Онро ба ҷон мепарварам.
Эй, ҷони ман, болу парам,
Қурбони ту садҳо сарам.

Ман аскарам, ман аскарам,
Ман аскари ин кишварам.

Эй, тоҷи тоҷи тоҷдор,
Эй, тоҷиконро ифтихор.
Бошӣ ту гар тоҷи сарам,
Бар авҷи гардун мепарам.

Ман аскарам, ман аскарам,
Ман аскари ин кишварам.

Эй, Тоҷикистонам Ватанам,
Эй, мулки тобонам Ватан.
Эй, зоди Раҳмонам Ватан,
Виҷдону имонам Ватан.

Ман аскарам, ман аскарам,
Ман аскари ин кишварам.

Ҳастии ту ҳастии ман,
Ҳастии ман ҳастии ту.
Ҳаргиз набинад дар ҷаҳон,
Кас зррае пастии ту.

Ман аскарам, ман аскарам,
Ман аскари ин кишварам

# НУРНОМА

*Нур аст, ки олам ҳама пурнур аз ӯст,*
*Нур аст, ки одам ҳама пурзӯр аз ӯст.*
*Бин, шамсу қамар ба нури беҳамтое,*
*Машҳур ҳар он чи ҳаст, машҳур аз ӯст.*

*Биё, эй нур равшан кун чароғи хонадонамро,*
*Муаттар кун, муанбар кун тамоми бӯстонамро.*
*Ба чашму ҷону дилҳо нури имон бахш, дармон бахш,*
*Фароғатгоҳи инсон кун замину осмонамро.*

## МАДАД, ЭЙ РӮҲ!
*(Манзума)*

Шаҳидони канори Сангтӯда,
Шаҳидони мазори Сангтӯда,
Ҷавонмардони вақте рафта аз ёд,
Ҷаҳонразмони вақте рафта аз ёд.
Шумо, аммо зи ёди мо нарафтед,
Аз ин дунё ба он дунё нарафтед.
Шумо аз ёди ҳамдаврон нарафтед,
Зи ёди хешу пайвандон нарафтед.
Зи ёди ҳамсафони доғ дар дил,
Зи ёди ҳамсарони пой дар гил,
Ҳама он бихрадони сар ба сар панд,
Шуморо дар дилу ҷон ҷой доданд.
Шуморо аз диле бар дил супурданд,
Зи як манзил дигар манзил супурданд.
Шуморо аз забонҳо бар забонҳо,
Шуморо аз даҳонҳо ба даҳонҳо,
Ба ҳукми қиссаву афсона бурданд,
Ба даври дури дури мо супурданд.
Ватан ёди шуморо ёд дорад,
Замон арвоҳатонро шод дорад.
Биё, рӯҳи шумо бинад замонро,
Замони дилпазири тоҷиконро.
Биё, рӯҳи шумо бинад ҷаҳонро,
Ҷаҳони дӯстдори тоҷиконро.
Шумо, ки дидаед он давру даврон,

Қиёси ину он давр аст осон.
Биё, рӯҳи шумо, ки пок бошад,
Ба ҳақгӯӣ ҳаме бебок бошад.
Биё, рӯҳи шумо, ки беназир аст,
Шунидан ҳарфатон бас дилпазир аст.
Куҷо донем андоми мазораш,
Зи дунё рафтаеро эътибораш.
Куҷо донем сатҳи зиндагонӣ,
Халоиқро нишоту комронӣ.
Магар оби казоӣ дошт мардум?
Ба марги худ худоӣ дошт мардум?
Ба шабҳо рӯшноӣ аз куҷо буд,
Магар танҳо зи маҳтоби худо буд?!
Ғизои марди майдон аз чӣ мешуд?
Шифои марди нолон аз чӣ мешуд?
Магар ёру бародар буд инсон
Ва ё бегона буд монанди ҳайвон!
Бародар бо бародар фитнаву шар
Магар мекард баҳри пораи зар?...
Биё, эй рӯҳи поки бандаи пок,
Ба парвоз о, ба парвоз ой, бебок.
Биё, аввал қадам мон, Сангтӯда,
Зиёрат кун ба имон Сангтӯда.
Дару дарвозаи онро ту бӯ кун,
Дару дарвозаи худ ҷустуҷӯ кун.
Бидеҳ бӯса қадамгоҳат, ки донӣ,
Зи файзи он бигаштӣ ҷовидонӣ.
Бирав сарчашмае, з-он об хӯрдӣ,
Барои хонадонат об бурдӣ.
Бирав пайроҳае, аспат давондӣ,
Қафо аз дӯстони худ намондӣ.
Ба даргоҳи падар – модар назар кун,
Варо то метавонӣ тоҷи сар кун.
Лаби суффа ба рӯю дида мемол,
Ки бо он доштӣ фархунда иқбол.
Биё, ҳар як нишони он замонро,
Замони дар такаллум бостонро,

Ба ибратбахш чашмат ҷустуҷӯ кун,
Ба ибратбахш ақлат гуфтугӯ кун.
Намеёбӣ, вале он давру даврон,
На он як хонаву дар, боғу бӯстон.
Намеёбӣ на даргоҳи падарро,
На он соҳибқирони тоҷварро.
Намеёбӣ нишон аз модари худ,
Нишони модари ҷонпарвари худ.
На аз он себу ангуру анораш,
На аз боғи канори чашмасораш.
Ту ин ҷоро ҳамебинӣ дигаргун,
Ту дунёро ҳамебинӣ дигаргун.
Макони хешро бинӣ дигаргун,
Ҷаҳони хешро бинӣ дигаргун.
Ба ҷойи кулбаат қасре бубинӣ,
На дар афсонаӣ рӯйи заминӣ.
Ба ҷойи деҳи хурдат шаҳр бинӣ,
Ба ҷойи рӯди хурдат баҳр бинӣ.
Диёратро макони нур бинӣ,
Ба нураш дар ҷаҳон машҳур бинӣ.
Чу дар маҳшар бубинӣ кору бораш,
Чу дар маҳшар хурӯшон рӯзгораш...
Мадад, эй рӯҳи поки бандаи пок,
Мадад, эй ту маконат фаршу афлок.
Мадад, бар азми ҷазми пурсавобам,
Мадад, бар орзуи беҳисобам.
Мадад, эй рӯҳи поки Сангтӯда,
Мадад, эй рӯҳу арвоҳи ҳамида.
Мадад, рӯҳи бузургони гузашта,
Ки баҳри меҳанаш аз худ гузашта.
Варо меҳан чароғон орзу буд,
Диёраш чун гулистон орзу буд...
Мадад, эй рӯҳи Сомонӣ, даҳоям,
Ба ҳар иқдоми росих раҳнамоям.
Туро ман шод гардонам, илоҳо,
Мададгорам бишав, эй рӯҳ, ҳар ҷо!

* * *

Сангтӯда Тоҷикистонро чароғон мекунад,
Дил, ба рақс о, кишварат бӯйи баҳорон мекунад.
Сангтӯда медиҳад тағйир набзи зиндагӣ,
Хешро, яъне ки ҷони Тоҷикистон мекунад.
Тоҷикистон то кунун ҳам дошт гарчанде ки ҷон,
Сангтӯда ҷони онро ҷони ҷонон мекунад.
Офтоби барқи тоҷик мешавад чандон бузург,
Моҳи гардунро фурӯғаш моту ҳайрон мекунад.
Нуқтаи торе намемонад сари кӯҳу камар,
Сангтӯда кӯҳро ҳам равшанистон мекунад.
Шамъ дигар дар забонҳо тухми анқо мешавад,
Сангтӯда қадри он бо хок яксон мекунад.
Сангтӯда Тоҷикистони саросар кӯҳро,
Назди чашми оламиён дурри ғалтон мекунад.
Сангтӯда қисмати барқу сафову равшанӣ,
Тоҷико, бо дасти ту баҳри ту арзон мекунад.

* * *

Аз рӯйи ту барояд хуршеди Тоҷикистон,
Пурнур гардад аз ту ҳар иди Тоҷикистон.
Дигар шавад мақомат, эъзозу эҳтиромат,
Эй, наврасида армон, уммеди Тоҷикистон.
Бар навраҳон ҳамеша бахти сафед хоҳанд,
Хоҳем бар ту бахти испеди Тоҷикистон.
Бар наврасон ҳамеша умри дароз хоҳанд,
Хоҳем бар ту умри Ҷамшеди Тоҷикистон.
Дурдонаҳои якто доранд умри ҷовид,
Хоҳем ҷовидонат, ҷовиди Тоҷикистон.
З-одамрабои меҳрат, э кош, села-села,
Рӯ бар Ватан биёрад навмеди Тоҷикистон.
Аз роҳати висолат, в-аз нури бемалолат,
Дил бар Ватан гуморад хуршеди Тоҷикистон.

* * *

Ояд баҳори хуррам аз сӯйи Сангтӯда,
Рӯ бар ҷаҳон гузорад бо бӯйи Сангтӯда.
Ҳар ҷо равад шуояш, анвори ҷонфазояш,
Он ҷо шавад мунаввар чун рӯйи Сангтӯда.
Ҳар тӯю сури тоҷик минбаъд месазад гуфт,
Бигрифтааст маншаъ аз тӯйи Сантӯда.
Нуру сафои арзон, шукри худо фаровон,
Ояд ба ҳар дару кӯ аз ҷӯйи Сангтӯда.
Хуршед бошад ошиқ-маъшуқа – Сангтӯда,
Ошиқ шавад парешон дар кӯйи Сангтӯда.
Дар пардаи ҳарири вақту замон бидидам,
Бишкуфтааст шаҳри хушрӯйи Сангтӯда.
Ҳар ҷо ки рух намойӣ нуре ба дил физойӣ,
Гӯянд, ин атои дилҷӯйи Сангтӯда.
Ҳар ҷо қадам гузорӣ, файзу саховат орӣ,
Гӯянд ин сахови абрӯи Сангтӯда.

* * *

Аз сӯйи Сангтӯда бӯйи баҳор ояд,
Бар гӯши ҳуш хуш-хуш савти ҳазор ояд.
Аз ваъдаи висолаш, аз ҳадяи ҷалолаш,
Бо шавқу шӯри вофир ҷон бар нисор ояд.
Ҳангомае калон шуд, дилчасп достон шуд,
Ин достон ба дасти деринтизор ояд.
Маъшуқа барқу ошиқ тоҷики ташнаи барқ,
Ду ошиқи мувофиқ ҳин, дар канор ояд.
З-ин баъд Тоҷикистон гӯянд равшанистон,
Ин бахт чашми моро фардо ба кор ояд.
Болида бош, эй дил, фархунда соз манзил,
Як шохаи умедат алъон ба бор ояд.

## АЗМИ ҶАЗМ

Дар канори Сангтӯда азми ҷазми тозаест,
Азми ҷазмаш як нишон аз базму назми тозаест.
Офтоби хосае аз шонааш сар мекашад,
Тоҷикистонро шуояш нарм дар бар мекашад.
Офтобе мешавад ин мулк дар рӯи замин,
Рашки ҳар истораву сайёра дар чархи барин.
Аз шуои партаваш боғу чаман гул мекунад,
Аз нафасҳои ҳавас дашту даман гул мекунад.
Дил ба сина аз фараҳ мастона меояд ба рақс,
Гирди шамъи орзу парвона меояд ба рақс.
Тоҷикистони ҳазоронсола барно мешавад,
Ҳамчу навшаҳ шермарди хушсарупо мешавад.
Дар либоси тозааш бинанда нашносад варо,
Худ ба худ гӯяд – бубин, фарқ аз куҷо шуд то куҷо!

## ЭЪҶОЗ

Дар ҳар замон, дар ҳар макон
Ман ёди Роғун мекунам.
Дар сактаи дирӯзи он
Садҳо ҷигар хун мекунам.

Дирӯз саҳве шуд ғариб
Дар қисмати Роғун, дареғ.
Якчанд бе ному насаб
Гардид бар хуршед меғ.

Дирӯз инсон лаҳзае
Мағлуби шайтон гашта буд.
Имрӯз шайтон то абад
Саркӯби инсон шуд, ки шуд.

Бар зӯри нури офтоб
Абри сияҳ н-овард тоб.
Охир, ки пора-пора гашт
Аз қудрати фикри савоб.

Ақлу хирад боло гирифт,
Роғун танинандоз шуд,
Тоҷики ман дунё гирифт,
Гар з-ӯ чунин эъҷоз шуд.

## ИМРӮЗ – ШУО, ФАРДО – ОФТОБ

Як шуои равшане аз дур метобад ба чашм,
Як шуои равшане дилро фурӯзон мекунад.
Гарчи чун истора метобад, вале истора нест,
Гарму ширин асту бӯйи Тоҷикистон мекунад.

Ин шуо афзалтар аз шамъ асту наҷму офтоб,
Рӯзу шаб ҳамвора оламро мунаввар мекунад.
Хира аз абре намегардад, намедонад ғуруб,
Рӯзу шаб пайваста дилҳоро мусаххар мекунад.

Ин шуо афзалтар аз шамъ асту наҷму офтоб,
Мисли онҳо лаҳза-лаҳза кам на, афзун мешавад.
Дар масири сайри худ аз дур то девори ҷон,
Зиндагибахши ҳазорон дашту ҳомун мешавад.

Ин шуо афсонаи мурғи ҳумо орад ба ёд,
К-ӯ барои мардуме аз ноаён бахт оварад.
Ин шуо, ин мурғи бахти Тоҷикистони ман аст,
Бенавоёнро наво бахшад, сари тахт оварад.

Ин шуо, ин мурғи бахт аз сарзамини орзу,
В-аз биёбони заковатҳо ба парвоз омада.
Гарчи ҳоло чун саробе, чун шиҳобе тобад он,
Офтоберо ба хоки Шарқ оғоз омада.

Ин шуо, ин мурғи бахт аз қалби Роғун мерасад,
Бар тани тоҷик чун обе ба дашти ташналаб.
Ин шуо, ин мурғи бахт аз Сангтӯда пар занад,
Мужда меорад зи фардои пур аз базму тараб.

## СУРӮШ

Ало, дарёи орому хурӯшон,
Ало, Вахши ба сурат мори печон,
Ки дорӣ аз ҷару завҳо хазидан,
Ба сифат шер аммо, шери ғуррон.

Магар донӣ, ба пойи шаҳри Роғун,
Ба амри ройи инсон сар бимонӣ.
Зи боло гар чу ожанге битобӣ,
Зи поён мешавӣ баҳри дамоне?

Магар донӣ, аз ин пас мешитобӣ,
На танҳо пеш, бар сӯи қафо ҳам.
Расад то бештар нафъат ба мардум,
Шавад то беш қадрат назди одам.

Замини ҷон зи ту шодоб гардад,
Ки хоки тоҷикам сероб гардад.
Агар об аст рамзи рӯшноӣ,
Ватан бо об чун маҳтоб гардад.

* * *

Ало, кӯҳи геронбору гарондил,
Ки ваҳшӣ Вахшро ҳастӣ нигаҳбон,
Чу модар тифли худро мепарастӣ,
Саробонӣ варо, доим саробон.

Шарофатпеша кӯҳиву муқаддас,
Набурдӣ ҳеҷ гаҳ дарё ба тороҷ.
Нанӯшидӣ ба серӣ об аз он ҳам,
Ки бар он дигарон ҳастанд мӯҳтоҷ.

Аз он қалби ба зоҳир сарду хомӯш,
Вале дар асл гарму сахт пурҷӯш,
Чу шеде барқи Роғун мекашад сар
Нагардад аз ҷаҳон номат фаромӯш.

* * *

Ало, дашту даманҳои шукуфон,
Ало, боғу чаманҳои гулафшон,
Ало, деҳ, эй мадори бурҷу бора,
Ки зери об мемонед алъон.

Ба худ пайдо, зи мо пинҳон намонед,
Чу ҷон пинҳон даруни ҷон намонед.
Чу як афсона аз дунёи пешин,
Забонҳоро гули армон фишонед.

## БИЁ, ЭЙ НУР

Зи байни зулмати шаб, пардаи рӯзи чу шаб торик,
Зи дури дури бас дуре, ба чашмам мерасад нуре.
Нигоҳам меравад сӯяш, хаёлам масти ҷодуяш,
Навозиш мекунам рӯяш, ба мисли нозанин ҳуре.

Шукфтам, ҷон гирифтам, сӯйи он бехуд нидо кардам:
Ҳазорон сол будам интизори диданат, эй нур.
Намурдам, зистам, охир расидам бар муроди дил,
Биё, лутфу карам бинмо, ҳувайдо кун худат, эй ҳур.

Ту аз афсонаҳо берун шудӣ оҳиста-оҳиста,
Фаровон мушкил омад бар сарат то зинда гардидӣ.
Фитодӣ, хестӣ дар разми будан ё набуданҳо
Ба бахти мардуми мо дар ҷаҳон поянда гардидӣ.

Ту, эй нури илоҳӣ, равшанистон кун диёри ман,
Ки ҳар як хонадони он ҳаме дар ҳасрати нур аст.
Ба ҷону дидаи мардум сафо бахшу фурӯғ овар,
Ки обу оташу хоку ҳавои мулк бенур аст.

## САРИ ПУЛАК

Агар дорӣ дили равшан, Сари Пулак[1] тамошо кун,
Агар хоҳӣ ҷаҳон дидан, Сари Пулак тамошо кун.
Замини бесамар умре, маконе ғору ҷар умре,
Гулафшон беҳтар аз гулшан, Сари Пулак тамошо кун.
Ба пои кӯҳи гардунсо, чу ёри хушқаду боло,
Ба рӯи ҳамчу маҳ равшан, Сари Пулак тамошо кун.
На обе дошт, не тобе, не нуре дошт, не ҳуре,
Шукуфон маъману барзан, Сари Пулак тамошо кун.
Ҳавас худ меравад сӯяш, ба ҳар ҷо бишнавад бӯяш,
Нигар мӯъҷизаи маскан, Сари Пулак тамошо кун.
Ба дил меҳру вафо орад, ба сар нуру сафо борад,
Надида кас чунин махзан, Сари Пулак тамошо кун.
Агар дорӣ дили равшан, агар хоҳӣ ҷаҳон дидан,
Сари Пулак, Сари Пулак, Сари Пулак тамошо кун.

[1] Сари Пулак – Яке аз маҳаллаҳои шаҳри Роғун.

## МАЙДОН

Ҳар ки Оби Гарм дида, дида Майдони варо,
Деҳае андар баландӣ нимвайрони варо.
Аз фарози ҷо агарчӣ, бегумон, масрур буд,
Аз фароғатҳои дунё деҳа, аммо дур буд.
Дар дили рӯзу шабон рӯзу шаби торик дошт,
Бар ҷаҳони бекарон пайроҳае борик дошт.
Ҳар қадам пайроҳаро дар каф ниҳон будӣ хатар,
Раҳравонаш, эй басо бар зери ҷар мегашт ҷар.
Навбаҳорон дар канораш гарчи лола мешукуфт,
Доғи ҳасрат дар дилаш ҳамчу пиёла мешукуфт.
Доманаш аз сабза гарчи дар баҳорон сабз буд,
Ранги зардаш дидаи аҳли назарро мерабуд...
Ҳар ки Оби Гарм дида, дида Майдони варо,
Ин замон шаҳре ба хубӣ рашки бӯстони варо.

## ШАҲРИ РОҒУН

Эй чашми пурнур,
Эй қалби пуршӯр.
Эй лутфи наздик,
Эй ҷони раҳдур.

Бар шаҳри Роғун
Боре сафар кун.
Равшан зи ҳуснаш
Нури басар кун.

Рӯи заминаш
Чун қуллакӯҳ аст,
Ҳар қуллаи кӯҳ
Бас пуршукӯҳ аст.

Мӯъҷиза ин ҷо,
Афсона ин ҷо.
Сар то ба гардун
Ҳар хона ин ҷо.

Нақшу нигораш
Дил мерабояд.
Хушбӯ канораш
Ҷон мефизояд.

Фаввораи нур,
Фаввораи об,
Бар дида ояд
Чун ширмаҳтоб.

Ҳар чашм ин ҷо
Саршори барқ аст.
Ҳар чашм гӯӣ
Хуршеди шарқ аст.

Эй чашми пурнур,
Эй қалби пуршӯр,
Эй лутфи наздик,
Эй ҷони раҳдур.

Бар шаҳри Роғун
Боре сафар кун.
Дар шаҳри Роғун,
Як шаб саҳар кун.

## ШАБҲОИ РОҒУН

Шабҳои Роғун
Историазоранд.
Историҳояш
Афсонаворанд.

Дона ба дона,
Рангин, мунаққаш.
Шадда ба шадда,
Чун барги оташ.

Як сӯ саросар
Рангинкамоне.
Як сӯи дигар
Чун Каҳкашоне.

Дар кӯҳпора
Мавҷи шарора.
Дар ҳар шарора
Ҷони ситора.

Андар баландӣ
Майдон мунаввар.
Дар зер дарё
Чун ҷон мунаввар.

Бар шаҳр дарё
Оина гашта.
Оинаи дил
Дар сина гашта.

Аз партави шаб
Дарё мучалло.
Дарё барад шаҳр
Саҳро ба саҳро.

Шабҳои Роғун
Исторазоранд.
Исторахояш
Афсонаворанд.

## САНГТӮДА

Дил даруни сина туғён мекунад,
Ашки шодӣ нам-нами ҷон, мекунад.
Ҳар рагу пай мисли Вахши навбаҳор,
Оби хуни худ дучандон мекунад.
Сар зи будаш сахт мегардад сабук,
Ҳалли ҷумла мушкил осон мекунад.
Даст гӯйӣ болу пар бикшодааст,
Майл сӯйи ахтаристон мекунад.
Пой маҳкам чун сутуни коинот,
Зераш ояд он чӣ, яксон мекунад.
Тан ба монанди замин андешавар,
Рӯҳ фаршу арш сайрон мекунад.
Фикр ин ҷову он ҷо, аҷаб,
Нобасомонӣ чӣ сомон мекунад.
Сангтӯда, ин ҳама аз шавқи туст,
Мурғи дил ҳар сӯ парафшон мекунад.

* * *

Сангтӯда Тоҷикистонро мунаввар мекунад,
Сангтӯда рӯйи худро тозаву тар мекунад.
Сарвате, ки Сангтӯда аз ниҳод орад бурун,
Сад ниҳоди тирaро чун шамси ховар мекунад.
Ақли солим даст доду бори дигар мӯ шикофт,
Мӯшикофӣ роҳи дарё низ дигар мекунад.
Нури тоҷик доман афрозад ҷанубу ғарбу шарқ,
Сангтӯда Тоҷикистонро фаротар мекунад.
Неъмате, ки Сангтӯда бар кафи мо мениҳад,
Сангу хоки кӯчаро ҳам дурру гавҳар мекунад.
Сангтӯда шӯҳрати тоҷикро боло барад,
Сангтӯда қудрати тоҷик сафдар мекунад.
Нуршӯӣ мекунад дасту дили халқи башар,
Номи худро сабт дар таърих бо зар мекунад.

* * *

Офтоби барқи тоҷик аз дили ту мекашад сар,
Эй санову ҳамди беҳад бар чунин дил, бар чунин сар!
Тоҷикистонро саросар барқборон менамоӣ,
Чист аз ин бахти некӯ, чист аз ин дилкушотар?!
Гар набӣ гӯем ҳар як дастгоҳи барқи тоҷик,
Ту ба чашми ман намоӣ дар бузургӣ чун паямбар.
Рустами дастон ба ёд орӣ, ба он қудрат, ки дорӣ,
Гарчи ӯ аз пашшае дар назди зӯрат буд камтар.
Ҷони дигар медамад бар ҷисму ҷони Тоҷикистон,
Набзи худ бар назм орад ағбаи пурганҷи Шар-Шар.
Роҳро, ки шаҳраги шарёни хун гӯянд барҳақ,
Чун шавад пайроҳа дилбар, мешавад ҳам роҳ дигар.
Сангтӯда, мерасад рӯзе, намедонӣ хазон чист,
Аз сафо, зеро шавӣ як умр чун гул ҷомадарбар.

# ИНСОН... ИНСОН...

*Инсон, ба баландӣ зи ҳама болоӣ,*
*Аз ҳар чи ки буду ҳаст, беҳамтоӣ.*
*Аз мӯъҷизаҳо, ки офаридааст Худо,*
*Ту мӯъҷизае ба зоти худ яктоӣ.*

# ИФТИХОРИ МО
*(Манзума)*

*Ба ёди Мирзо Турсунзода*

«Шоири аъзам, ту кайҳо шабнишинам кардаӣ,
Хешро монанди ҷону дил қаринам кардаӣ».
Ҳар замон дар хоб мебинам туро, устод, ман,
Гарчи нанмудам бурунат лаҳзае аз ёд ман.
Балки ин айём беш аз пеш ёдат мекунам,
Ёди андоми базеби хушниҳодат мекунам.
Сӯҳбати ширинадоят пеши рӯ меоварам,
Пандҳои бебаҳоят пеши рӯ меоварам.
Пеши рӯ меоварам симои хандони туро,
Чеҳраи чун моҳи тобон нурафшони туро.
Хоб дидам, хаставу ранҷур будӣ дар назар,
Дар назар мерехт аз чашми тарат хуни ҷигар.
Аз қазо атрофи ту аз одамон маҳшар шуда,
Чеҳраат ҳамранги лола, ғайратат дигар шуда.
Рӯ ба мардум дар такаллум омадӣ афсонавор,
Хуфтагон бедор кардӣ, мастҳоро ҳушёр.
Дар забонат ҳар сухан монанди оташпора буд,
Ҳар сухан балки чу оташ-ҷони ту фаввора буд.
Аз ҳароратҳои ҳарфат об мешуд санг ҳам,
Дар сари номус мешуд одами бенанг ҳам.
Нур мебахшид ҳарфат дидаҳои кӯрро,
Зӯр мебахшид лафзат хаставу ранҷурро.
Пандҳоят чашми ақли одамонро мекушод,
Мерасид аз ҳар тараф бар гӯш савти «Зинда бод!».
Зинда бодо Қаҳрамони миллати мо, зинда бод!
Дурандози ҷамеи иллати мо зинда бод!
Зинда бодо Қаҳрамони Тоҷикистон, зинда бод!
Зинда бодо ёдгори Оли Сомон, зинда бод!
Ту, вале ором мекардӣ хурӯши одамон,
Гӯиё ором мекардӣ яке баҳри дамон.
Ту, вале аз фазлу ҳикмат, аз адаб гап мезадӣ,
Аз шарофат бар бани одам аҷаб гап мезадӣ.

Аз адаб гап мезадӣ, ҷон дар танат дар мегирифт,
Дар ба мисли ҳезуми тар, ҳезуми тар мегирифт.
Аз рафоқат бо садоқат, дилситон гап мезадӣ,
Зидди бадхоҳи амонӣ беамон гап мезадӣ.
Аз забонат чун асал мерехт ҳарфи дӯстӣ,
Хуштар аз нури саҳар мерехт ҳарфи дӯстӣ.
Дӯстиро, дӯстонам, ҷустуҷӯ бояд кунем,
Аз амонӣ, дӯстонам, гуфтугӯ бояд кунем.
Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт, эй дӯстон,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт, эй дӯстон.
Ин насиҳат борҳо гарчи зи ман бишнидаед,
Кай зарар аз дӯстӣ, эй дӯстонам, дидаед?!
Шоири аъзам, ҳамеомад садо аз издиҳом,
Бе ту моро дар замона рӯзи равшан гашт шом.
Бе ту обу нони мардум дар даҳонҳо шӯр шуд,
Зиндагӣ бар чашми мардум тор мисли гӯр шуд.
Бе ту дар чашми хирадманде наояд хоб ҳам,
Аз гулӯе нагзарад бе ту ба хубӣ об ҳам.
Шоиро, уммеди моӣ, назди уммед омадем,
Шӯҳрати ҷовиди моӣ, назди ҷовид омадем.
Тоҷики хушбахти ту бадбахти олам гаштааст,
Тоҷикистонат саройи мотаму ғам гаштааст.
Аз саодатҳои халқат як нишон ҳам не дигар,
Аз ҷаҳолатҳои халқат мешавӣ хуни ҷигар.
Фитнаву шар дар диёрат ҳукмфармоӣ кунад,
Ҳар куҷо Заҳҳоки даврон фикри расвоӣ кунад.
Дар чунин рӯзи сиях имдод мехоҳад Ватан,
Аз шарофатманд мардаш дод мехоҳад Ватан.
Шоиро, имрӯз халқат рӯ ба ту овардааст,
Рӯ ба ту бо сад умеду орзу овардааст.
Ҳинду Чинро як замоне ақли ту тасхир кард,
Обрӯву эътиборат номат оламгир кард.
Осиёву Африқо аз шеъри ту бедор шуд,
Бандаи ғафлатзада аз шеъри ту ҳушёр шуд.
Халқҳоро шеъри ту бинмуд аҳлу муттаҳид,
Ғуссаву ғамро мубаддал кард шеъри ту ба ид.
Шеъри ту ҷонҳои сарди одамонро гарм кард,

Шеъри ту дилҳои санги одамонро нарм кард.
Шеъри ту дар шаб чароғи хонаи торик шуд,
Равшанибахшандаи роҳи ҳама тоҷик шуд.
Инак, имрӯз, устодо, боз муҳтоҷи туем,
Боз мӯҳтоҷи шарофатҳои меъроҷи туем.
Тоҷикистон аз ҷаҳолат торикистон гаштааст,
Пойгоҳи сурбахши насли шайтон гаштааст.
Ин шаётин сарвати халқат ба яғмо бурданӣ,
Илму ирфон, меҳру шафқатро зи дилҳо бурданӣ.
Дар диёрат, устодо, илму дониш хор шуд,
Фитна рӯйи кор омад, зиндагӣ мурдор шуд.
Дар забони одамӣ ҳарфи ҳақиқат ҳам намонд,
Дар дилу ҷони касе дигар садоқат ҳам намонд.
Чун бидидам, шикваи он марду зан аз ҳад гузашт,
Нолаву афғони зори анҷуман аз ҳад гузашт,
Як қадам бар пеш мондам, сӯйи устоди кабир,
Бар сухан пардохтам, то шод гардад он шаҳир:
Устодо, оре, оре, ин ҳама балво гузашт,
Дар ватан моро ҳаёти нохушу расво гузашт.
Аз сари фарзанди тоҷик кулфати дунё гузашт,
Ашку хуни одамӣ монандаи дарё гузашт.
Он чи мегӯянд ёрон, он ҳама бигзаштаанд,
Шӯру шар, ки дошт даврон, он ҳама бигзаштаанд.
Чун шумо барвақт ин сӯ омадед, он гуфтаед,
Эй шаҳидони ҷавон, ҳар дида аз ҷон гуфтаед.
Шӯру шар он рӯзҳо дар мулк беандоза буд,
Давлати тоҷикро рафтан зи байн овоза буд.
Ман ҳамин ҳоло аз он ҷо омадам, гӯям саҳеҳ,
Бе ягон макру риё, озодаву поку малеҳ.
Тоҷикистон аз фалокат вораҳид, озод шуд,
Тоҷикистон аз ҳалокат вораҳид, обод шуд.
Тоҷикистон ин замон чун лолазорон дилкушост,
Ҳамчу баҳри бекарони дуру гавҳар дилрабост.
Тоҷикистон ин замон озод мегирад нафас,
Зиндагонӣ мекунад тоҷик бо садҳо ҳавас.
Шайтанатро аз ниҳоди нотавонбин дур кард,
Ростиву дӯстиро баҳрашон манзур кард.

Бар мухолиф дасти ваҳдат дод аз ҷону ҷигар,
Бо мухолиф рангу бӯ бигрифт чун ширу шакар.
Қудрати ваҳдат халоиқро бародар мекунад,
Мардуми ноошноро ёру ёвар мекунад.
Қудрати ваҳдат Ватанро зебу оро медиҳад,
Дашти хушки бегияҳро ҳусни барно медиҳад.
Қудрати ваҳдат дили инсон гулафшон мекунад,
Рӯзи тори одамонро равшанистон мекунад.
Қудрати ваҳдат ба олам дӯстӣ меоварад,
Аз дили фарзанди инсон душманиро мебарад.
Устодо, мардуми мо дар ҳамин роҳ аст ҳин,
Дӯстӣ дорад қавӣ бо мардуми рӯйи замин.
Тоҷикистон он чунон зебою дилкаш гаштааст,
Дар само ҳусни замини он мунаққаш гаштааст.
Устодо, ғам мадеҳ рӯҳи бузургат, ғам махӯр,
Ғам зи афзун гаштани мотам дар ин олам махӯр.
Устодо, Қаҳрамони Тоҷикистони азиз,
Дар миёни қитъаҳо афсонасон машҳур низ.
Рӯ ба сӯйи кишварат бошу мададгораш бишав,
Дар фарозу шеби ҳастӣ ёру ғамхораш бишав.
Аз саодатҳои рӯзафзуни халқат шод бош,
Дар қадамҳои навинаш масдари эҷод бош.
Ман бидидам, чашми ӯ гардид аз нав шӯълавар,
Қомати хамгаштааш шуд рост дар пеши назар.
Чеҳра нуронӣ бигашту ораз оташвор шуд,
Аз лачанзори ғами дил ҷониби гулзор шуд.
Бар сухан пардохт чун ҳарвақта дар васфи Ватан,
Аз барору нобарориҳои халқи хештан.
Ончунон тасфида буд, чун баҳр туғён дошт ӯ,
Дар ниҳоди бекаронаш сахт тӯфон дошт ӯ.
Чун сухан аз ҷаҳл мерафт, аз ғазаб дар мегирифт,
Таҳ ба таҳ месӯхт, дар чун ҳезуми тар мегирифт.
Аз саодат гар сухан мерафт, чун гул мешукуфт,
Дар гулӯи ӯ гули шодӣ ба ғулғул мешукуфт.
Ҳар қадар табъи равонаш мекушод устодро,
Он қадар зебою фаррух мениҳод устодро.
Ноаён атрофи ӯро мардуми дунё гирифт,

Қатра-қатра ибтидо буд, интиҳо дарё гирифт.
Ҳар яке бар зодаи устод мегуфт: Офарин!
Бар фазилат додаи устод мегуфт: Офарин!
Офарин бар модаре, к-ин гуна инсон зодааст,
Офарин бар миллате, к-ӯро ба дунё додааст.
Оламу одам ба ӯ бояд бифахрад ҷовидон,
Шӯҳраташро аз замин бояд барад то осмон.

1995

## МАРДИ ХИРАД

*Барои Маҳмадсаид Убайдуллоев*

Ту, мири пойтахти кишвари тоҷик,
Ба сарҳад аз Душанбеят бурун рафтӣ.
Надонам ман агарчи ҳадди инсонро,
Ба қудрат ту зи як инсон фузун рафтӣ.

Ба сурат ту агарчи одами оддӣ,
Ба сират дар замона бебаҳо ҳастӣ.
Агар мирони шаҳратро саф ороянд,
Ту, бешак, байни онҳо авлиё ҳастӣ.

Ту ки аз асл поку бегунаҳ будӣ,
Гузаштӣ безарар аз оташи тӯҳмат.
Ту ки фирӯз гаштиву саодатёр,
Ба он ҷамъи ҳасуду нотавон «раҳмат».

Ки як вақте туро бисёр хоиданд,
Ва номат луқмаи талхи даҳанҳо шуд.
Худо шоҳид, ҳуҷуми пашшаҳо бар фил,
Худо шоҳид, ҳама он жожу ботил буд.

Ба покӣ ту Сиёвушро ба ёд орӣ,
Ва Юсуфро ба бунёду шукуфоӣ.
Ту ҳастӣ нусхае аз Рустами Дастон,
Ки ҳар ҳарбе Таҳамтанвор бинмоӣ.

Ту ки аз асл фарди бошараф будӣ,
Хирадро раҳнамойи зиндагӣ хондӣ.
Ниҳоли душманӣ аз реша барканда,
Дарахти дустӣ ҳар ҷой биншондӣ.

Хирад бар қудрати ту раҳнамо гардид,
Хирад охир хурӯшонд ору номусат.
Хирад бар шӯҳрати ту муттако гардид,
Хирад овард дунёро ба побӯсат.

Ба монанди Бухорошаҳри Сомонӣ,
Душанберо азизу дилситон кардӣ.
Ба монанди Самарқанди адабпарвар,
Душанберо ту машҳури ҷаҳон кардӣ.

Гаҳе он Миср пиндорам Душанберо,
Ки Юсуф бар дилу ҷонҳо азизаш кард.
Ба худ оям ва бо фахри фузун гӯям,
Душанбе ҳам кунун дорад чунин як Мард.

Ту, мири пойтахти кишвари тоҷик,
Ба таърихи Душанбе дер хоҳӣ монд.
Нишони мо аз ин даврон ба фардоҳо,
Ба мисли қуллаи Помир хоҳӣ монд.

Чунон азму ҷасоратҳо, ки дорӣ ту,
Ба хулқат ҳар маконеро биоройӣ.
Шаке не, бо Душанбе сӯйи оянда,
Барои Тоҷикистон роҳ бикшойӣ.

Ту ҳар гаҳ назди ҷамъият сухан гӯйӣ,
Дилат дар сина мисли рӯд бихрӯшад.
Сари шамшери ҳарфи сахт ҳақгӯят,
Тани ноаҳлу бадкирдор бихрошад.

Ту мири одии шаҳри Душанбе не,
Ба мисли Каъбаӣ баҳри дигар мирон.
Ки рӯ оранд сӯи ту зи ҳар ҷониб,
Ба як дунё умеду орзу, имон.

Ту, мири пойтахти кишвари тоҷик,
Сафири шаҳриёни мо ба дунёӣ.
Ту инро хуб медонӣ ва онро ҳам,
Ки баҳри Тоҷикистон дӯст ҷӯёӣ.

Ба мақсад мерасад инсони некӯрой,
Бузургон гуфтаанд ин ҳикмати дерин.
Ту ки ҷойӣ чу дил дар синаи мардум,
Худовандо, расӣ бар мақсадат, омин!!!

* * *

Мардони хирад ҳамчу ту монандаи шамъанд
Бар нокасу кас равшанӣ бахшанд баробар.
Хуршед чӣ донад, ки барад баҳра зи нураш,
Ҳам мардуми бадтинату ҳам ёру бародар.

* * *

Бар равони бандае сад офарин,
К-у ҷаҳонро бо хирад бишнохтаст.
Даст шуста аз ҳама кори ҳаром,
Бар накуӣ ҷону дил пардохтаст.

## ГАНҶИНАИ НУР

Ҳар субҳ чу ман дидани хуршед бароям,
Болад дилу ҷон, дидани умед бароям.
Аз дори сияҳрӯз дами шед бароям,
Аз лутфи ҳаво сина пур аз файз намоям.
Андар назарам сурати зебои ту ояд,
Бар чашми дилам сирати волои ту ояд.

Сармасти Душанбе шавам аз бодаи рӯяш,
Бинам садафи оби равон бар кафи ҷӯяш.
Нури назари пиру ҷавон гарм ба сӯяш,
Фахри ҳамаи ҷону дил аз бӯи накӯяш.
Андар назарам сурати зебои ту ояд,
Бар чашми дилам сирати волои ту ояд.

Бинам, ба Душанбе зи фалак нур бирезад,
Нури хираду тантанаву сур бирезад.
Чун шаҳри мукаррамшудаи сулҳу амонӣ,
Бар ӯ зи ҷаҳон номаи мансур бирезад.
Андар назарам сурати зебои ту ояд,
Бар чашми дилам сирати волои ту ояд.

Шабҳои Душанбе ҳама чун рӯз бубинам,
Дар базму тараб хуштари Наврӯз бубинам.
Дар чашми само шаъшаафрӯз бубинам,
Дар шоми сияҳ ҳикмати фирӯз бубинам.
Андар назарам сурати зебои ту ояд,
Бар чашми дилам сирати волои ту ояд.

Дар гӯшаи «Роҳат» бафароғат бинишинам,
Фориғ зи ғаму кулфату офат бинишинам,
Бо ёди ҳабибон ба муҳаббат бинишинам,
Рӯзу шаби афзун ба саломат бинишинам,
Андар назарам сурати зебои ту ояд,
Бар чашми дилам сирати волои ту ояд.

Гӯянд, Душанбе шарафи сулҳу амонист,
Чун соғари хуршеди кафи сулҳу амонист,
Бе буди Душанбе талафи сулҳу амонист,
Тоҷик, хушо, пешсафи сулҳу амонист,
Андар назарам сурати зебои ту ояд,
Бар чашми дилам сирати волои ту ояд.

# ПАРАСТУ

*Ба ёди дӯсти азизам шоир Ғоиб Сафарзода*

Баҳор омад,
табиат чун дили пурорзу рангину зебо шуд,
Замини нозанинро
нозанину дилработар аз чаман дидам.
Баҳор омад,
ба шифти хонаву дарҳо парасту ошён бигзошт,
Ҳамин сон лонаҳо чандин
ба сақфи ҳуҷрабоми хештан дидам.
Парастуҳо, ба рӯи ман,
ба рӯи зиндагонӣ аз баландиҳо,
Аҷаб борағбату асрорноку ибратомӯзе нигаҳ доред.
Парастуҳо, парастуҳо,
шумо ин дам ба ёдам рафтагон оред.
Аҷаб не, он парастуи
накӯсурат маро рӯҳи падар бошад,
Ки аз мулки шаҳидон
хонаи уммеди худ парвоз бинмуда.
Падар рӯзи сиёҳи ин замин бахшид ҷонашро,
вуҷудашро,
Ва мехоҳад бубинад
орзунахлаш чӣ гуна бор бахшида
Аҷаб не, он парастуяк
маро рӯҳи ҳамон додарчаам бошад,
Ки рӯзи ҷанг қурбони вабои душманону гушнагӣ
гардид.
Нагашта сер аз ширу навозишҳои модар
рафт аз олам.
Магар имрӯз мехоҳад бубинад
бахти неку хандаи хуршед?
Аҷаб не, он парастуи
азизу меҳрубон он дӯсте бошад,
Ки бе ӯ аввалин фасли баҳору
гул ба истиқбол меояд.

Ҷавонмарде, ки андар бомдоди
зиндагӣ шаб кард рӯзашро,
Аҷаб не, гӯяд ӯ
«моро бурун аз ёдҳо бурдан намешояд».
Аё ҷоно,
аё эй ворисӣ кӯи муроди рафтагони мо,
Парастуро нашӯрону мадеҳ озор,
аз ҷон дӯсташ медор,
Ки худ вақте видои зиндагӣ гӯӣ,
ҷаҳонро тарк бинмоӣ,
Яке рӯзи баҳорон сӯи ин даргоҳ меойӣ парастувор.

## ШОД БОШУ ДЕР ЗӢ

*Барои Гавриэлови 70-сола*

Тоҷикистон бо ҷавонмардони некӯноми худ,
Зинда буду зинда ҳасту зинда хоҳад монд боз.
Номи тоҷик ҳамчу насли сарбаланду тоҷвар,
Аз чунин фарзандҳо поянда хоҳад монд боз.

Кист тоҷик? Он ки бар олам «Авасто»-ро бидод,
Оли Сомонро ба тахт оварду Дороро бизод.
То набошад зиндагӣ безавқу бе нуру Сафо,
Рӯдакиву Саъдию Хайёму Синоро бизод.

Кист тоҷик? Он ки монанди ту соҳибдавлат аст,
Дар сахову дар вафову дар шарофат, дар адаб.
Дидаам, дунёи ту рашки дигарҳо мешавад,
Ту аз ин бояд бифахрӣ, зодаи олинасаб!

Рӯзи сахти Тоҷикистон з-ӯ нарафтӣ, хуб шуд,
Ҷуз ба некӣ Тоҷикистонро нагуфтӣ, офарин!
Бахту фирӯзӣ фақат аз ӯ биҷустӣ, дӯстам,
Лаҳзае бе Тоҷикистонат нахуфтӣ, офарин!

Ҳамчу фарзанди вафодору азизи хештан,
Ман аминам Тоҷикистон дӯст медорад туро.
Шод бошу дер зӣ ҳамчун Бухорои Шариф,
Ин дуои Рӯдакӣ Одина меорад туро!

## ШЕЪРИ ТАР

*Барои Гулназар*

Шеъри ту бӯи баҳорон мекунад,
Бӯи гулҳои гулистон мекунад.
Рӯҳи касро менавозад шеъри ту,
Ҷони касро мегудозад шеъри ту.

Шеъри ту бар хонаҳо базм оварад,
Бар дили ҷононаҳо назм оварад.
Чун ҷавонӣ шӯру исён дорад он,
Бар хурӯши хеш имон дорад он.

Шеъри ту мардонагӣ мепарварад,
Мардро фарзонагӣ мепарварад.
Зинда гардонад бузурони хирад,
Бар хирадмандон диҳад умри абад.

Шеъри ту лафзи равони модарист,
Лафзи поки ҷовидони модарист.
Ҳамсадои давру айём аст он,
Аз диле бар халқ инъом аст он.

Шеъри ту бӯе зи деҳқон мекунад,
Бӯи нони гарми чакдон мекунад.
Бӯи шири модару пушти падар,
Бӯи ҷони гарми инсон мекунад.

Шеъри ту бӯи баҳорон мекунад,
Бӯи иззатманд меҳмон мекунад.
Бӯи оби чашмаву дарёву кӯҳ,
Бӯи хоки Тоҷикистон мекунад.

## ДУ ШЕЪР

*Барои дӯсти азизам,*
*шоир Сайдалӣ Маъмур*

### 1. ДАР ЗИНДАГӢ

Чу баҳри бекарон бинам туро ман,
Ҳамеша дар назар орому хомӯш.
Чу дарёи равон бинам туро ман,
Ки ҳар як қатра хунат мезанад ҷӯш.

Туро зоҳир мисоли баҳри ором,
Туро ботин чу дарёи дамон аст.
Чунин ду хислате дар як тану ҷон,
Чи гӯям, аз бузургиат нишон аст.

Чи хушбахтӣ, худои хеш будан,
Ба савту сози асли худ сурудан.
На «гулчине» зи ҳар як нокасу кас,
Гули худро ба гулхоҳон намудан!

Надидам волидонатро агарчӣ,
Бидонам, зиндагии сахт диданд.
Вале чун ворису меросдоре,
Туро баҳри замона офариданд.

Ту рамзи оҳану пӯлод будӣ,
Ҳақиқӣ оҳану пӯлод гаштӣ.
Чу дидӣ обу тоби зиндагонӣ,
Ту аз нав дар худат бунёд гаштӣ.

Ту кайҳо он касӣ, мехост модар:
Ба монанди замин андар таҳаммул,
Ба монанди замин пурсабру тоқат,
Ба ҳар вулқон, ба ҳар раъду тазалзул.

Ту кайҳо орзуи қиблагоҳӣ:
Қатори ҷумла мардони ҳамида.
Қатори зумраи камёбу нодир,
Дар инсонӣ ба устодӣ расида.

Туро зоҳир мисоли баҳри ором,
Туро ботин чу дарёи дамон аст.
Чунин ду хислате дар як тану ҷон,
Чӣ гӯям, аз бузургиат нишон аст!

## 2. ДАР ШЕЪР

Лаззати дилҷӯй дорад шеъри ту,
Хуштар аз гул бӯй дорад шеъри ту.
Аз матои пурбаҳои тоҷикӣ
Ҷомаи хушрӯй дорад шеъри ту.

Шеъри ту дард аст, дарди зиндагӣ,
Он садо аз сина чун най мекунад.
Коми муштоқони худро ҳар куҷо,
Эй басо соласт дар май мекунад.

Чун тулӯъи офтоби навбаҳор,
Ҳолати дилфор дорад шеъри ту.
Бар дили бадкину бадхоҳони давр
Корае чун хор дорад шеъри ту.

Шеъри ту сӯзу гудози зиндагист,
Нусхае аз сӯзу дил, ҳам ҷони туст.
Сафҳаҳои пур зи холу хат ҳама,
Донаҳои киштаи армони туст.

Шеъри ту ҳарфу ҳиҷои орзу,
Аз хаму печу фарози зиндагист.
Ҳар кӣ онро таъна бар сустӣ занад,
Худ зи аҳли мардуми фарзона нест!

Кори ту дар шеъри ту дар ҳар қадам,
Ҳотами Тайро ба ёд орад, ба ёд.
Ин карам, ин лутфу эҳсон, дӯстам,
Бо дӯои дӯстон поянда бод!

## МУТРИБО!

Мутрибо, ман дӯст медорам туро,
Аз барои савту овози хушат.
Савту овозе, ки бо табъи баланд,
Завқро сӯи баландӣ мекашад.

Мутрибо, ман дӯст медорам туро,
Аз барои он ки чун оби равон,
Бар тани саҳрову дашти ташналаб,
Медамӣ ту бар тани афсурдаҷон.

Мутрибо, ман дӯст медорам туро,
Аз барои қисмати пешонаат;
Дар ҷаҳон гардӣ мисоли офтоб,
Кам нишинӣ зери боми хонаат.

Мутрибо, ман дӯст медорам туро,
Аз барои он ки мафтун мекунӣ.
Бо навои дилнавози ҷони худ,
Ҷони аҳли дард афсун мекунӣ.

Мутрибо, ман дӯст медорам туро....

## ТАБАССУМ КУН

Таассум кун, табассум бар ту мезебад,
Табассум чеҳраатро нур мебахшад.
Даме мавҷи табассум бар лабат печад,
Саропоят зи нури ҳусн мерахшад.

Табассум кун, табассум бар ту мезебад,
Табассум лутфу эҳсонат аён созад.
Табассум занги кибру кин зи дил шӯяд,
Табассум оразатро дилситон созад.

Табассум кун, ки то ҳуснат гул афшонад,
Ду чашмат чашмаи меҳрофарин гардад.
Табассум кун, дилат дарё, танат дунё,
Ду рухсорат ду хуршеди барин гардад.

Чу рӯят то ки олам дилрабо бошад,
Мунаввар мисли чашмонат бувад даврон.
Табассум кун, табассум кун, табассум кун,
Аё Модар, аё Дилбар аё Инсон!

## СИПОС

*(Аз номи ҳамсари шоир Ғоиб Сафарзода)*

Ғоиби ман шавҳари ҷонона буд,
Марди марду бихраду фарзона буд.
Дар радифи нангу номусу шараф,
Бебаҳо буд, гавҳари якдона буд.

Аз фарози кӯҳсорон буд ӯ,
Аз хурӯши чашмасорон буд ӯ.
Аз сафои обшорони баланд,
Аз ҷамоли навбаҳорон буд ӯ.

Дӯст дар гирдаш фаровон дошт ӯ,
Дӯстонро дӯст чун ҷон дошт ӯ.
«Зиндагӣ бе дӯст кардан мушкил аст»,
Бар чунин андарз имон дошт ӯ.

Чун уқобон дар баландӣ мурд ӯ,
Дӯстонро гӯйӣ бо худ бурд ӯ.
Қисмати буду набуди хешро,
Бар касе не, бар Худо биспурд ӯ.

Баъди ӯ ёрони ӯ кам дидаам,
Гарчи дар чашмам фузун нам дидаам.
Аз ҳавои мардумозори замон,
Дар баҳори худ нами ғам дидаам.

Войи ӯву қадри арзонаш, дареғ,
Войӣ ёру дӯстдоронаш, дареғ.
Ӯ, ки дар ҳифзи сухан бахшид ҷон,
Войи арвоҳи сухандонаш, дареғ.

Аз Худо хоҳам ба ҷон имрӯзҳо,
Бе нишонгардида ёрони варо.
Хонаи ӯ, хони ӯ гум кардаанд,
Балки андар хеш гардида баҷо.

Ман хаёлан дашту саҳроҳо равам,
Ҷангалу дарёву кишварҳо равам.
Лаҳзае то шод созам рӯҳи ӯ,
Лаҳзае то номбардораш шавам.

Ман хаёлан сӯ ба сӯ пар мезанам,
Ёдҳоро ҷамъ орам то зи сар.
Ҷон бубахшам, дар сухан орам даме,
Ҷумла ёрон дар бари Ғоибназар....

## ДАСТ БА ОМИН

Дар шеър туро, ҷоно, чун Ҳотами Тай бинам,
Аз хирмани ашъорат дон чинаму дон чинам.
Ҳар ҷой туро ҷӯям, ҳар ҷой туро гӯям,
Дилсӯзи нахустинам, ҳаммашраби деринам.
Дар шеър ту мавлоӣ, дар шеър ту дунёӣ,
Бо шеъри тарат ҳастӣ ҳам динаму оинам.
Бисёр ҷаҳон гаштам, бисёр касон дидам,
Аммо туӣ меҳробам, аммо туӣ таскинам.

Гар умр бувад сад сол, гар умр бувад як дам,
Хоҳам сари девонат биншинаму биншинам.
Гар ҳаст адаб дар мо, гар ҳаст адиб аз мо,
Дар килки фаровоне нақшу пайи ту бинам.
Эй, дӯст дар ин олам ту бошию ман бошам,
Ҳар дам ба дуои ту ман даст ба оминам.

## *ЁДЕ АЗ ЛОИҚ*

### ҲАСРАТ

Ҳамчу Лоиқ дар ҷаҳон дигар наёбӣ ёри лоиқ,
Хоб мебинӣ дигар дар ин ҷаҳон дидори Лоиқ.
Рӯзу шаб аз осмон борад агарчи ширу шаккар,
Ҷони касро хуш наояд ҳамчу аз гуфтори Лоиқ.
Мардуме овоза дорад дар ҷаҳон бо лутфу эҳсон,
Ман вале хуштар бигӯям з-он ҳама рафтори Лоиқ.
Дар ҳама умри дарозам, дар ҳама шебу фарозам,
Ман надидам шевае авлотар аз пиндори Лоиқ.
Дил ҳамехоҳад шунуфтан ҳарфи ширине, валекин,
Ку ҳамон ҳарфу ҳиҷо ширинтар аз гуфтори Лоиқ.
Ҳар касеро чашм дӯзӣ, чашми хоболуд бинӣ,
Ёд меояд ҳамоно дидаи бедори Лоиқ.
Одамият тоҷи заррин мешавад бар фарқи мардум,
Нав ба нав гирад ба ҷон гар рӯҳ аз ашъори Лоиқ!

### ЛОИҚ НАМЕРАСАД

Хуш боду хуш ҳаво, Лоиқ намерасад,
Хуш созу хуш наво, Лоиқ намерасад.
Пурбода ҷомҳо, омода комҳо,
Афсӯс, эй Худо, Лоиқ намерасад.
Ёрон ҳама адо, бар ғусса мубтало,
Он ёри бовафо – Лоиқ намерасад.
Ранҷур шеъри тар, бемор лафзи ноб,

Ин дардро даво – Лоиқ намерасад.
Мо базм мекунем, ё азм мекунем,
Дар базму азми мо, Лоиқ намерасад.
Дар гулшани адаб афзуд шаҳгуле,
Сад ҳайф, баҳри мо Лоиқ намерасад.
Аз остонаҳо то осмонаҳо,
Он нури пурҷило – Лоиқ намерасад.
То ҳаст зиндагӣ, то ҳаст бандагӣ,
Он марди бебаҳо – Лоиқ намерасад.
Андар фалак дигар аз зиндаҳо нишон
Як ахтари само – Лоиқ намерасад.
Ҳон, эй хато магӯ, чуну чаро магӯ,
Лоиқ ҳамерасад, Лоиқ ҳамерасад.

## БОРИ ОХИР

Дар давоми беш аз соле чиҳил,
Ӯ ҳамеша буд дар чашмони ман,
Ӯ ҳамеша рӯшанӣ мекард гарм,
Беш аз соле чиҳил бар ҷони ман.

Беш аз соле чиҳил дар чашми ман,
Чашмаи чашмони ӯ пурмеҳр буд.
Беш аз соле чиҳил дар зеҳни ман
Ҳастии ӯ олами пурсеҳр буд.

Меваҳои такдарахти ҷони ӯ
Маззаи махсуси худро доштанд.
Таъми онҳо қадрдонҳоро сабук
Бар самои фазл мебардоштанд.

Бори аввал кай ман ӯро дидаам?
Гӯиё чандин ҳазорон сол пеш.
Баҳри инсон кам дигар кас мисли ӯ
Содиқона сарф карда умри хеш.

Бори охир нобасомон дидамаш,
Аз аташ месӯхт сар то пои ӯ.
Зиндагӣ дар ранги гирдоби махуф
Чарх мегардид дар аъзои ӯ.

Бори охир ман бидидам зиндааш,
Бори охир ҳам маро ӯ зинда дид.
Рӯ ба ҳам ду рӯди селоби баҳор
Он яке пуршӯр, ин як мунҷамид.

Бори охир ёфтам дар чашми ӯ
Ҳусни нотакрори динёи ҳақир.
Дар замири ҷони ӯ дидам аҷаб
Оламе дар беназирӣ беназир.

Ӯ шукуфон: «Омадӣ, Одина» – гуфт,
Ман ҳазинҷон «Лоиқо, – гуфтам, – хамӯш».
Имтиҳони зиндагӣ дорад Худо,
Аз кароҳатҳо нигоҳи ҷон мапӯш.

Нест рӯшан лаҳзаҳо чандон дигар
Нест дар хотир шабу рӯзи сиёҳ:
Ман гузаштам аз ҷаҳон хомӯшакак,
Ё ки Лоиқ бо ҷаҳоне оҳувоҳ.

## САРИ ХАМИДА

*Барои Лоиқ Шералӣ*

Ба кӯчаҳо бидидамат,
Сари хамида меравӣ.
Шиносу ношиносро
Ҳаме надида меравӣ.

Туро набуд одат ин,
Сарат сари баланд буд.
Ниҳоли қоматат мудом
Базебу дилписанд буд.

Ба гулшани адаб яке
Ту нахли бебадал будӣ.
Дигар касон агар шакар,
Ту хуштарин асал будӣ.

Ба назди ом қадри ту,
Чу ахтарон баланд буд.
Ҳисори шаъну шӯҳратат
Бузургу бегазанд буд.

Умеди шеъри тоҷикам
Зи ту ки бекарона буд,
Ба ҳар дари суханварӣ
Каломи ту ягона буд.

Кунун чарой инчунин,
Чаройӣ сарду бевиқор?
Фушурдаҷон, фушурдарӯх,
Фушурда табъи комкор?

Чунин чаройӣ ин замон,
Хаёли ман ба туст банд.
Магар қазо фитондааст,
Туро чу сайд дар каманд?

Ту ин замон на пирмард,
Ҷавону пурмаҳоратӣ.
Вале на чун гузаштаҳо
Ғайюру боҷасоратӣ.

Нигоҳи ту ба пушти по,
Равонӣ ту, куҷо равон?
Надидани надиданӣ,
Дар ин ҷаҳон магар тавон?

Ҷиҳоди худкушӣ даме
Сар аз ниҳоди мо кашид.
Қабоҳате ба мисли он
Касе надиду нашнавид.

Агарчӣ кушт, кушт, кушт,
Агарчи сӯхт, сӯхт, сӯхт.
Агарчи бурд, бурд, бурд,
Валек оши ӯ напухт.

Напухт аз он ки фаҳш буд
Ва амри ҳеҷ дил набуд,
Ҳазор қозиву ҳакам
Ба пухтанаш кафил набуд.

Хаёли ман ба туст банд,
Сари хамидаат чаро?
Магар зи ҷаҳли тоҷикат
Бишармӣ аз худу худо?

Ҳамин ҷиҳод ё магар
Туро бикушт дар ниҳод.
Надидӣ чун алайҳи он
Савоби оташи ҷиҳод?

Битарсӣ аз сари баланд,
Ки ин садо расад зи пушт:
Сари касе баланд буд,
Замона бо ҷафош кушт.

Бишармӣ аз сари баланд,
Ки борае нидо кунад:
Магар надонӣ кӯзагар,
Зи хоки ту чиҳо кунад.

Бивамҳӣ аз сари баланд,
Ки аз дарахте бишнавӣ:
Шаҷар намонда безиён,
Ту рост чун ҳамеравӣ.

Магар ҷиҳоди бениҳод
Иродаи туро шикаст.
Ки бо ҳазор валвала
Шикасту порае набаст?

Кунун нахоҳӣ дид, оҳ,
Дубора рӯйи одамон?
Агар чунинӣ, чун кунӣ,
Ба рӯзи ҳашри беамон?

Ту мисли баҳри хомушӣ,
Пеш аз хурӯшу ҷӯшҳо.
Ман аз лаби ту бишнавам
Фасонаи хурӯшҳо...

## БАРДОР САР

Лоиқ, зи танат дур биафкан кафанат,
Бардор сар аз хоку нигар бар Ватанат.
Набвад шак, агар зи дида ҳайрон бишавӣ,
Тангӣ бикунад дар баданат пираҳанат.
Бо чашми хирад ба Кохи Сомон бинигар,
Васфаш бизанад бол сухан аз даҳанат.
Ин қасри дилафрӯз ба мо доди Худост,
Муштоқ ҳаме саҳнаи он бар суханат.
Дигар ба шабе гӯшаи торик маҷӯ,
Бишкуфта зи нури барқ дашту даманат.
Пажмурдаву афсурда куҷо ҷону тане,
Ғарқанд ба мавҷи шавқ боғу чаманат.
Аз дидани ин ҳамҳамаву дамдамаҳо
Ҷӯшад чу хурӯши дег хун дар баданат.

Чашмак задани сабза зи фардои наҷиб,
Донам, ки шуда хушхабари танбатанат.
Лоиқ, зи танат дур биафкан кафанат,
Бардор сар аз хоку нигар бар Ватанат.
Дар даҳр чу хуршед намоён гашта,
Чашми сари раҳ зи роҳи дур омаданат.
Донад ба яқин, чун ту ҳабибаш набувад,
Арзанда дар ин хок табибаш набувад.

## ҲАЙФ

*Дар сӯгвории Ҳабибулло Файзулло*

Аз бари мо марди ҷонон рафт, ҳайф,
Марди ҷонон аз бари ҷон рафт, ҳайф.
Тоҷикистонро дилоро шоире,
Ҷону дил саршори армон рафт, ҳайф.
Буд инсоне зи имон обу гил,
Сурати комил ба инсон рафт, ҳайф.
Гул начид аз гулшани умри азиз,
Аз бари мо худ гулафшон рафт, ҳайф.
Ҳасрато, фарзанди дилбанде аҷаб
Аз канори Тоҷикистон рафт, ҳайф.
Кас ба рӯи кӣ бубинад баъд аз ин
Рӯи ӯ ки нурафшон рафт, ҳайф.
Кас куҷо дар зиндагӣ бинад дигар
Он рафиқи беҳтар аз ҷон рафт, ҳайф.
Ҳар ки ӯро хуб медонист, гуфт:
Ибрати покии виҷдон рафт, ҳайф!

## ЯГОНА

*Барои устод Соҳиб Табаров*

Дар пайкари пурпечу тоби одамӣ,
Аксар дар он пайкар, ки он
Ором тобад дар назар,
Як раг паропар мекунад.
Гоҳе ба банди дасту по,

Гоҳе ба ишкам ё камар,
Гоҳе ба шона, пушту рӯ
Ё алғараз, ҷои дигар
Як раг паропар мекунад.
Дар ин бадан аз будани
Ҷон медиҳад ин раг хабар.
Гӯйӣ ба он кас гӯяд он:
Меҷунб, соҳиб, тезтар,
Мебош аз худ бохабар.
Дунё барои хоб нест,
Дунё барои зиндагист!

* * *

Дар баҳри бузургу бекарона,
Баҳре ки дар он набинӣ гоҳе
Не ҷӯшу хурӯшу не талотум
В-аз мадду зи ҷазр не нишона.
Дидам, ки наҳанг мехурӯшад,
Бо азм агарчӣ, собирона.
Аз ҳайбати шӯри пайкари он
Ин баҳри бузург тунд ҷӯшад.
Ин шери жаёни баҳри бетаг,
Гандидани обро нахоҳад.
Дидан натавонад ӯ ғуборе,
Дар пайкари поки зиндагонӣ.
Дидан натавонад ӯ қароре,
То раҳ набарад ба бенишонӣ.
Ронад ба ситеза ҳар касофат,
Ронад ба ситеза ҳар наҷосат.
Печад ба худу ба қаҳр ғӯтад,
Пайдо, ки далеру пуртавон аст.
Дар ҳифзи саодати ҷаҳонаш,
Бо ҳар хатару сафар равон аст.
Сар медиҳаду намедиҳад рӯз,
Онро, ки ба зот баднишон аст.

* * *

Дар ҳар тани зинда мезанад набз,
Дар ҳар тани зинда метапад дил.
Дар ҳар тани зинда аз баду нек,
Донанд ҳама, ки ҳаст ҳосил.

Набзи ту дар ин ду қарн, устод,
Чун соати беғалат заду зад.
Дар сина дилат ба ҷои сад дил
Бе фанду фиреб хизматат кард.

Дар ҳар тани зинда як забон ҳаст,
То лафз яку ягона бошад.
Бе фитнаву макру зарқу ҳила,
Дар замзама чун тарона бошад.

Дар назди худои аззаву ҷал
Устод, забони ту намунаст.
Тоҷик ду қарн шуд, ки донад
Пайғамбари нанги ӯ чи гунаст.

Дар ҳар тани зинда ҳаст номус,
Дар ҳар тани зинда ҳаст виҷдон.
Дар ҳар тани зинда ҳаст уммед,
Дар ҳар тани зинда ҳаст армон.

Номуси ту рашки дигарон шуд,
Виҷдони ту неши худ ба ҷонат.
Уммеди ту байрақи касон шуд,
Армони ту монд дар ниҳонат.

Дар ҳар тани зинда як равон ҳаст,
То кас ба ҳадаф равона бошад.
Бар ҳар тани зинда ҷони афзун
Бо амри Худо раво набошад.

Аммо ба ту як ҳазор ҷон ҳаст,
Аммо ба ту як ҳазор бадхоҳ.
Бадхоҳи туро замон ба худ бурд,
Ҷони ту аз ин ҳамеша огоҳ.

Исонафасӣ, ки дорӣ, устод,
Бар сад рагу пай ҳаёт додӣ.
Бар олами бойи пайкари худ
Умри хуши бемамот додӣ.

Тоҷик ба даҳ замони дигар
Фахрад, ки ба даҳр ину он дошт.
Дар байни ду-се бузурги таърих
Соҳиб Табаре дар ин замон дошт.

## ПАЙРАҲАИ ҶОВИДОН

*Барои Устод Мӯъмин Қаноат*

Ману шоми сияҳсарди зимистонӣ,
Ҳаво, ки сарду хушку бетароват буд,
Пас аз анҷоми вақти хизмати давлат,
Ки умре ин ба мо чун фарзу суннат шуд,
Қатори мавҷи мардум ман ба сӯи хона мерафтам,
Пиёда, чун дигарҳо аз худам бегона мерафтам.
Зи байни издиҳом ин дам садои исми худ бар гӯши ҳуш омад.
Ва чашми ҷон ба он ҷониб равон кардам.
Ба пайкар хуни нанги ман ба ҷӯш омад:
Туро дидам қатори интизорони парешонҳол,
Маро ту ҷониби манзил муносиб ҳамсафар дидӣ,
Ки бегаҳ асту ранги шаб фаро бигрифта оламро,
Ва ин айёми бесомон кунад ҳушёр одамро[1].

[1] Ишорае ба ҳодисаи дар даромадгоҳи маҳаллаи истиқоматии устод Мӯъмин Қаноъат ба дасти як гурӯҳ авбошони нашъаманд осеб дидан ва баъдтар фавтидани нависандаи забардаст Фазлиддин Мухаммадиев.

Ва ширину гуворо сахт хандидӣ,
Аҷаб не, талх кардӣ гиря андар худ
Туи танҳо, мани танҳо, миёни тӯдаи танҳо,
Гирифтори сару савдо, дар оғӯши маҳи сармо,
Фушурда дасти ҳамдигар зи танҳоӣ раҳо гаштем.
Ба дарди ҷони якдигар ба ҳукми Ҳақ даво гаштем,
Шукуфтему ба бахти созгори худ сано гуфтем,
Ба умри давлати навсозгори худ бақо гуфтем.
Ки моро дар дами муштоқи як гармӣ ба ҳам овард.
Ва дар он бегаҳи сарди зимистонӣ,
Ки вазъи мо зи авзои ҳаво хуштар набуд, ё раб,
Туро хуршед дидам, шоиро, хуршеди тобистон,
Ки гармие ҳаловатбахш бахшад бар тани инсон.
Туро хуршед дидам, лек хуршеди суханофар,
Туро хуршед дидам, лек хуршеди сухангустар.
Сухан дар қолаби ту зебу авранги дигар дорад,
Сухан гар аз ту ояд, мурда бошад ҳам, шарар дорад.
Дар он сӯҳбат,
Чу аз шеъри Лисонулғайб ёд омад,
Хаёлам,
Лаҳзае дар сирати ту зинда шуд Ҳофиз,
Ва дар оинаи фазлат закои хешро дида,
Дигар хушнуду осуда,
Зи нав ҳукми қазоро банда шуд Ҳофиз.
Ту хуршеди сухангӯӣ, ту мурғи офтоб астӣ,
Ки аз авҷи хирад бо хокиён дар печу тоб астӣ.
Ту аз нури Аҷам, рӯҳи Аҷам баргу наво дорӣ.
Зи панди пири Ҳинду Чин ба ҷонат муттако дорӣ.
Ту аз ганҷи Фарангу ҳикмати Ховар хабар дорӣ,
Зи ирфони башар бар ҷавшани ҷонат сипар дорӣ.
Ту чун хуршед нур астӣ,
Ба харҷи нури худ чун ӯ сабур астӣ.
Агарчи пур ҷасур астӣ.
Ту мурғи офтобӣ, дар баландӣ ошиқона,
ҷовидона ошён дорӣ....

Ва дар ин бегаҳи тори зимистонӣ,
Ки ҷони мо ғуборолудатар аз ин ҳавасҳо буд,
Туро маҳтоб дидам дар сафо, устод,
Туро ноёб дидам дар вафо, устод.
Ту дар майдони шеъри рӯзи мо нуру сафо ҳастӣ,
Ба ҳалқи ташнаҷон оби бақо ҳастӣ.
Ҳамон майдон, ки кубҳи шаҳсавори он фаровон аст,
Муродаш кас намедонад, агарчи масти ҷавлон аст.
Зи ту нури дигар гирад чароғи манзилу маҳфил,
Равонаш поктар гардад, касе дар сина дорад дил.
Дар айёме, ки бедоғ одаме, афсӯс, кам бинӣ,
Маҳи афкори ту гарде надорад, зоминаш Қуръон.
Ба ин ман мекунам бовар, ба ин ман оварам имон.
Ту бо ин сабки пурборӣ, ту бо ин фазлу пуркорӣ,
Барои олами фардо рисолат бештар дорӣ.
Агарчи реша ҳангоми ғубори моҳ бигзорӣ,
Вале ту худ, ки моҳ астӣ.
Ба раҳ беиштибоҳ астӣ.
Ва ҳамчун маҳ мунаввар мекунӣ саҳрои дилҳоро,
Сафо бахшӣ ба нури маърифат ақсои дунёро.
Биё, аз рӯи инсофе, агар бошад ҳамон инсоф,
Ба таърихи ҳазоронсолаи шеъри Аҷам як чашм андозем.
Ва то имрӯзу фардоҳо,
Хаёлан,
Ончуноне дидаем асри «Авасто»-ро.
Ва пайроҳи бузургоне чу Синоро,
Яқин, пайроҳае хоҳем дид озодаву рангин,
Ба шеъри дилкаши нобу ба лафзи чун асал ширин.,
Ва он пайроҳаи Мӯъмин Қаноъат – ҳамзамони мост,
Ҳамон Мӯъмин Қаноъат, ки ҳамеша дар забони мост.

## ДАР РОҲИ МУРОД

*Барои Салими Хатлонӣ*

Дарёчаи шӯхи беқароре,
Дар шебу фарози кӯҳсоре,
Худро ҳама раҳ ба санг мезад,
Бо як на-ҳазор ранг мезад.
Ҳар санги раҳи худ об мекард.
Харсанги раҳи худ об мекард.
Чун бод ба сӯи пеш мерафт,
Чун об ба ҷӯи хеш мерафт,
Садди раҳи худ ба хеш мебурд,
Чун хору хасаш ба пеш мебурд.
То омаданаш ба домани дашт
Дар ҳар қадаме зиёд мегашт.
Мерафту ҳаме далер мешуд,
Ғурранда ба мисли шер мешуд.
Хоки ҳама хасми хеш мебехт.
Бо шӯру шааф ба баҳр мерехт.
Ҷонро ки ба ҷон ҳамедамонид,
Худро ба мурод мерасонид.

## ДУОИ БИҲИШТӢ

*Ёде аз вакили Мардумӣ*
*Муродуллоҳи Шерализода*

Ман Муродуллоҳро дидам ба хоб,
Он Муродуллоҳи аз мо рафтаро.
Он Муродуллоҳи дар хоки хунук
Бо ҳазорон доғ дар дил хуфтаро.

Он Муродуллоҳи бедору ба нанг,
Дар бадан хуни адолат дошт ӯ.
Гар набуд доҳӣ, забардаст, авлиё
Чун дили тоҷик асолат дошт ӯ.

Он Муродуллоҳи умре таҳ ба таҳ,
Аз ғами дарди Ватан сӯзандае.
Аз ғамаш пурғам, зи шодияш чу шамъ
Дар шабони тор афрӯзандае.

Як нишоне аз ҳақиқат буд ӯ,
Шӯълаафкан дар канори зиндагӣ.
Буд гарчанде ҷавонмарде ҳанӯз,
Дошт фарри ҳашмату тобандагӣ.

... Ман вакили мардумӣ будам, бигуфт,
Хизмати халқам ҳаме будам ҳавас.
Шарм меомад, вале аз он чунон
Парлумони содалавҳу булҳавас.

Аз хирад дуру сафеҳу лояъқил,
Мардуми бесуннату бедин басо.
Ҷоҳилу худбину худхоҳу махуф
Лоиқи шоистаи нафрин басо.

Кор не, мансабталошӣ фикру зикр,
Худнамоӣ, худфурӯшиҳо сареҳ.
Ҳар қадар он ҷамъ дар сурат базеб,
Он қадар буданд дар сират қабеҳ.

Ман ҳаминро донаму иҷлосия,
Дар ташаннуҷҳои беамсол буд.
Ман қироъат ҳуҷҷате ҳам доштам,
К-он зи ҷаҳлу саҳл моломол буд.

Нест дар ёдам дигар аз он ҳаёт
Бар ҷаҳоне беқиёс афтодаам.
Аз муҳити куфру фитна, макру фанд,
Бар ҷаҳони бенамоз афтодаам....

Худкушии мо аз ӯ оғоз шуд,
Дар дили қасри сафеди мамлакат.

Он даме ки нақши ботил мекашид,
Зумрае, гӯё умеди мамлакат.

Ҳарзаи он тӯдаи нодон, дареғ
Дар Ватан ҷанги бародаркуш бизод.
Эй басо ҷони ҷавону пирро
Бар балои чанги деви марг дод.

Баъди оғозе чунин бадрангу бӯ,
Кушта шуд тоҷик ҳазорони дигар.
Шаҳру деҳи Тоҷикистони азиз
Гашт вайрону хароба сар ба сар.

Бехабар будаст ӯ аз ин ҳама
Бехабар аз пасту болои диёр.
Аз кашокашҳои бемаъниву пуч
В-аз фурӯғи субҳи эҳёи диёр.

Бехабар ӯ з-он ки мо имрӯзҳо
Гом бар дунёи нав бинҳодаем.
Гарчи то ин гом бас аз содагӣ
Беадад ҷонҳову танҳо додаем.

Чун шунид ӯ доду бедоди замон,
Зор нолид, ашку хун аз дида рехт.
Ҳолате бигрифт, гӯйӣ аз ғазаб
Хоки бадхоҳи касонро пурра бехт.

Баъди нола аз дилу ҷон шод шуд,
Сураташ андоми афришта гирифт.
Он қадар болид, завқиду шукуфт,
Ман аз ин ҳолат бимондам дар шигифт.

Дастҳо сӯи само бардошта,
Бо шаҳомат бар фалак овард рӯ:
Тоҷикамро боз гардон эътибор,
Эй, Худо, парвардигори орзу!

Чун биҳиштат бишкуфон мулки маро,
К-аз азал мулки биҳиштӣ буда он.
Як нишонаш дидаам андар биҳишт,
Ҳар чӣ дидам, эй Худо, гӯям ҳамон!

Аз камоли шодию шавқу сурур
Маст гаштам ман, хиромон каф задам.
Тоҷикистони биҳиштӣ гуфта худ
З-он аҷоиб хоб бар худ омадам.

Тоҷикистони биҳиштӣ! Эй хушо,
Аз биҳиштӣ ман шунидам ин сухан.
Шак набошад, бо дуое аз биҳишт,
Мешавад ҷойи биҳиштӣ мулки ман!

## МЕРОСИ ПАДАР

*Барои дӯсти азизам К.М.*

Зи асре то ба асре, бе муҳобот,
Расондӣ ҷони бемору заҳире.
Шукуфондӣ гули пажмурдаеро
Ба хоку обу боди камназире.

Чӣ хоке? Аз падар мерос монда,
Падар онро гирифта аз дигарҳо.
Гузорад то варо аз насл бар насл,
Шуда обу адо афзун ҷигарҳо.

Чӣ обе? Оби ҳайвон аз фасона,
Маконашро, ки медонад худованд.
Бубахшад бар касе, то умри ҷовид,
Барад бо худ варо марди хирадманд.

Чӣ боде? Атри анфоси илоҳӣ
Барои бандаҳои дӯстдораш.

Барои он касоне зинда ҳастанд,
Ҳамеша дар канори меҳрбораш.

Ҳамин се ҷинсро дар ту бидидам,
Замоне мӯ ба мӯ омӯхтам ман.
Туро дар хеш бо ҷон парваридам,
Зи илмат зррае андӯхтам ман.

## ЁД

*Барои Нур Табар*
*ва Ҳабибулло Абдураззоқ*

Эй, бори худо, вақт чи сон мегузарад,
Монанди шарар зи чашми ҷон мегузарад.
Кас то ба касе як дами осуда занад,
Сад соли мукаммал зи миён мегузарад.

Чил сол аз ин пеш ба Маскови кабир
Дар ҷангали анбӯҳ ба ҷуз шеваи мо,
Чизеву касе набуда гӯӣ ба ҷаҳон,
Пур карда заминро ҳама ҷо меваи мо.

Аз бӯи палови тоҷикӣ бешаи рус,
Омад ба назар чу сӯфии соф ба рақс.
Аз савту навое, ки зи мо омаду шуд,
Он дилбаракони шӯхи атроф ба рақс.

Чун Нури Табар шеър ҳамегуфт дарӣ,
Мекард дарӣ беша ҳаме ҷилвагарӣ.
Аз сеҳри сухан ҳамчу зи Исои Масеҳ,
Дидем дамидани равони башарӣ.

Ҳар гоҳ Ҳабибулло ҳунар мепардохт,
Атроф зи бар ҷомаи худ меандохт.
Ҳайратзада аз мӯъҷизаи инсонӣ,
Бар ӯ зи вафои хеш ҳайкал месохт.

Сад пири самовот ба мо ҳамдами роз,
Сад пири хирад ба ҷони мо рӯҳнавоз.
Ҳар хору хаси беша аз онҳо ба суud,
Мурғони ҳаво дар бари моён ба намоз.

Мо масту чаман масту ҷаҳон яксара маст,
Хайёмшунав масту ғазалхон ҳама маст.
Ҳай лаҳза, ки дар бешаи фирдавснишон
Андар бағали русу мусалмон ҳама маст.

Не фикри шабу хаёли бигзаштани рӯз,
Не ранҷи раҳу ҳаҷри азизони шариф.
Дунё чи азиз аст, азиз аст, азиз,
Будан чи латиф аст, латиф аст, латиф.

Эй бори худо, вақт чи сон мегузарад,
Монанди шарар зи чашми ҷон мегузарад.
Фарзанди ду-се лаҳзаи чун хобу хаёл
Шерозаи сурхест, ҳамон мегузарад.

## САВТИ ОШНО

*Ба ёди Ҳакими Маҳмуд*

Ҳавои тори ошно даме ба гӯш мерасад,
Ба ҷони хастаҳоли ман яке хурӯш мерасад.
Зи сеҳри панҷаҳои ӯ ба чӯби хушк ҷон дамад,
Садои дури ошно ба гӯши ҳӯш мерасад.

Ту зиндаӣ, намурдаӣ, Ҳакими дарду ҷону ғам,
Ҳакими дар вафову дар адо ҳақо ягонаам.
Ту зиндаӣ миёни душманону дӯстони худ,
Ҳакими аз садоқату сафо нишон, нишонаам.

Чу тори ту наво кунад, дигар шавад навои ҷон,
Ба шохаҳо парандаҳо наво кунанд дилситон.
Чу тори ту наво кунад, ба дашту боғу пуштаҳо,
Санову ҳамд мерасад зи ошиқон ба ошиқон.

Чу тори ту наво кунад, ҳавои сарди қаҳратун
Чунон баҳор мешавад, чунон баҳори гулфишон.
Ба дашту кӯҳу ҷону тан суруди сабза бардамад
Аз он навои Борбад, аз он ҳавои пурнишон.

Ту зиндаӣ, намурдаӣ, Ҳакими дарди ҷони мо,
Ҳакими дар вафову дар адо ҳақо ягонаам.
Ту зиндаӣ миёни душманону дӯстони худ,
Ҳакими аз садоқату сафо нишон, нишонаам.

## СУРУДИ ҶӮРАБЕК

Насими меҳри ту, ҷон, Тоҷикистон,
Ҳамеша менавозад ҷони банда.
Маро ту дар замин мисли худоӣ,
Дил аз ту кай тавонад банда канда.

Худои ман, диёрам, модари ман,
Ягона дар ҷаҳон ёдовари ман.

Туро ҳамчун Ватан ман дӯст дорам,
Туро ҳамчун Худо ман мепарастам.
Ба даргоҳат ҳамеша саҷда орам,
Дуоятро бихоҳам, то ки ҳастам.

Худои ман, диёрам, модари ман,
Ягона дар ҷаҳон ёдовари ман.

Ба олам ту маро парвоз додӣ,
Ба олам ман туро овоза додам.
Ту чашми ман ба ин дунё кушодӣ,
Кушодам ман туро бар чашми олам.

Худои ман, диёрам, модари ман,
Ягона дар ҷаҳон ёдовари ман.

Сароғозу саранҷомам туӣ, ту,
Ҳама нону ҳама номам туӣ, ту.
Ба ҷон инъому икромат бинозам,
Ки ҳар икрому инъомам туӣ, ту.

Худои ман, диёрам, модари ман,
Ягона дар ҷаҳон ёдовари ман.

## ЁДЕ АЗ ОДИНА ҲОШИМ

Эй, боди сабо, ки меравӣ хуш,
Савганди вафо макун фаромӯш.
Бигзар зи мазори он худованд,
Деҳ бӯса ба пои турбаташ чанд.
Аз ҷониби мо сано расонаш,
Лутфу карами дуо расонаш.
Гӯ, манзалаташ агарчи олист,
Ҷояш ба дилу ба дида холист.
Равшан зи дамаш чароғи маҳфил,
Гулшан зи дамаш чу хонаи дил.
Ҳар ҷой, ки ӯст, ғам набошад,
Ғам бо дили пуралам набошад.
Савташ ба замона нур бахшад,
Бар хурду калон ҳузур бахшад.
З-овози хушаш ҳанӯз мо маст,
Авлотар аз ин саодате ҳаст?!

## БОЗГАШТ
*(Нидои дили устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ)*

«Чун ниҳодам пои худро бар сари хоки Ватан»
«Борҳо бӯсидам аз рухсори» ғамноки Ватан.
«Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он»
Доштам дар ҷону дил чун пораи поки Ватан.
«Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ»
Боз мемонам қадам аз домани гулпӯши ӯ.
«Боз мегирам нафас ман аз ҳавои беғубор»
Боз мегардам саропо волаву мадҳуши ӯ.
«Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои» ёрони дигар
Пеши рӯ меоварам садҳо каси хунинҷигар.
Тоҷики бечораи ман дур аз ёру диёр,
Бе паноҳу бе рафоҳу чун гадоён дар ба дар.
Пеш рӯ меоварам, во ҳасрато, во вайлато,
Тоҷикони дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ додаро.
Ҳамдиёрони зи дунё бар паноҳи хоки сард,
Бе Ватан афтодарову бе кафан афтодаро.
Пеши рӯ меоварам садҳо сари аз тан ҷудо
Пеши рӯ меоварам садҳо тани бе дасту по.
Пеши рӯ мерораму худро ҳамебинам чунон,
Сар маро аз тан ҷудову дасту по аз ман ҷудо.
Эй Ватан, эй модари ин мардуми кулфатзада,
В-эй Ватан, в-эй модари аз ҳоли худ ваҳшатзада.
Ё ҳамин будаст моро қисмати рӯзи азал
То зи фаҳмаш мову ту, ҳайҳот, дар ғафлат зада.
Эй Ватан, эй дар замин парвардигори тоҷикон,
Балки дар таншон равону балки аз будшон нишон.
Аз Худо тавфиқ мехоҳам, бубинам ман туро
Беҳ зи пешин нурбору беҳ зи пешин гулфишон.
Бозгаштам бар канорат, нури имонам бидеҳ
Аз фироқат дилфигорам, қуввати ҷонам бидеҳ
Меҳани ман, эй Худо, то мулки ободон шавад,
Рашҳае бар ҷисму ҷон аз Оли Сомонам бидеҳ.

## ВИСОЛ

Бар канорат гашта-гашта, эй Ватан боз омадам,
Боз бо рӯҳи баланди нағмапардоз омадам.
Аз висолат дил ба сина боладу рақсон шавад,
Гул ба гулшан бо ҳазорон дилбарӣ хандон шавад.
Аз висолат ҷон ба тан мастона бозӣ мекунад,
Сарзамини Тоҷикистон дилнавозӣ мекунад.
Аз висолат ошиқона шаҳд мерезад забон,
Ғолибона хоки хасми хеш мебезад забон,
Аз висолат дил ҷудо меболаду дилбар ҷудо
Сар ҷудо менозаду афсар ҷудо, сарвар ҷудо,
Аз висолат гул ба гулшан тозаву тар мешавад,
Хор дар дашту биёбонат муаттар мешавад.
Аз висолат одамиро орзу гул мекунад,
Ҳар куҷое рӯ биёрам, бӯи сунбул мекунад.
Аз висолат, Тоҷикистон, бар тани ман ҷон дамид,
Бар тани ман ҷон зи васли дилбари ҷонон дамид.

## БОЗ ГАШТАМ

Боз гаштам, Тоҷикистон, то туро маъво кунам,
Бар канори ҷонфизоят ҷони худро ҷо кунам.
Дар ғарибӣ ман набудам як нафас бе ёди ту,
Бо умеде зинда мондам, то туро пайдо кунам.
Боз кун бар рӯи ман оғӯши гармат, эй Ватан,
То ба даргоҳат вуҷуди хешро мавло кунам.
Як замон пайдо намудӣ ту маро аз нестӣ.
Ин замон ман аз Худо хоҳам турро пайдо кунам.
Кишвари зору низорам, хоҳамат рӯзе, ки ман
Оламиёнро ба ҳуснат волаву шайдо кунам.
Тоҷики бе обу нонатро зи файзи обу дон
Дар замини поки тоҷик ҷаннатулмаъво кунам.
Хоҳамат рӯзе, ки ҳамчун қисмати рӯзи азал,
Сирататро тавъамони суратат оро кунам.

Эй, Худо, тавфиқ мехоҳам зи даргоҳат, ки ман,
Бадсиголи тоҷикамро ҳар куҷо расво кунам.
Гардани Шайтону Иблиси Замонро бишканам,
Хоинони миллатамро бе сару бе по кунам.
Матлабе набвад маро дигар ба ҷуз ин, ки Ватан,
Чун ба даври Оли Сомон шӯҳратат эҳё кунам.

## ДИДАМ БА ЧАШМ

Дар ғарибӣ мурдани ёрони худ дидам ба чашм,
Бе кафан гӯрондани ҷонони худ дидам ба чашм.
Нола кардам, осмон ҳам оҳу афғонам шунид,
Моҳу хуршеду ситора навҳаи ҷонам шунид.
Гиря кардам, санг ҳам аз гиряи ман об шуд,
Ашки чашмони ғарибе дар бараш гирдоб шуд.
Дар хаёли хеш дидам Тоҷикистони азиз,
Чеҳраҳои ошнову гарми ёрони азиз.
Ҳар нигаҳ бар рӯи ман бар ҳоли зорам мегирист,
Дар салоти рӯзгори дилфигорам мегирист.
Дар сари тобути берахтам таборам мегирист,
Гӯиё сар то сари хоки диёрам мегирист.
Дар хаёли хеш дидам модари ғампарварам,
Сарбаланду босаодат дар паноҳи кишварам,
Бозгашти Юсуфи ҷонаш ба Қанъон интизор,
Бозгашти нури чашмаш Тоҷикистон интизор!...
Гарчи мурдам борҳо аз марги ёрони ғариб,
Марги ёрони чу инсон аз саодат бенасиб.
Ман, вале он ҷо намурдам, бо ризои доварам,
То бубинам бори дигар нури рӯи модарам...
Дар ғарибӣ мурдани ёрони худ дидам ба чашм,
Кулфати марге чунинро хуб санҷидам ба чашм.
Баъд аз ин он ҷо намурдам, то бимирам дар Ватан
Хоки поки Тоҷикистон то шавад бар ман кафан!

## НАДИДАМ

Дур аз Ватанам ман Ватанам хоб надидам,
Зеро ки даме дар баданам об надидам.
Дар мулки касон бо ҳазаён гаштаму гаштам,
Хуршед ба рӯзу шаби маҳтоб надидам.
З-анҳори ҷаҳон гарчи басе нӯш бикардам,
Наҳре ба диловезии Варзоб надидам.
Дар рӯи замин шаҳри фузун гарчӣ бидидам,
Шаҳре ба дилангезии Кӯлоб надидам.
Сар то сари олам чу зану марди Бадахшон,
Дар созу наво мардуми ноёб надидам,
Дар ҷуду сахо, меҳру вафо, мардию хубӣ,
Чун мардуми заҳматкаши Мурғоб надидам.
Некон ба ҳама мулк зиёданд, агарчи,
Чун мардуми тоҷик хушобод надидам.
Аз боғи ҷаҳон мева фузун гарчи бихӯрдам,
Чун меваи Вахшони шакарноб надидам.
Хубон ба ҷаҳон гарчи зиёданд, валекин.
Чун дилбари тоҷик ҷаҳонтоб надидам.
Аксои ҷаҳон дидаам ар андаку бисёр
Чун кишвари худ кишвари шодоб надидам.

## ДАРЕҒИ ДӮСТ

Султони Шоҳзода аз ин ҷаҳон ҷавон рафт,
Чун рози нокушуда аз байни дӯстон рафт.
Он рози монда пинҳон бар чашми танги ёрон
Аз ин ҷаҳони фонӣ бар мулки ҷовидон рафт.

Ҳарчанд ӯ ҷавон буд, дар хеш як ҷаҳон буд,
Андар нигоҳ кӯчак, дар асл бекарон буд.
Як пора лаъл буд ӯ, лаъле, ки сад дареғо,
Дар пардаи замона аз чашмҳо ниҳон буд.

Табъи равону мавзун, завқи баланди ӯро,
Ҷони ғайуру саркаш, ҳам мустаманди ӯро.
Қалби пур аз футувват, ҳам дилписанди ӯро,
Дашту ҳавои водӣ дар сина дод маъво.

Ӯ рафт бар Бадахшон, бе қайду банд гардад,
Дар хоки сарбаландон то сарбаланд гардад.
Ӯ рафту дар дили кӯҳ як пора лаъл гардид,
Дунёи бемурувват бо фанд чанд гардад?

Султони Шоҳзода аз ин ҷаҳон ҷавон рафт,
Чун рози нокушуда аз байни дӯстон рафт.
Аммо намурдааст ӯ, дар хештан ғунудаст,
Гӯё вуҷудаш аз тан андар вуҷуди ҷон рафт.

## БАРГРЕЗОН

*Барои Муҳаммад Ғоиб дар рӯзи сахташ*

Гарчи рӯзи тирамаҳ дорӣ, рафиқ,
Тан мадеҳ, рӯзе баҳорон мерасад.
Аз ту рози зиндагӣ пӯшида нест,
Мардро кай бахт осон мерасад?

Бахти осон нест дар имони ту,
Умри осон нест дар виҷдони ту.
Аз азал бахтат парешон додаанд,
Ту, Муҳаммадро, ҳама ҷон зодаанд.

Тан мадеҳ бар баргрезони хазон,
Баргрезон баргрезон асту бас.
Гарчи ҳар барг аз сари сабзат фитад,
Гарчи ҳар барг аз ҷаҳоне ёдрас...

Тан мадеҳ бар баргрезон, дӯстам,
Шохаҳоят сабз мегарданд боз.
Решаи мустаҳкаме дорӣ ба хок,
Бо мадори решаи худ қад фароз.

Гарчи рӯзи тирамаҳ дорӣ, рафиқ,
Боз рӯзе навбаҳорон мерасад.
Бар сари хамбидаат гарчи ҳанӯз,
Силаҳои ёри ҷонон мерасад.

Тан мадеҳ бар баргрезони хазон,
Гарчи барг аз шохаҳоят кам шавад.
Дар ғами ҳар барг аз селоби ашк,
Реша зери хок мустаҳкам шавад.

Тан мадеҳ бар тирамоҳон, дӯстам,
Боз рӯзе навбаҳорон мешавад.
Ғам махӯр аз қисмати носозгор,
Зиндагӣ бахтат нигаҳбон мешавад.

## ПАДАРНОМА
***(Манзума)***

### НИШОНА

Дусола будаам, ки рафтаӣ ту,
Падар, ин сон сияҳбахтӣ кӣ дида, –
Равад кас, киштаи худ нодуруда,
Равад кас, меваи боғаш начида?

Падар, аммо набудӣ ту сияҳбахт,
Набудӣ шоҳбози бе пару бол.
Чу фарзанди ватан мардона мурдан,
Туро дар зиндагӣ будаст иқбол.

Шарофатпеша марде буд Мирак,
Шарофатпеша монад ҷовидона. –
Ҳамеша ҳамдиёронат бигӯянд,
Ҳамин аз ту ба ман монда нишона.

## АКС

Нишони дигаре аз ту, падарҷон,
Барои мо, барои хонадонат,
Ҳазорон шукр, як акси ту монда
Ягона, чун нишони ҷовидонат.

Падар, бори дигар ин акс гӯяд,
Чи шахси оқилу фарзонае ту.
Зи майдони набарди маргу ҳастӣ,
Биёмад суратат бар хонаи ту.

Падар, бо он нигоҳи меҳрборат,
Ту гӯё гуфтаӣ: хешон, ана ман.
Маро дигар абас ҳаргиз маҷӯед,
Ки меҳанро раҳонидам зи душман.

Нигоҳи акси беҷонат кунун ҳам
Ба ман, фарзанди ту, дармон бубахшад.
Падарро ман фақат аз акс дидам,
Худаш касро, гумонам, ҷон бубахшад...

Ватанро ту раҳонидӣ зи душман,
Ба маргат зиндагӣ додӣ ба моён.
Ба маргат хостӣ марги ҷафоҷӯ,
Бишуд иҷро таманноят, падарҷон.

Падар, аксат агар боқӣ намемонд,
Чи сонат ман тасаввур менамудам? –
Аҷаб не, ончуноне будаам худ,
Ки бошад чун ту сар то по вуҷудам.

## ХОТИРА

Қадди зебои ту бар ҷонам занад,
Ҳусни барнои ту бар ҷонам занад.
Рӯи гандумрангу абрӯи сиёҳ,
Чашми шаҳлои ту бар ҷонам занад...

Баъд фаҳмидам, зи чашми модарам,
Номаат гирёнда мардумро басе,
Ин ғазал мехонд ҳар гаҳ зери лаб,
То набинад ашки талхашро касе.

Суратат рӯзи камолам дидаам,
Рӯи ҷӯи ашки модар борҳо,
Аз лаби ӯ сӯи ту омад ғазал,
Бори аввал гӯиё дидам туро.

Бори аввал... Дор маъзурам, падар,
Қомати як марди зебо доштӣ.
Рӯи гандумранги нуристони нур,
Чашми чун чашма мусаффо доштӣ.

Бори аввал гӯиё дидам, падар
Қомати ту-сурати мардонагӣ.
Чеҳраи ту, чашми ту, рухсори ту,
Худ нишони зодаи фарзонагӣ.

## АҲД

«Эй духтари ҳамсоя, маро ёр бигир,
Савғоти маро аз сари девор бигир.
Имшаб, ки маро ҷои дигар металабанд,
То омаданам худакта бедор бигир».

Тараннум менамудӣ ин рубоӣ,
Барои модарам – ҳамсоядухтар.
Чи аёми наҷиби ошиқӣ буд
Барои чун шумо ҷуфти кабӯтар.

Тараннум менамудӣ ин рубоӣ,
Чунон ширину мавзуну гуворо,
Дили маъшуқа мешуд об дарҷо,
Вафову меҳри ҳамбистар дуболо.

Замоне азми роҳи дур кардӣ
Барои ҳифзу нангу номи кишвар,
Шунид аз ту ҳамин ширин рубоӣ
Басо пурмеҳру пурасрор модар.

Ҳама он солҳои хуфтаи хеш
Ба ёдат, модарам, бедор гардид.
Пас аз ту соли беш аз чил гузашта,
Ба ёдат модарам бемор гардид.

Ба ёди ту, падар, бедор то ҳол,
Ду тифлат – дар паноҳи модари ҷон.
Агарчи худ падар ҳастанд кайҳо,
Ба дил дидори ту доранд армон.

## ГУЛАҲМАД

«Ду тифлат» гуфтаму гӯйӣ забонам,
Падар, оташ гирифт андар даҳонам.
Ба сина дил хурӯшон гашту беҷо,
Бурун шуд гӯиё аз тан равонам.

Даме ки азми роҳи дур кардӣ,
Ба номи ҳифзи нангу номи кишвар,
Туро ду не, ки се фарзанд будӣ,
Чу се гулдастаи Наврӯзи дилбар.

Гулаҳмад – он гули наврустаи ту,
Гулаҳмад – аз баҳоронат гулафшон,
Гулаҳмад – маҷмаи гул, умри гул дид,
Дареғи ончунон додар, падарҷон.

Дареғи бевафо додар ҳазорон,
(Ҳамин сон халқ мегӯяд ба маврид),
Зи сӯзи ҷон, зи меҳри бекарона
Ба он инсон, ки афзун дошт уммед.

Фиғони бевафо дорад, валекин
Набуд ӯро инони бевафоӣ.
Вабои гушнагии зодаи ҷанг
Ба ӯ бахшид манзили ҷудоӣ.

Гулаҳмад – он гули наврустаи ту,
Гулаҳмад чӣ, гулафшонат, падарҷон.
Гулаҳмад – дар тароват дастаи гул,
Хазон шуд баъди се фасли баҳорон.

## ВАФО

Ба ёди ту, падар, бедор алҳол
Ду тифлат дар паноҳи модари ҷон,
Агарчи худ падар ҳастанд кайҳо,
Ба дил дидори ту доранд армон.

Ба ҷон дидори ту хоҳанду донанд
Падар, чун мардбача қисмати ту.
Вале модар куҷо тан медиҳад, тан,
Ки ӯ дида ҷаҳон бо қисмати ту.

Вале модар ба ҳукми Оли Инсон,
Ба ҳукми зодаи Уммеди Ҷовид,
Ба марги ту куҷо сар мефарорад,
Ба марги ту – варо хуршеди ҷовид.

Вале модар ба ҳукми Оли Инсон,
Ба ҳукми зодаи ганҷи муҳаббат,
Ба дил ёди ту дорад ҷовидона,
Ба номи ту варо тоат, ибодат.

Вале модар ба ҳукми Оли Инсон,
Ки худ олиҳаи Сидқу Вафояст,
Вафо дорад, вафо хоҳад, надонад
Вафои ӯ ба марги ту ҷазояст.

Вафо дорад, вафо хоҳад ҳам аз ту
Вафопарвар дили бечора, модар!
Нагунҷад гарчи гарде аз сиёҳӣ,
Дар он гунҷад ҷаҳони нек яксар!

## КИН

Чи кине, кини модар, кини модар,
Ҳамон соне, ки меҳраш беназир аст,
Ҳамон соне вафояш бекарона,
Ҳамон сон кини модар муқтадир аст.

Чи кине, кини модар, кини модар,
Ҳамон соне, ки оғӯшаш гуворост,
Ҳамон соне, ки шираш поку ширин,
Ҳамон сон кини модар тезу буррост.

Ҳамон соне, ки худ яктост модар,
Ҳамон соне, ки як дунёст модар,
Ҳамон сон кини ӯ яктост, аммо
Ба вазни сад ҷаҳон ояд баробар.

Чи кине, кини модар – пок чун ӯ,
Муқаддас кини модар ҳамчу модар.
Ба деви Ҷанг модар кина дорад,
Ба ҷанги хонумонсӯзи балосар.

Ба деви Ҷанг модар кина дорад,
Ба деви Аҳриманҳои замона.
Ҷаҳон хоҳад ҳаме бедоғ бинад,
Набинад дар диле з-онҳо нишона.

# ХОТИРА

Гаҳе гиряд, гаҳе хандад,
Гаҳе маҳзун шавад, модар.
Гаҳе болад, гаҳе нолад,
Гаҳе дилхун шавад модар.

Чу фарзандони фарзандон
Дили пиронааш кобанд,
Ки, ҷон мома, бигӯ ҳо-он
Ривоятҳои бемонанд.

Бигӯ он қиссаи уздӣ,
Бигӯ афтоданат дар об.
Бигӯ, он корҳо буда
Ба бедорӣ ва ё дар хоб?

Падар, дидӣ, бифаҳмидӣ
Фарозу шеби дунёро.
Ҷаҳони ҳуққабозашро,
Ба даври умр уқобро.

Маро модар, туро ҳамсар,
Замоне ҳусни дилбар дошт.
Нигоҳаш аз дилу ҷонҳо
Ғубори чаҳл мебардошт.

Маро модар, туро ҳамсар,
Замоне барқи рахшон буд.
Чу оби чашма бар танҳо
Каломат марҳами ҷон буд.

Кунун дар саргаҳи пирӣ,
Ки дасту рӯ пурожанг аст,
Ба фарзандони фарзандон
Гапаш афсонаоҳанг аст.

Вале модар намеранҷад
Зи ақли кӯдаки фарзанд,
Ки аз хомӣ ҳаёти ӯ
Ба афсона кунад монанд.

Чу бар ҳифзи Ватан рафтӣ,
Падар, модар ҳамедонист,
Ки дур аз ҷанг, дар ин ҷо
Мисоли мард бояд зист.

Чу бар ҳифзи Ватан рафтӣ,
Дигар модар ҳамедонист,
Ки ҷони кишвари ҷонон
Фақат дар корзорон нест.

Чу бар ҳифзи Ватан рафтӣ,
Дигар модар ҳамедонист,
Ки бояд ҳамчу аскарҳо
Фақат дар ҷабҳазорон зист.

Чу бар ҳифзи Ватан рафтӣ,
Танӯри хонадон шуд сард.
Зи наҳси ҷанг, сад ҳайфо,
Дили баъзе бишуд бедард.

Вале, баъзе, ҳамон баъзе,
Ки аслан буд бешафқат.
Набудаш дар рагу пайванд
Ба тақдири Ватан рағбат.

Бале, баъзе, ҳамон баъзе,
Ки ҳатто буд беимон.
Хиёнат бар Ватан меҷуст,
Хиёнат бар Ватан, пинҳон.

Алолам, дошт майле, то
Ба авбошиву хунсардӣ,

Дили мардум бигардонад
Ба роҳи макру номардӣ.

Хаёле дошт, номаълум
Бикобад чоҳ зери по.
Ва аз бехаш биҷунбонад
Дарахти зиндагии мо.

Палидӣ он тани нопок
Чи рангоранг мепӯшонд.
Ҳазорон макри худ номард
Ба сад найранг мепӯшонд.

Чу модар он замон ноҳақ
Бишуд аз ҳаққи худ маҳрум,
Намирад то ки се тифлаш,
Бидуздид андаке гандум.

Чи сон? Кай? Аз куҷо дуздид?
Аз анбори раиси мо
Шабе, торики зулмонӣ,
Ҳароси марг дар дилҳо.

Аз анбори раиси мо,
Ки марди нобакоре буд.
Палидияш чу амволаш
Ба сад найранг меафзуд.

Чи коре сахт! Аммо буд
Барои ҷони фарзандон.
Намирад то касе ноҳақ,
Бимонад зинда то инсон.

Чи коре сахт! Аммо буд
Ба номи бахту озодӣ.
Ҳақиқат то зафар ёбад
Шавад мағлуб бедодӣ.

Пагоҳаш, чун зарур омад,
Ба лаб «мӯҳр» аз гуноҳи шаб,
Камар барбаст мардона
Ба ҳамли бор бо маркаб.

Расонад то дили марказ
Камар барбаст мардона,
Ҷуволи бор бо маркаб
Равон шуд ёна бар ёна.

Расонад то дили марказ
Ҷуволи бор-моли ҷанг,
Ки аҳли деҳа кардаш ҷамъ
Барои ҳифзи ному нанг.

Камар барбаст пурғайрат,
Қадам бинҳод гурдона.
Зи раҳзанҳо наҷоташ дод
Ба сад дастури мардона.

Гузашт аз шӯх дарё ҳам
Саломат бору модар, лек
Ба он бечора маркаб шуд
Ҷаҳони ҷовидон торик.

Фурӯ бар коми худ дарё
Хари бечораро гар бурд,
Ба китфи хеш то марказ
Ҷуволи бор модар бурд.

Саропо қиссаи модар
Ба давронҳо шуд афсона.
Яке афсонаи мардӣ
Барои марди мардона.

# ТӮЙ

Тӯй дорад модар имрӯз
Дар дили як деҳаи дур.
Деҳаи кӯҳӣ аз ин тӯй
Ҳамчу шаҳре гашта пурнур.

Тӯйи модар нек бодо,
Зинда бодо тӯйи модар!
К-ӯ фиристонад набера
Бар дифои халқу кишвар.

То ба ин дам аҳли деҳро
Гӯиё ғам мегирифтӣ.
Дар адои инчунин қарз,
Балки мотам мегирифтӣ

Модар, аммо ин маросим
Тӯйи ҳар як марду зан гуфт.
Ифтихори ҳар ҷавонмард
Хидмати халқу Ватан гуфт.

Ифтихори ҳар ҷавонмард
Ифтихори модарон гуфт.
Ончунон ширину шево,
Аз вуҷуду мағзи ҷон гуфт.

– Гар маро бибӣ бихонӣ,
Ҳамчунон бобои худ шав.
Бар дилу бар дидаҳо бахш
Аз фазилат нуру партав.

Гар ки бобоят раҳонид
Ин Ватан аз вартаи марг,
Ту, бирав, шояд раҳонӣ
Ин чаман аз вартаи марг.

Гар ба амри вақт, вақте
Ҷанги хунин кард бобо,
Ту ба нури ақл мекуш
Ҷангрову ҷангҷӯро.

То чу гул бишкуфта бошӣ,
То чу гул бошӣ муаттар,
Хидмати ҷонон Ватанро
Дон ба ҷони худ баробар.

Хидмати ҷонон Ватан рав,
Медиҳад модар дуоят.
То пас ой, ман биёбам
Дилбаре ҷонон бароят.

Рафтани имрӯзаат тӯй,
Бозгаштат тӯйи дигар.
Тӯйҳо, ки ҷуфт гаштанд,
Ҷуфт мегардад туро сар.

Хидмати ҷонон Ватан рав,
Хидматат бодо муборак!
Ҳар куҷое по гузорӣ,
Мақдамат он ҷо муборак!

## ХАЙРБОД

Зиндагонӣ давру даврон будааст,
Зиндагӣ бахти парешон будааст.
Дар ҷаҳон хушбахт будан, эй падар,
Мақсади фарзанди инсон будааст.

Бахт гарчанде ба ҳар ранг омада,
Бо ҳазорон рангу оҳанг омада.
Ҳам ба мардони дилогаҳ дилшинос,
Ҳам ба номардони дилсанг омада.

Нест бахте бартар аз ҳифзи Ватан,
Ҷон супурдан дар раҳаш бартар аз он
Ту, ки ҷон дар ҳифзи кишвар додаӣ,
Шуд насибат бахти неки ҷовидон.

Бахти неки ҷовидон бодо насиб
Бар банӣ-одам-ҳама авлоди ту.
То раҳонад кулли одам аз хатар,
Ибрати фавтидану милоди ту.

Бахти неки ҷовидон бодо насиб,
Бар чунон шахсе, ки баъди мурданаш
Зинда монад, зинда дорад ин ҷаҳон
Бо тавони шӯҳрати мардафканаш.

~ ~ ~ ~ ~

## МАҚСУДА

Дӯст медорам ман туро бисёр Мақсуда,
Дӯст дорам он чунон бояд бидорам дӯст.
Гарчи набвад одатам ҳар ҷой беҳуда
Ваъз гуфтан, ки фалонӣ бедарак некӯст.

Дӯст медорам ҳамчу як афсонаи марғуб,
Ки мусаффотар зи ҳар оби зулол аст он.
Дар ҳарири ҷисму ҷонат кас бубинад хуб
Он чи андар ин ҷаҳон поку ҳалол аст он.

Эй, ба ҷисми одамӣ мурғи худовандӣ,
Ман зи лутфат то абад хушбахт хоҳам буд.
Бар забон н-орам агарчи сахт савганде,
Ман ба зикри номи ту хушбахт хоҳам буд.

Сели солон бас ҷавонии ҷаҳонро бурд,
Дӯстон гаштанд кам, шуд чашмҳо пурнам.
Гарчи даврон беш аз умри ҷавонро хӯрд,
Дорам андар ҷон зи меҳрат чашмае зам-зам.

Бар кафам н-омад на Мақсуда, на мақсуде,
Дар ҷаҳоне, ки ҷаҳон они далерон аст.
Гарчи бе ҳарду ҳамеша ҳастаму будам,
Гарчи бе онҳо бароям даҳр зиндон аст.

Ҳамчу наҷме дур, беш аз пеш тобонтар,
Ҳамчу хуршеде ҳароратбахш бас наздик,
Ман надонам аз куҷо гардидаӣ дилбар
Дар ҳаёте бозиё, эй пурзиё тоҷик.

## БА ЁДИ УМРИҚУЛИ ҲАҚБЕРДӢ

Дилам гум мезанад ҳар гаҳ ба ӯ монандро бинам,
Ба ӯ монанд инсони шарофатмандро бинам.
Вале ӯ нест андар ин ҷаҳон, афсӯс, сад афсӯс,
Ба ҷои қанд, яъне ҳар замон ман фандро бинам.

## ОДАМИ НАҒЗ

Муқаддас чун зане хубу баимон
Ба ҳар ҷо дошт оби рӯ фаровон.
Сахои дасти ӯ чун моҳу анҷум
Баройи пиру барно буд маълум.
Ва инак, як дами бас тангдастӣ,
Ба рӯзи гушнагӣ, хориву пастӣ,
Ба хона мушти гандум овариданд,
Ки онро дар баҳои зар хариданд.
Ба заҳмат он харида орд карданд,
Ғами дунё ҳама аз ёд бурданд.
Ки нон хоҳанд хӯрд, инак, ба серӣ,

Худовандо, кабирӣ бин, кабирӣ!
Зани хона ба сад уммеду армон
Хамир овард чун ҷон сӯйи чагдон.
Ҳамин ки аз танӯраш дуд бархест,
Ба атрофаш шакар бо заҳр омехт.
Яке ҳамсоязанҳо ҷамъ гаштанд
Ҳама парвонайи ин шамъ гаштанд.
Ба лутфу меҳрубониҳои марғуб.
Бихӯрданд он ҳама нони зани хуб,
Ки онҳо гушнаи даҳсола буданд,
Ба фаҳму ҳуш чун гӯсола буданд.
Муқаддас дасти холӣ хона омад,
Хаёлаш, кишвари бегона омад.
Ба ҷонаш ҳар яке хашмин дарафтид,
Куҷо нон? Ку? Канӣ? Ин кор кӣ дид?
– Ҷигарбандон, ҳама шукрона гӯед,
Ба оби раҳмати Ҳақ рӯ бишӯед.
Ба даргоҳаш ҳама нон гашт хайрот,
Мукофоташ, яқинан, оварад бод.
Сухан ӯро дигар андар даҳон монд.
Ки хуноба зи чашму дил ҳамеронд.
Ба сар аз шӯ чунон мушту лагад хӯрд,
Намурд арчи, вале беҳтар ки мемурд.
Ба монанди чиноре рост афтид,
Зи ҷайбаш ҳам диноре чанд ғалтид.
– Ба ду нон мерасад, – гуфто яке, зуд,
Ҳаво торик шуд, рафтем, Маҳмуд!
Бирафтанду чу мастон пас бигзаштанд,
Ғазалхонону рақсон пас бигзаштанд.
Ки доллар ёфтем аз раҳ, ду даста,
Ана, бинед, хушрӯ даста баста.
Садо аз Модар омад, зору мискин:
Ҳалол охир набошад моли мӯъмин!
Агар кас аз раҳу рӯ ҳар чи ёбад,
Зи зикри ин суханҳо рӯ натобад:
Ба се бораш бигӯяд: аз кӣ? аз кист?
Ба ҷо овардани ин кор ҳатмист.

Агар пайдо нагардад соҳиби он
Ҳалол он гаҳ шавад он мол, медон.
– Бигуфтем ин ҳама, эй модари ҷон
Набуд аммо касе дар он хиёбон.
Дигар ҳарфаш нагуфта дар гулӯ монд,
Ки мушти тозае аз пош афтонд.
Нагӯ дигар ҳама ин ҳарфи ҳарза,
Ки ман бишнидаам он дарза-дарза.
Насиби мо ки гардидаст, пок аст,
Шудан соҳиб ба ин сарват, чи бок аст.
Худовандаш намегардид огоҳ,
Намеафтонд аз ӯяш сари роҳ.
Худо хоҳад басомон мешавад ҳол,
Чу дарёи зарафшон мешавад ҳол.
Саводи баччаҳо афзун намоям,
Ба рӯйи зиндагӣ раҳшон кушоям.
Бигуфт инрову шодон пушти дар шуд,
Шаби зулмонии умраш саҳар шуд.

# МӮЪМИНОБОДНОМА

*Гарчи мегӯянд дар даври фалак,*
*Ҳеҷ чи бе аввалу анҷом нест.*
*Саҳв ин ҷо, дӯстонам, рафтааст,*
*Мӯъминободи маро анҷом нест!*

## АССАЛОМ!

Ассалом, эй маҳзари ҷон, ассалом!
Мӯъминободи гулафшон, ассалом!
Аз раҳи дур омадам ман, ассалом!
Ҷони ранҷур омадам ман, ассалом!
Модаро, фарзанди худро гӯш кун,
«Дигаронро андаке хомӯш кун».
Ташнаи обат шудам, обам бидеҳ,
Оби ҷонбахшандаи нобам бидеҳ.
Дил, ки берабту ҳаросон метапад,
Дар ҳавои васли ҷонон метапад.
Бар висолат сахт пазмон гаштааст,
Сахт пазмон аз дилу ҷон гаштааст.
Пас, дили шӯридаро ором кун,
Шӯри кас нодидаро ором кун.
Аз задан то ки намонад ногаҳон,
Сер ногашта зи дидори ҷаҳон.
Дӯст дорад ин ҷаҳон фарзанди ту,
Дӯст дорад одамон дилбанди ту.
Дӯст дорад одамону ин ҷаҳон
Ҳамраҳи ту, ҳамраҳи ту, ҷовидон!

## ЭҲЁ МУБОРАК!

*Ноҳияи Ленинград номи аслияш
– Мӯъминободро гирифт.*

Мӯъминободо, муборак бод тавлиди дигар,
Мӯъминободӣ, ҳалолат бод ин иди дигар.
Дар ҷаҳон гумном бошад одами гумкарданом,
Номи худро ёфтӣ аз нав, ту ҷовидӣ дигар.

Дар хазонрезат кунун дашту даман гул кардааст,
Дар зимистонат ҳаме боғу чаман гул кардааст.
Дар хазонрезу зимистон ин ҳама гулҳо чу ҷон,
Аз ҳавасҳои шарифи марду зан гул кардааст.

Аз ҳавасҳои шарифу аз нафасҳои латиф,
Мӯъминободи замонозурдаҷон эҳё бишуд.
Он ки гумномии ӯ мехост, худ гумном гашт,
Мӯъминобод аз дигар бар ҷону дилҳо ҷо бишуд.

Шод бошу дер зи, эй пораи поки Ватан,
К-аз ту фарзандат ба олам сарфароз ояд ҳаме.
Аз муҳаббат, аз садоқат аз шарофат, аз вафо,
То даме ту дар ҷаҳонӣ, бениёз ояд ҳаме.

## БОЛУ ПАРАМ

Мӯъминободо, зи ҷонам дӯсттар дорам туро,
Баски дар оғӯши ҷонбахшат ту ҷонам додаӣ.
Ҳар куҷое ман ҳамеша тоҷи сар дорам туро,
Баски ту дар ин ҷаҳон пойи равонам додаӣ.

Бештар аз шири модар ман бихӯрдам шири ту,
Шири рӯду чашмаи дар мазза оламгири ту.
Мӯъминободо, надидам дар ягон ҷойи дигар,
Нозанин чун Дашти ар-ар, ё зи Ҳавзи Сирри ту!

Дашти ар-ар гӯшае бошад гар аз хулди барин,
Ҳавзи Сират хандае бар оби Ҳавзи Кавсар аст.
Пеши поят қад кашида қомати Чилдухтарон,
Аз баландиҳои нанги мардумат ёдовар аст.

Сарву шамшоду сафедору санавбарҳои ту,
Дилбарӣ омӯхта аз сарви дилбарҳои ту.
Чун фаришта ҷовидон гардида дар рӯйи замин,
Бошарофат, бегуноҳу пок модарҳои ту.

Ҳавз дорӣ, Мӯъминободо, ба марказ беназир,
Дар ду олам кас надида ҳамчунинаш дилпазир.
Ҳавз не-оинаи акси ҷамоли туст он,
Пур зи оби рӯйи ту гардида, номаш обгир.

Мӯъминободо, зи ҷонам дӯсттар дорам туро,
Баски дар оғӯши пурмеҳрат забонам додаӣ.
Дар ҷаҳони бекарон то як нишон бошам зи ту,
Болу пар сӯйи ҷаҳони бекаронам додаӣ.

## МАКОНИ ОБШОРОН

Диёри файзборам, Мӯъминобод,
Гулафшон навбаҳорам, Мӯъминобод.
Макони обшорам, Мӯъминобод,
Умеди рӯзгорам, Мӯъминобод.

Баҳору резаборонат дилафрӯз,
Зулоли чашмасоронат дилафрӯз.
Ғизоли кӯҳсоронат дилафрӯз,
Замини номдорам, Мӯъминобод.

Садаф борад зимистонат ҳамеша,
Садаф дорад кӯҳистонат ҳамеша.
Саропо ҳусн бӯстонат ҳамеша,
Ба мардум зарнисорам, Мӯъминобод.

Ба номат фахри беандоза дорам,
Зи ту дорам, агар овоза дорам.
Зиҳӣ, мулки дару дарвозадорам,
Туро ман дӯст дорам, Мӯъминобод.

Ҳама он марди майдонат ба ҷонам,
Ҳама он шӯҳрату шонат ба ҷонам.
Ҳама ризқи фаровонат ба ҷонам,
Туро ман пос дорам, Мӯъминобод.

Ба болинат даме гар сар бимонам,
Сарам бар синаи дилбар бимонам.
Ба ин сар гӯиё афсар бимонам,
Ба ту ман бахтёрам, Мӯъминобод.

## КӮҲИ ИМОМ АСКАРИЯ

Хирадманде чи зебо салла бар сар,
Барӯманде тавоно салла бар сар.
Зи қаъри хок боло қад кашида,
Бигӯйӣ, то фалак қомат кашида.
Бузургу пиру барнои замона,
Ба зоти хеш дар дунё ягона,
Бубинад ҷумлагӣ аз дур наздик.
Ба монанди худои ҷони тоҷик,
Зи дуриҳо ба чашми кас аён худ.
Гиромӣ ҳамчу ёри меҳрубон худ,
Шаҳомоте чи беандоза ӯро.
Каромоте фузуновоза ӯро,
Тавофаш ақлу рӯҳи кас рабояд.
Дилу дин бар дилу дин мефизояд,
Ба фарқаш ҷӯш дорад чашмаворе.
Ба ошиқ дарси аз ҷоннисорӣ,
Зиёратгоҳи мардони ҷаҳон аст.
Зи эъҷози худовандӣ нишон аст.

## ДАШТИ АР-АР

Чи покие, аҷаб покӣ,
Нигаҳ мелағзад аз рӯяш.
Саропо мешавад мафтун
Тасаввур банди ҷодуяш.

На ҷодуе, на ҷодугар,
Ҷамоли Дашти Ар-Ар бин.
Ба домони чиҳил духтар,
Камоли ҳусни дилбар бин.

Хурӯшон аз фарози кӯҳ
Ба ҷои об-шир ояд.
Чу оби рӯ ба рӯи мард
Ба дашташ дилпазир ояд.

Ҳамегӯӣ чиҳил духтар,
Чиҳил афсонавӣ модар,
Чиҳил ҷони намиранда
Ба рағми душмани кишвар.

Диҳад аз синаи худ шир
Ба фарзандони ширинком,
Ки чун аҷдоди бономӯс
Шаванд онҳо банангу ном.

Сари мардум дар ин манзил
Чу ар-арҳош боло бин.
Дили мардони майдонаш
Ба шӯр амсоли дарё бин.

Чи покие, аҷаб покӣ,
Нигаҳ мелағзад аз рӯяш.
Саропо мешавад мафтун,
Тасаввур банди ҷодуяш.

Ба як сӯ обу себарга
Равон болои ҳам ғалтон
Гаҳе себарга рӯи об,
Гаҳе ҳам об рӯи он.

Ба яксӯ боғу роғаш бин,
Дигар сӯ ғаллазоронаш.
Баландиҳои кӯҳаш дон,
Баландиҳои инсонаш.

Ба як сӯ бешаи анбӯҳ,
Нишони реша дар хокаш,
Ки подор аст ин мардум,
Ки бедор аст идрокаш.

Зи моҳи дилбарон дар шаб,
Анористону бӯстон аст.
Дурахшон қатраи обаш,
Ба мисли лаълу марҷон аст.

Даме хуршед мерахшад,
Даме маҳтоб метобад,
Ба монанди булӯр аст он,
Ва ё як ламъа нур аст он.

Ҳама хубиву марғубӣ,
Ки дар ин деҳ намоён аст,
Хаёлам ёдгори он
Чиҳил духтар ба моён аст.

Саросар ҳикмат аст, охир,
Саросар панди некон аст.
Ватанро ҷовидон кардан,
Ба инсон қарзи виҷдон аст.

Ватанро ҷовидон кардан,
Ватанро ҷовидон дидан,
Бузургии бузургон аст,
Камоли фазли инсон аст.

Нишони ин бузургиҳо,
Дило, дар дашти Ар-Ар бин.
Бузургиҳои ин дунё,
Биё, дар Дашти Ар-Ар бин.

## РУБОӢ, ДУБАЙТӢ, ҚИТЪА

Ин пири хирадманди ба сар салла сафед,
Орад ба заминиён зи афлок навид:
Гӯед ба Мӯъминобод аз номи Худой,
К-ӯ дар ду ҷаҳон хуштар аз ин мулк надид.

Ин пири хирадманди ба тан ҷома кабуд
Ҳарчанд шиносони маро як-як бурд,
Ман донаму ӯ донаду донем ҳама,
К-ӯ насли накӯтаре ба олам бисупурд.

Ин пири хирадманди ба тан ҷома сиёҳ,
Бо дарду алам ба мо фикандаст нигоҳ:
Аз куштани ҳам фоидае ҳаст магар,
Ҷуз он ки ҳаёти худ намоед табоҳ?

Ин пири хирад, ки Мӯъминободи ман аст,
Дар рӯи замин ганҷи худододи ман аст.
Ман ҳеҷ гаҳе ба рӯи он туф накунам,
Зеро ки ман асту хони ободи ман аст.

Эй пири хирадманд, ту маҳбуби манӣ,
Дар тиразамон ҳамдами бас хуби манӣ.
Ман пир агар чи гаштаам туӣ ҷавон,
Ҳамсӯҳбати деринаи марғуби манӣ.

Дар Деҳи баланд сарбаландон бинигар,
Чун сарви баланд дилписандон бинигар.
Пурмева дарахти боғи умри онҳо,
Дар хони замона бегазандон бинигар.

Лангар зи азал диёри эшонон аст,
Марду зани он фариштаи даврон аст.
Кадбонуи ӯ ба худ надорад ҳамто,
Ақл аз ҳунари пухтупазаш ҳайрон аст.

Ғешат зи замони бостон ҳаст нишон,
Ин дар садафи чеҳраи он ҳаст аён.
Боғаш зи қадим, масҷиду манзил зи қадим,
Гӯйӣ зи қадиманд дар он дилбаракон.

Аз Чордиву ҷамоати Дегрезам,
Буданд замонае ба сар гулбезам.
Айём чу кӯчонд ҳама ҷои «зарур»,
То ҳол аз он калоба дардомезам.

Ёдам ояд Сангдара мавсими тут,
Одинаи Ҳошиму ба парвоз суруд.
Дар навдаи тут бачаҳо беш аз тут,
Обод кунанд ин нафаси буду набуд.

Ман реша зи Туту бигирифтам ба ҷаҳон,
Ҳампеша зи Туту бигирифтам ба ҷаҳон.
Гар реша қавӣ омаду бунёд салим,
Андеша зи Туту бигирифтам ба ҷаҳон.

Дар Чордӣ гар рӯйи замин пой ниҳодам,
Ман аз Сари майдон ба ҷаҳон бол кушодам.
Дар даҳр агарчи мулки обод фаровон,
Ҷуз бар Ватанам, дил ба дигар ҷой надодам.

Ҳавои ранги симобат барад дил,
Самои ранги нилобат барад дил.
Ба фасли тирамоҳон меваи тар,
Баҳорон мавҷи селобат барад дил.

Дашти Арар арарон дорад базеб,
Одамони меҳрубон дорад базеб.
Аз ҳавои шӯҳрати Чилдухтарон
Дилбарони дилситон дорад базеб.

Дар фасли баҳор дашти Арар бинигар,
Бе мисл макон ба ҳусни дилбар бинигар.
Аз кандани по то ки пушаймон нашавӣ,
Мангар ба қафо, ба пеш аз сар бинигар.

Шаҳрак, ки ба шаҳри бостон мемонад,
Бошандаи он қадри худаш медонад.
Дар ҷойи баланд сарбаландӣ дорад,
Бар мардуми паст беписандӣ дорад.

То деҳаи Сармайдон ватан гашт маро,
Сарчашмаи ноби илму фан гашт маро.
З-он лаҳза, ки модарам ба оғӯшаш рафт,
Номаш ҳама умр дар даҳан гашт маро.

Лангар, ки дар ин диёр лангар задааст,
Бо чеҳраи пурвиқор лангар задааст.
Бо ҳусни шарофате, ки дорад дар дил,
Андар дили бешумор лангар задааст.

Шаҳроҳи бирешим аз раҳи Лангар буд,
Лангар ба самои роҳ чун ахтар буд.
Пурнур шаби зулмати лангар зи қадим
Аз шӯълаи чашми марди савдогар буд.

Мӯъминободо, ба ту гоҳе гуноҳ овар данд,
Хун рехтаву гиряву оҳ оварданд.
Бо номи ту май заданду мастӣ карданд,
Гарчи ба сарат ҳоли табоҳ оварданд.

Он шӯру мағал чу резаборон бигузашт,
Ҳарчанд ба тиру найзаборон бигузашт.
Помол намуд боғу роғи дилу ҷон
Чун пода агарчи майсазорон бигузашт.

Он шӯру мағал бизод ғаммози дигар,
Бар фисқу фуҷур бидод оғози дигар.
Шерону сарони он ки бодӣ буданд,
Он ҳамҳамаҳо гузашт аз ҷону ҷигар.

Эй боди сабо, ба Мӯъминобод гузар,
Ин мужда зи ман ба он дилафрӯз бубар.
Дар хоб бигуфт ҳотифи ғайб ба ман;
Номаш накунад дигар, магар Аҳриман.

Ёрон ба «Гулистон»-и намозӣ нигаред,
Дилдодаву сарбаланду розӣ нигаред.
Маскуни варо ҳама бародар бинед,
Дар меҳру вафо ба ҷон баробар бинед.

Шавкату шони туро хоҳам, диёр,
Хони алвони туро хоҳам, диёр.
Рӯи хандони туро хоҳам, диёр,
Ҷони рақсони туро хоҳам, диёр.

Ҳиммататро ман ба ҷон хоҳам ситуд,
Ғайрататро ҷовидон хоҳам ситут.
Модари ҷонпарвари озурдаам,
Ранг аз рухсори зебо бурдаам.

Шавкату шони туро хоҳам, Ватан,
Нури имони туро хоҳам, Ватан.
То ки фарзанди саломат оварӣ,
То ки ӯро бошарофат парварӣ.

Сайри ту хоҳад дилам беихтиёр,
Сайри ту, гаштаст ҷонамро шиор.
Худ надонам аз кайу аз чист ин?!
Ё нишони меҳри раббонист ин?!

Дил дар қафаси сина ҳаме шод шавад,
К-аз дар ба дарӣ ба Мӯъминобод равад.
Як вақт бирехт хуни нофе ба замин,
Он хок ҳамин буду ҳамон ноф ҳамин.

Одина, ватандорӣ ҳалолат бодо,
Як лаҳза ватандурӣ малолат бодо.
Ҳар симу заре агар ки дорӣ, дорӣ,
Бе ёди Ватан ҳама сафолат бодо.

Бе рӯи маҳи нигор, пажмурда манам,
Ҳам бе рухи ту, диёр, пажмурда манам.
Гӯянд, баҳор сабзхез аст, вале
Бе ин ду ба сад баҳор пажмурда манам.

Мард он, ки ба рӯзи сахт гумраҳ нашавад,
Бар нокасу паст дасткӯтаҳ нашавад.
Дар рӯзи масофи будану нобудан,
Нодон бишавад, валек аблаҳ нашавад.

Мӯъминободо, чунин фарзандҳот,
Яккатозонат, наботу кандҳот.
Дар ҷаҳон паҳну парешон гаштаанд,
Мардсон майдон ба майдон гаштаанд.

Мӯъминободо, хазонат дур бод,
Як даме чашми табиат кӯр бод.
На зимистону хазон-доим баҳор
Хонадонатро бигирад дар канор.

Аз Руссия, аз дили Петроград
Зодаи ту аз ту хушнуд то абад
Ёд дорам, чун адиб омад барат,
То ба он ҷо як кафи хокат барад.

Обу хокат чун давой бурд ӯ,
Себу нокат чун давой бурд ӯ.
Чун давой зираву ангур бурд
Чормағзу пистаи машҳур бурд.

Ман ба амри дил ба ин ҷо омадам,
Гуфта буд он марди хушпову қадам.
То ба аҳли хонаам бидҳам нишон
Шаммае аз зодгоҳам дар ҷаҳон.

Ёд дорам, бе тафохур гуфта буд,
Дар сифотат дурри маънӣ суфта буд.
Мӯъминободо, ту ҳам бар ёд ор
Номбардорони худ дар ҳар диёр.

Аз ду даст ояд садо, панди накӯст,
Эътирофи он ҳамеша обрӯст.
Гар ту некӣ, бо ту некӣ мекунанд,
В-ар на, аз ҳар сӯ кулӯхат мезананд.

Ҳавзи Сират поктар аз кавсар аст,
Обгират дигару ин дигар аст.
Ҳар ки дорад ин чунин обе накӯ,
З-ӯ набошад дар ҷаҳон пур оби рӯ.

Мӯъминободо, ҳамора ёри ман,
Дар дилу дар дидаву гуфтори ман.
Ёди ту аз ҷон намегардад бурун
Ҳаст то манро ба тан як қатра хун.

Мӯъминободо, занони маҳвашат,
Дилбарони бениҳоят дилкашат,
Ҳамчу гавҳардонаи баҳри туянд,
Дилкушо афсонаи шаҳри туянд.

Мӯъминободо, беҳин ганҷинаӣ,
Нокушуда махзани деринаӣ.
Синаат пур аз зари тилло бувад,
Балки симу зар туро садҳо бувад.

Духтари раққосаат овар ба ёд
Нахли умраш ҷовидон ҷовид бод.
Ӯ туро бо худ чу бо дарё бибурд
Бар фаровон саҳнаи дунё бибурд.

Хешро манзури дунё кард ӯ,
Номи ту машҳури дунё кард ӯ.
Аз сафарҳои ҷаҳон овард ӯ,
Бар туву бар худ фаровон оби рӯ.

Мурдаро мекард зинда рақси ӯ,
Шоҳро мекард банда рақси ӯ.
Рақси ӯ бар хору хас ҷон медамонд,
Назди рақсаш булҳавас ҷон мефишонд.

Саҳна мерақсид ҳамроҳаш базеб,
Моҳ мерақсид чун ӯ дилфиреб.
Мастҳо ҳушёр мегаштанд аз ӯ,
Хобҳо бедор мегаштанд аз ӯ.

Мактабе шуд рақси ӯ дар саҳнаҳо,
Бар дигар раққосаҳо зад рахнаҳо.
Бас касон аз ӯ ҳунар омӯхтанд,
Бар ҳунар ҳусни дигар омӯхтанд.

Чеҳраи мардонт пурғам дидаам,
Дидаи занҳот пурнам дидаам.
Ин нишони шодмонӣ нест, дон,
Ҳам сифоти зиндагонӣ нест, дон.

Мардуми хунгарм будӣ аз азал,
Мардуми оташпарасти ин маҳал.
Лек гармӣ нест ҳоло дар дилат,
Рӯзи сармо оташе дар манзилат.

Ҳамдиёри Бӯалӣ Сино будӣ,
Чун ҳаким овозаи дунё будӣ.
Лек беморат кунун ҳайрону зор,
Доруеро, духтуреро интизор.

Ман чӣ гӯям, худ бидонӣ хубтар,
Мӯъминободо, ҳама ин дарди сар.
Сад дареғе, худ ба нодонӣ занӣ,
Бар илоҷи он тағофул мекунӣ.

Мӯъминободо, дигар ёдам макун,
Лаҳзае фарёду имдодам макун.
Гар ба чашми бад ба ту рӯ оварам,
Гар туро бегонаи худ бишмарам.

Гар на бо роҳи сафо пӯям туро,
Гар на аз меҳру вафо бӯям туро.
Мӯминободе, диламро пора кун,
Рӯҳи бе ҷону танам овора кун.

Ташнаи файзи ту кай хобам барад,
Балки бе ёди ту хобам мепарад.
Гар касе дар хоб бинад нону об,
Мӯъминободе, туро бинам ба хоб.

Мӯъминободо, ту дар ҷону дилам,
Офтобӣ, нур бахшӣ манзилам.
Нест имконе зи ту бошам ҷудо,
Дар манӣ, зеро ту бо амри Худо!

Зодаат аз бенавоӣ вораҳон
Аз ғарибию гадоӣ вораҳон.
Хонаатро манзили ҷонона кун,
Мардуматро оқилу фарзона кун.

Пурғановат кард бояд хони худ,
Пурғановат даскаву дӯкони худ.
Бо умеди кас намебояд шудан,
Рӯи дарё хас намебояд шудан.

Ман зи фарзанди ту дорам илтиҷо,
Ман ба дилбанди ту дорам ин дуо:
Дар ҷаҳон дигар нагардад хору зор,
Аз замон дигар набошад шармсор.

Бо накӯиву, накӯигустарӣ,
Бо камоли одаму одамгарӣ,
Меҳрубони мардуми кишвар шавад
Дар забони мардуми кишвар шавад.

Мӯъминободо, шунав арзи маро,
Арзи кӯчак, лек боарзи маро.
Гар нагӯям, мешавам бемори дил,
Назди виҷдон ё ки мегардам хиҷил.

Махзани обиву аҳлат ташнаком,
Сохтмон дорӣ, тамомаш нотамом.
Ҳеҷ не ки кӯчаат афзун шавад
Чеҳраат зебову пурмазмун шавад.

Пиру бесоҳиб битобӣ дар назар
Ворисон аз рӯзгорат бехабар.
Ту ба қисмат гӯиё тан додаӣ,
Ҳамчу меше тан ба куштан додаӣ.

Ростӣ, ранҷуру беморат зиёд
Чунки аз ночор бекорат зиёд.
Дарди онҳоро давои беҳтарин:
Кору кору кор дар ин сарзамин.

Содалавҳе не, ки ҷоҳил буд ӯ,
Аз хирад бегона, коҳил буд ӯ.
Ҳарфи ағёри худашро гӯш кард,
Заҳри ашрори худашро нӯш кард.

Камхирад буд, аз хирад бегона шуд,
Дар ҳаёҳӯ чун саги девона шуд.
Дар дилаш бадхоҳи ӯ маъво гирифт,
Соҳибашро аз гулӯ в-аз по гирифт.

Хонаи худро ба яғмо дод, сӯхт,
Хонумони худ ба ними ҷав фурӯхт.
Аз гиребони падар, модар гирифт,
Ҷони фарзанди худу хоҳар гирифт.

Аз Сикандар, Чингизу Гитлерҳо
Кам наёмад дар задан шамшерҳо.
Балки бигзашт ӯ зи ҳар девонагӣ,
Кард собит аз хирад бегонагӣ.

Мор буд ӯ, оқибат саркӯб шуд,
Ғунда буд ӯ, рӯфта бо ҷорӯб шуд.
Хонаву дар аз рутубат тоза гашт,
Ҷои ободӣ агар чи тоза гашт.

Мӯъминободо, кунун осудаӣ
Роҳи хушбахтии худ бикшудаӣ.
Хештанро хурраму дилшод гир,
Бо уқобонат нафас озод гир.

Зиндагӣ аз мӯрчагон ёд гир,
В-аз гузашти нек бигир дасти пир.
Маскани худ пур зи кору бор кун,
Коргаҳи мардумат бисёр кун.

Мӯъминободо, сару савдои ман,
Дар ҷаҳони дун сари болои ман.
Гар набудӣ, ман набудам дар ҷаҳон,
Пас, ману домони ту, эй ҷони ҷон!

Мӯъминободо, саросар махзанӣ,
Махзани марду зани рӯинтанӣ.
Махзани дилдодаи илму ҳунар,
Мардуми аз набзи олам бохабар.

Мӯъитнободи шарофатманди ман,
Модари ҷони ману дилбанди ман.
Кош, фарзандат надидам мардикор,
Дар ғарибӣ чун гадоён хору зор.

Мӯъминободо, Бадахшони манӣ,
Суғду Раштону Зарафшони манӣ.
Чунки дар онҳо туро ман дидаам,
Чунки онҳоро зи ту бишнидаам.

Мӯъминободо, агар гӯям дуруст,
Оби Кавсар шаммае аз ҳавзи туст.
Кас надидасту набинад ин чунин
Оби роҳатбахш дар рӯи замин.

Мӯъминобод аз дилу ҷон омада,
Чун нузули ҷилди «Қуръон» омада.
Зоти покаш бе насаб набвад сипас,
Мӯъҷизоташ бе сабаб набвад сипас.

Мӯъминобод аз ману мову шумост,
Бар ману мову шумо доди худост.
Пас, ману мову шумо ёдаш кунем,
Муттафиқ гардему ободаш кунем.

Мӯъминободо, ба ту хонам ғазал,
Аз ҳамон айёми пуршӯру мағал,
Он ки кард оғӯштаи хун ҷони ту
Содалавҳе буд дар домони ту.

Мӯъминободо, маро бовар бикун,
Озмун дорӣ агар, довар бикун.
Ман баҳои ҳақ ба ту бояд диҳам:
Хуштар аз ту дидаам дар даҳр кам....

Мӯъминободо, фаромӯшам макун,
Таънае бар сустии ҳушам макун.
Ман набудам лаҳзае бе ёди ту,
Сад шумурдам андаке имдоди ту.

Мӯъминобдо, Бадахшон ёри туст,
Суғду Рашту ҳам Зарафшон ёри туст.
Тоҷикистон торикистон бе ту буд,
Худ ҷаҳон як ҷойи вайрон бе ту буд.

Мӯъминободо, чӣ гулпӯш омадӣ,
Дӯстдоратро ба оғӯш омадӣ.
Аз тамошоят нашуд дил ҳеҷ сер,
Гаштаам ман гарчӣ бо ёди ту пир.

Мӯъминободо, забон додӣ маро,
Андаке табъи равон додӣ маро.
Аз дилу ҷон васфи ту бояд кунам,
Роҳи бахтат ҷустуҷӯ бояд кунам.

Мӯъминободо, ту чашмам додаӣ,
Ақлу дониш, меҳру хашмам додаӣ.
Неку бадҳоят бидидан – қарзи ман,
Нолаи ҷонат шунидан – қарзи ман.

Мӯъминободо, ту поям додаӣ,
Раҳ ба дунёе маро бикшодаӣ.
То ки пайғомат ба дуриҳо барам,
То зи дуриҳо паёмат оварам.

Мӯъминободо, замон ноҷӯр шуд,
Шӯру шар омад, ҳама пуршӯр шуд.
Дар мусулмоне мусулмонӣ намонд,
Дар забоне ҳарфи раббонӣ намонд.

Мӯъминободо, мусаффо оби ту
Қисса дорад дар ҷаҳон аз боби ту.
Обрӯятро дучандон кардааст,
Эътиборатро фаровон кардааст.

Мӯъминободо, замон ноҷӯр шуд,
Дидаи инсофи мардум кӯр шуд.
Қудрате бояд ҳама бино шаванд,
Дар хирадмандӣ ҳама Сино шаванд.

Бенаво шуд, Мӯъминободо, замон,
Сахт мушкил шуд давои дарди он.
Мову ту онро даво хоҳем кард,
Ё ки ҷони худ фидо хоҳем кард.

Мӯъминободо, пушаймон нестам,
Ки дар олам дар бари ту зистам.
Ман зи ту одамгарӣ омӯхтам,
Расми хуби дилбарӣ омӯхтам.

Мӯъминободо, пушаймон нестам,
Ки дар олам дар бари ту зистам.
Ту маро фазлу ҳунар омӯхтӣ,
Дарки дунёи дигар омӯхтӣ.

Мӯъминободо, фаромӯшам най,
Лаҳзае ҳам дур з-оғӯшам най.
Ман агарчӣ дар назар дурам зи ту
Ҷону дил донанд, маъзурам зи ту.

Мӯъминободо, гулу хори манӣ,
Хуштарин роҳат ва озори манӣ.
Чунки донам ҳеҷ гул бе хор нест,
Роҳате ҳам низ беозор нест.

Мӯъминободо, чу номат хоҳамат,
Бо ҳамин номат мудомат хоҳамат.
Ҳамчу номат мӯъмину муслим бизӣ,
Бо ҳама фарзандҳо мунъим бизӣ.

Мӯъминободо, чароғон хоҳамат,
Чун «Гулистон»-ат гулистон хоҳамат.
Дар шаби тӯят намирад нури барқ
Рӯзу шаб бошӣ ба нури барқ ғарқ.

Мӯъминободо, шукуфон хоҳамат,
Дар ҷасорат марди майдон хоҳамат.
Паҳлавонони ҷаҳон парвардаӣ
Ҳайрати аҳли замон овардаӣ.

Мӯъминободо, сарат бодо баланд,
Мардумат бар аҳли олам дилписанд.
Фахр дорам, ки туро донад ҷаҳон
Аз шукӯҳи чеҳраҳои ҷовидон.

Мӯъминободо, саломат қарзи ман,
То ки ҳастам, эҳтиромат қарзи ман.
Аввалин мактаб, нахустин доварӣ
Ҳар чи мегӯям аз он болотарӣ.

Мӯъминободо, гулафшон хоҳамат,
Тозаву тар чун баҳорон хоҳамат.
Аз зимистону хазонат дил гирифт,
Дил зи маъюсӣ раҳи манзил гирифт.

Бо ту будан, Мӯъминободо, накӯст,
Ҷони ман дар ким-кучҷои ҷони туст.
Ман даме ҳастам, даме ки нестам,
Дон, ки бо ту, ҳамраҳи ту зистам.

Бо ту будан, Мӯъминободо, хуш аст,
Дар канорат ҷон супурдан дилкаш аст.
Атри бӯят мурдаро ҷон медиҳад,
Ҷон ба номи дину имон медиҳад.

Мӯъминободо, туро қурбон шавам,
Дар канорат ояму чӯпон шавам.
Ин бувад беҳ з-он ки дар мулки дигар
Тоҷ бар сар бошаму дур аз падар.

Мӯъминободо, машав хуни ҷигар
Дар ғами фарзандҳои дар ба дар.
Нектар аз ин замон хоҳад расид,
Рӯзи васли ошиқон хоҳад расид.

Дӯстдоронат муносиб мерасанд,
Аз шимолу шарқу мағриб мерасанд.
Аз харобиҳот эҳё мешавӣ,
Боз аз нав зеби дунё мешавӣ.

Мӯъминободо, дигар ғамгин мабош,
Чеҳра пурхашму ҷабин пурчин мабош.
Зодагонат аз ғарибӣ мерасанд,
Ҷони пурдардат табибӣ мерасанд.

Мӯъминободо, сару савдои ман,
Дилбари ман, соғару минои ман.
Ишқ варзидам дар оғӯшат зиёд
Кай раванд он рӯзҳои хуш зи ёд.

## ПАРВИНАҶОН ВА БАРФАК

Парвинаҷони ширин,
Хурдакаки нозанин.
Кокулчаҳояш нақшин,
Тоқичааш ҳамчунин.
Куртачааш пурлола,
Ду лола-ду рухсора.
Ду поякаш пур аз гул,
Ду дастакаш-ду сунбул.
Исту бисташ гулдаста,
Гулдастаи навбаста.
Ана, ҳамин Парвина,
Парвинаи нақшина.
Як рӯзаки баҳорон,
Вақте монда буд борон.
Пагоҳӣ не, нисфи рӯз,
Нисфи рӯзи дилафрӯз.
Аз хона берун омад,
Аз ҳавлӣ ҳам баромад.
Сӯи саҳро равон шуд,
Сӯи боло равон шуд.

Рафту рафту рафту рафт,
Чору панҷу шашу ҳафт.
Рафту чиду рафту чид,
Бағал-бағал ханда чид.
Байни гулҳо ғӯта зад,
Худро ба ҳар бутта зад.
Аз ин чиду аз он чид,
Шишта чиду равон чид.
Чиду чиду чиду чид,
Ҳавлӣ куҷо шуд, надид.
Хаста шуда, гул шумурд,
Байни гулҳо хобаш бурд...
Парвинаҷон дар гулзор,
Байни гули бешумор.
Бароҳатак хобидаст,
Ӯро касе надидаст.
Аммо дар ин лаҳзаҳо,
Дар хонадони онҳо,
Шӯру қиёмат шудаст.
Ҳама нороҳат шудаст:
Парвинаҷон куҷо шуд,
Куҷо шуду чиҳо шуд.
Падар ин сӯ мекобад,
Модар он сӯ мекобад.
Бародару хоҳарон,
Ба ҳар тараф парешон.
Мекобанду меҷӯянд,
Ба ҳар касе мегӯянд:
Парвинаҷони моро
Ҷое надидед оё?
Вале касе надидаст,
Ин гапро нав шунидаст.
Ин дам гӯё саросар,
Деҳаи дашти Ар-Ар.
Парвинаҷонро ҷӯяд,
Парвинаҷонро пӯяд.

Ана, шаб ҳам шуд наздик,
Ҳаво кам-кам шуд торик,
Аммо аз ӯ дарак не.
Ҳатто ягон паяк не,
Дилҳо ҳама пур аз ғам.
Дидаҳо ҳам пур аз нам,
Парвиначон кучо шуд.
Кучо шуду, чиҳо шуд?
Ногаҳ ҳама фаҳмиданд,
Ба чашми худ бидиданд.
Аз чониби гулистон,
Барфак меояд тозон.
Барфакчаи чоночон,
Кучукчаи Парвинчон.
Дар даҳонаш нақшина,
Тоқичаи Парвина.
Сӯяш даводав бишуд,
Гӯё ӯ Парвина буд.
Пеш аз ҳама дигарон,
Очаи Парвиначон.
Ба кучукча бирасид,
Ба оғӯшаш бикашид.
Нармак-нармак бӯидаш,
Гармак-гармак бӯсидаш.
Аз даҳонаш бигрифт,
Тоқичаро ба шигифт.
Яъне, ки кӯ чони ман,
Нури ду чашмони ман?
Аз ҳама зебои ман,
Гавҳари яктои ман.
Барфак сӯи гулистон,
Равон бишуд дав-давон.
Очаи Парвиначон,
Отаи Парвиначон.
Ҳамаи хурду калон,
Хешону бегонагон,

Давиданд аз қафояш,
Бо суръате ки оташ.
Давиданду давиданд,
Ба гулистон расиданд.
Аз паи барфак рафтанд,
Ларзону хаппак рафтанд.
Ногаҳ ҷое нозанин,
Муаттару атрогин,
Парвинаҷонашонро
Чун гуле байни гулҳо,
Якпаҳлӯ хуфта диданд,
Чун гул шукуфта диданд.
Парвинаҷонро падар,
Мисоли ҷонаш ба бар,
Аз байни гулҳо гирифт,
Гӯё дунёро гирифт.
Очаи Парвинаҷон,
Парвинаҷони ҳайрон,
Барфакро ҳай мебӯсид,
Мебӯсиду мебӯсид...
Хурсанду шоду фирӯз,
Он ҳама аҳли дилсӯз,
Ба деҳа пас омаданд,
Ба сад ҳавас омаданд.
Қиссаи мо шуд тамом,
Ҳам қисса шуд ҳам паём.

# ҚАСРИ МИЛЛАТ

Қасри миллат, эй ҳумо, эй, мурғи бахт,
Аз дили афсонаҳо хуш омадӣ!
Бар сари тоҷики пазмонгаштаат,
Эй басо марғубу дилкаш омадӣ.

Дар ҷаҳони тоҷикони номдор,
Мақдамат фархундаву ҷовид бод!
Ҳар як он хишти зарандудат ба мо
Зарра– зарра зарраи умед бод!

Қасри миллат сахт дилбар омада,
Ҳамчу шабнам тозаву тар омада.
Чун накӯяш бингарӣ, бар чашми ту
Ганҷи лаълу дурру гавҳар омада.

Қасри миллат ёдгори миллат аст
Аз замони мо ба фардоҳои мо.
Қасри миллат ифтихори миллат аст,
Ай худо, бар ифтихори мо физо.

Қасри миллат шаҳпари мо мешавад,
Шаҳпари мо сӯйи фардо мешавад.
Сарфарозиҳо ба номаш мекунем,
Бо ӯ як зарра чу дунё мешавад.

Қасри миллат иллати мо бишканад,
Кинаву қасду ғаразҳо бишканад.
Қасри миллат беҳтарин аслиҳаест,
Гардани зарқу дағоро бишканад.

Қасри миллат иллати моро барад,
Аз миён ҳар шӯру ғавғоро барад.
Дилрабо созад дилу ҷонҳо чу худ,
Фитнаҳо аз чашму аз дилҳо барад.

Қасри миллат, Қасри ваҳдат, Қасри бахт,
Эй кабӯтарҳои зебо, дилписанд,
Аз диёри орзу хуш омадед,
Бар макони мардумони сарбаланд.

Мо шуморо тоҷи сар хоҳем кард,
Ҷой дар банди ҷигар хоҳем кард.
Лаҳзаҳои бар фалак парвозҳо,
Мо шуморо болу пар хоҳем кард.

Қасри миллат, Қасри ваҳдат, Қасри бахт,
Дилбару ҷононаҳо, хуш омадед.
Бар диёри тоҷикони номдор
Аз дили афсонаҳо хуш омадед.

Қасри миллат ифтихори миллат аст,
Ифтихори пойдори миллат аст.
Аз замони мо ба фардоҳои мо,
Ёдгори зарнигори миллат аст.

Дар радифи харчи эъҷози баланд,
Қасри миллат ифтихори миллат аст.
Миллати бе ин чунин қасру манор,
Тӯдаи инсони пур аз иллат аст.

Тоҷи маҳали мо шуда ин Тоҷмаҳал[1]
Моҳи ҳамали мо шуда ин Тоҷмаҳал.
Бо ҳусни баҳору кисвати Наврӯзӣ,
Байту ғазали мо шуда ин Тоҷмаҳал.

Қасри миллат дар само не-дар замин
Офтоби зарнисори миллат аст.
Зарра-зарра заррахояш парфишон,
Мурғи бахти болдори миллат аст.

Чун аз бари Қасри миллатам мегузарам,
Инсони дигар ҳамешавам дар назарам:
Донову тавонову хирадманду ҷасур,
Бошафқату бошавкату боҳиммату зӯр.

Чун аз бари Қасри миллатам мегузарам,
Монанди яке кафтари хушболу парам.
Хоҳам, ба худо, гирди ҷаҳон давр занам,
Бар оламиён муждаи Қасрам бубарам.

Ин Қаср ба мо нишонаи фаррух шуд,
Ёди хуше аз замонаи фаррух шуд.
Рӯзу шабу моҳу сол афзун гузарад,
Эъҷози ҳунар ба рӯи олам бубарад.

Ин Қаср, ки афсонаи ширини ман аст,
Дар дил ҳаваси шарифи дерини ман аст.
Имрӯз, ки қад кашида бо фарру шукӯҳ,
Дарёб, ки қад кашида оини ман аст.

Ин Тоҷмаҳал ба мо муборак бодо!
Як нусхаи Ҳазрати таборак бодо!
Бар мо, ки табори Оли Сомон ҳастем,
Осори хирад дигар қаторак бодо!

[1] Тоҷмаҳали Ҳиндустон дар назар аст.

Ин Қаср ба дасти мо, ки бунёд шудаст,
Аз меҳри дилу ҷону тан обод шудаст.
Ҷоиз набувад маломати зебу фараш,
Зеро зи Туву мову ман обод шудаст.

Ин қасри муҷалло ба ҷаҳон мемонад,
З-имрӯзи ману ту як нишон мемонад.
Мо, гушнаву сер аз ин ҷаҳон мегузарем,
Ин Қаср чу ёдгори ҷон мемонад.

Чун аз бари Қасри миллатам мегузарам,
Аз баҳри тамоми иллатам мегузарам.
Дил дар қафаси сина ғазал мехонад:
Ман шоҳаму шоҳи ҳамаи баҳру барам.

Ин Қаср ба мо чу шаъну шон омадааст,
Балки ба тани мурда равон омадааст.
Мо мурдаи тахту бахти худ гашта будем,
Сад шукр, ба мо тахти равон омадааст.

Ин қаср, ки бар фалак сар афроштааст,
Ибрат зи сари баланди мо доштааст.
Дорем гиромияш ба сад ҷони азиз,
Эҳсоси ману туро, ки анбоштааст.

Ин Қаср дар ин гӯша чӣ нек афтодаст,
Рамзе зи бақои тоҷикон бинҳодаст.
Шаъну шарафи бузург бар инсоне,
К-ӯ ин шарафи бузург бар мо додаст.

Ин Қаср дар ин гӯша мунаввар, чӣ накӯ,
Нураш на кам аз ҳар он чӣ хуштар, чӣ накӯ.
Ҷоиз набувад маломати неку бадаш,
Шукронаи ин сурати дилбар, чӣ накӯ.

Ин Қаср баробари мадоин накунам,
Ман рашку ҳасад ба хеш оин накунам.
Бунёд ниҳам зи нав мадоини дигар
Дар кори савобу хайр тамкин накунам.

Чун аз бари Қасри миллатам мегузарам,
Оянд бузургони Аҷам дар назарам.
Онон, ки надиданду ба ҳасрат рафтанд,
В-онон, ки бубинанд гули тоҷи сарам.

Ин Қаср ба монанди яке гулписар аст,
К-ӯро зи хирад либоси дебо ба бар аст.
Оре, ки ба тоҷик чунин доди худо,
Фарзанди азиз асту чу ҷону ҷигар аст.

Ин Қаср, ки он ба ҳукми тифлест дурӯз,
Ҳеҷаш хабаре нест зи дарду ғаму сӯз.
Фардо нигарӣ, ба пояи шӯҳрати он
Дар хоки худаш надида тоҷик ҳанӯз.

Ин Қаср ба мо сари баланд омӯзад,
Симои азизу арҷманд омӯзад.
Чун нек ба сираташ назар андозӣ,
Ибрат зи талоши бегазанд омӯзад.

Ин Қаср бубину сарбаландӣ омӯз,
Аз меваи ранҷ дилписандӣ омӯз.
Бар ваҳдати хишту сангу обу гилу ранг,
Андеша намову арҷмандӣ омӯз.

Ин Қаср ба мо фазлу ҳунар омӯзад,
Сеҳри ҳунари дасти башар омӯзад.
Чашми хиради каҷназарон бикшояд,
Бар кас назаре дигар-дигар омӯзад.

З-ин Қаср ба мо рӯзи нав оғоз шавад,
Рӯзи фалаки чангу найу соз шавад.
Бар сӯйи самои шарафу шӯҳрату шон,
Ин Қаср ба мо чу боли парвоз шавад.

Ин Қасри забарҷад ба ҷаҳон хоҳад монд,
Некӯш бидорем, ҷавон хоҳад монд.
Гар аз сари содагӣ ба қадраш нарасем,
Монанди дарахти дар хазон хоҳад монд.

Ин Қаср, ки кас зи диданаш шод шавад,
Гулбоғи Душанбе аз ӯ обод шавад.
Моро набувад аз ин сипас дарду ғаме,
Чун ҷой дар он адолату дод шавад.

Эй раҳгузари бохабар аз фазлу ҳунар,
Беруну даруни Қасри миллат бинигар.
Худро чу дар оина бубинӣ дар он
Монандаи гул шукуфтаву тоҷбасар.

Бар зоҳиру бар ботини ин Қаср нигар,
Шаффоф чу он надидаӣ ҳеҷ дигар.
Рамзест, ба ту бигӯяд, эй ҷону ҷигар,
Покиза чу ман бишав, хирад дорӣ агар.

Ин Қаср, ки худ зодаи фарҳанг бувад,
Як пора нишони номусу нанг бувад.
Ҳар ки нарасад ба қадри он, нест шаке
Дар сина варо ниҳон на дил-санг бувад.

# АРЗИ САДОҚАТ

*(Эҳдо ба водии Раштон ва мардуми шарифи он)*

Ҳазорон сол пешат дидаам ман,
Ҳазорон сол шуд ҷойӣ ба ҷонам.
Дар ин тӯли ҳазорон сол, Раштон,
Ҳамонӣ ту бароям, ман ҳамонам.

Ҳар сабзаи ту сабзаи сабзи Ватан аст,
Ҳар хору хасат баробари сад чаман аст.
Дурӣ ба назар агарчи аз аҳли назар,
Ҳар зарраи хоки ту чу дурри Адан аст.

Раштон, Раштон, диёри хубон, Раштон,
Манзилгаҳи ҷумла родмардон, Раштон.
Себат ба замона қадри гавҳар дорад,
Дар синаи кӯҳ лаъли рахшон, Раштон.

Раштон зи ману манам зи Раштон, ба худо,
Дар ман бувад ӯ, манам дар ӯ, ҳон, ба худо.
Бе ӯ набувад маро дар ин даҳри бузург
Ёрои нафаскашидану ҷон, ба худо.

Раштони манӣ, ҳам ину ҳам они манӣ,
Дар саҳни чаман булбули хушхони манӣ.
Чӣ, булбули хушнаво, куҷо саҳни чаман,
Бо шаршараат ҳазордастони манӣ.

Раштон, ба масал, чу шаддаи марворид
Овеза ба гардани Бадахшони ман аст.
Не, не, ки камаш гуфтаам, ин хоки азиз
Як пораи лаъли Тоҷикистони ман аст.

Раштон ба ҷаҳон, чу қад барафрохтааст,
Бар пешу паси худ назар андохтааст.
Аз партави Роғуну Бадахшони баланд
Бар худ чи аҷоиб сару по сохтааст.

Раштон, ки паноҳандаи Нуробод аст,
Хоҳони шараф, пардадари бедод аст.
Нур аз пайи нур оварад ин маҳзани нур,
Некаш нигарӣ, нур варо бунёд даст.

Раштон бафараҳ, ҳавои Раштон бафараҳ,
Маҳтобшабу ҷилои Раштон бафараҳ.
Хушбахт касе, як дамаке осояд
Дар гӯшаи Раштон бари ҷонон бафараҳ.

Раштон, ки самои пур мунаққаш дорад,
Дар сина ниҳон на дил, ки оташ дорад.
Хонем агараш зи наслу авлоди башар,
Мардест, ду даҳ нигори маҳваш дорад.

Истораи бешумор дорад Раштон,
Машҳури ҷаҳон қатор дорад Раштон.
Маҳтобшабе сайри самояш кардам,
Фарзона ду-се ҳазор дорад Раштон.

Гулхан зада Гулханӣ дами макру дағо,
Бо нури фазилат ин парастори худо.
Аз халқу худо худ ҳамехост мадад
Дар пайраҳаи каҷмакаҷи меҳру вафо.

Наҷме ба самои маърифат Бухри Валӣ,
Наҷми дигаре Ҷомии сонӣ, донанд.
Дерест Ҳасан Халифаро[1] аҳли башар
Асрори ҳама дарозумрӣ хонанд.

Махсуми Фузайл агар намебуд оқил,
Фазлу ҳунараш агар намешуд нозил,
Тоҷик ба вартаи ҳалокат мефитод,
Нодида замони ваҳдату рӯзи ҷамил.

Истораи дур мерасад дар назарам,
Истораи «Шашмақом»-и афсунагарам.
Худ Абдулазиз агарчи наздик, вале
Сеҳри ҳунараш ба дури олам бубарам.

Гӯйӣ, ки замон панди Алӣ Хуш бигрифт,
Чун баҳр дамиду ҳамчунон лола шукуфт.
Чун барқ агарчи сӯхт аз сар то ба по,
Ҷон доду ба ҷон ҳарфи шикоят бинуҳуфт.

Шайх аст Абулҳаю забардасти замон,
Аз ҷумлаи шайхони ҷаҳонгир нишон.
Бар маснади таълимоти ӯ рӯй ниҳӣ,
Озурда шавӣ, варо зи озурдани ҷон.

Акбар ва Диловаранд камёби замон,
Махсумзода, бародари ҷони ба ҷон.
Дар силки ҳунар, фазилату ақлу хирад,
Сабзидани гул ба қалби харсанг нишон.

[1] Халифаи Ҳасан 163-сол умр дидааст.

Анвар ба хирад Қаландарӣ доду гузашт,
Бар заҳмату ранҷ дилбарӣ доду гузашт.
Бедор бихобидаву бедор бизист,
Доди ҳама доди Анварӣ доду гузашт.

Хандонд ҷаҳониёни пурғам Боқӣ,
Гардонд ҷаҳон ҷаҳони беғам Боқӣ.
Хандида ба одаму ба олам бигузашт,
Марде ҳама умр соқу бардам Боқӣ.

Авлоди ҳакими оламиён – Сино,
Бе шубҳаву шак Ғиёси Меъроҷ бувад.
Аз ӯ, ки гирифтааст панди некӯ,
Аз шаъну шараф варо ба сар тоҷ бувад.

Буд марде Шарифу шакарэҷод Шарифӣ,
Дар дори ҷаҳон доди сухан дод Шарифӣ.
Бар гӯш расидам зи фалак рӯзи видояш:
Аз рафтани ту нолаю фарёд, Шарифӣ.

Истораи нав ба ин қаламрав бинам,
Бар шамсу қамар ба нур пайрав бинам.
Андар дилу дар дида чунон Мӯҳтарам аст,
Умраш ҳама зери бори давдав бинам.

Андар фалакат ситорае рахшон аст,
Гӯӣ зи азал ситораи Раштон аст.
Рухсора зи гул дораду Гулрухсор аст,
Ҷонаш зи ғами Яхч фиғонистон аст.

Як ситора ҷалби диққат мекунад,
Баски, барҳақ, камназир афтодааст.
Ҷонибек ибни Акобир ин замон
Бо накӯӣ шергир афтодааст.

Ғоиб чу Қаландарест сарсони хаёл
Ҷӯёи саодати асилу беғаш.
Гарчи ба ҷамолу бо камол омадааст,
Пурмеваю пурсоя бубинӣ боғаш.

Бӯрӣ Бачабек агарчи саргардон аст,
Дарёфтанаш ба ҳар касе осон аст.
Кас нест ба ҷое, ки варо нашносад,
Фарзанди замона, зодаи Раштон аст.

Исторае дар самои мо Меҳмон аст,
Гоҳе ба назарт аз дигар кайҳон аст.
Як рӯ ба Душанбею дигар рӯй ба Ғарм,
Аслаш зи куҷост, балки худ ҳайрон аст.

Ҳоҷии Муродро надонед агар,
Донед, ки ҳаҷ накарда, ҳоҷӣ бошад.
Дар дил ҳавасу мурод чандон дорад,
Пӯшад ду ҷаҳон агар ки аз ҳам пошад.

Ҳоҷӣ дигару равандаи ҳаҷ дигар аст,
Ҳоҷӣ зи фиреби он ҳама бохабар аст.
Ором агарчи мекунад умр дароз,
Як даста алови таҳ ба таҳ пуршарар аст.

Ҳоҷӣ ками кас қабул кунад ҷойи басе,
Ҷуз ҳақ набувад варо ки фарёдрасе.
Гар ӯ малакаст, аз он малоик бошад,
«Месӯзаду дам намезанад пеши касе».

Болои замин ситоразорон бинам,
Паҳнои замин ситоразорон бинам,
Болои замин ситразори афлок,
Паҳнои замин ситоразори одам.

Дар гулшани Ғарм хоби нобам бурдаст,
Дар хоб бидидаам, ки обам бурдаст.
Бас ғел задам, ғӯта задам, дод задам,
Худ бехабар аз он ки шаробам бурдаст.

Бар гулшани Рашт мо китоб овардем,
Бо доираву чангу рубоб овардем.
Дидем масаррате ба мардум чандон,
Гӯйӣ, ки ғизои беҳисоб овардем.

Баъзе зи майу шароб парҳез кунад,
Гӯё, ки шароб мардро ҳез кунад.
Инсон, ки дар ин замона чизе набувад,
Ҳар ночизе шароб чун чиз кунад.

Аз синаи Рашт бигзарад аввали Вахш,
Аз минаи Рашт бигзарад аввали Вахш.
Яъне зи дили Рашт дуо мегирад
Бар номи хушу умри абад аввали Вахш.

Бе сурхию бе сафеда ҳусни Камаров,
Момаш ба ҳавас макида ҳусни Камаров.
Ҷуз сеҳри табиат ба ҳама давру замон
Дасти ғаразе надида ҳусни Камаров.

Чун кӯҳи баланд сарбаландаш бинӣ,
Чун ҳури биҳишт дилписандаш бинӣ.
Монанди фаришта бегазандаш бинӣ,
Раштист, ҳама китоби пандаш бинӣ.

Истон, ки баланд асту баланд асту баланд,
Унвони муборакаш бишуд кӯҳи баланд.
Кӯҳи дигаре баланд аз ӯ дидам ман
Дар домани он мардуми бо рӯҳи баланд.

Мармар бинигар, сафед чун хурмаи шир,
Покизаву дилрабо ба монанди панир.
Хоҳӣ, ки ба Осиёи бодаш биниҳӣ,
Панде зи гузаштагони бадрӯз бигир.

Кавсар ба ҷаҳон агарчи афсона бувад,
Партавкӯл аз фасона афсонатар аст.
Сард аст чунон зулол обаш, гӯйӣ,
На рӯйи замин-гӯшаи ҷаннат ба бар аст.

Дилдодаи манзари Назарайлоқам,
Фарзанди диёри кӯҳу аз қишлоқам.
Тарсе набувад маро зи ангишти сиёҳ,
Бар сурхии оташи дилаш муштоқам.

Он ҷо, ки равон шохаи Вахшур бувад,
Чун дастаи босалобати нур бувад.
Монандаи мор печ дар печ равад,
Гарчи зи зарар фоидааш зӯр бувад.

Роғун ба чароғи Соли Нав мемонад,
Пуршаддаву пуршилшилаву пурмарҷон.
Имрӯз, ки ин ноҳияро нур диҳад,
Фардо биравад шаҳоматаш рӯи ҷаҳон.

Ҷое наравам, ягонаву ноёб аст,
Ҷое биравам, ки сард аз сардоб аст.
Аз Рашт надидаам дигар ҷойи базеб
Ҳар оби дараш нишонаи Сурхоб аст.

Дидан ҳавасат шаддаи марҷон бошад,
Торикшабе саёҳати Рашт баро.
Он қадр канори худ мунаввар бинӣ,
Аз ёд барӣ дигар ҳама арзу само.

Банда зи шуои дин муанбар гашта,
Аз нури хирад ҷаҳон мунаввар гашта.
Яъне, ки зи фазл даҳр аз нек накӯ,
Аз ҷаҳл ҳар он чи нек абтар гашта.

Аз мулки адам хоки Ватан омадаем,
Бе даъвату амру бе сухан омадаем.
Аз олами тор бар чаманзори вуҷуд,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Моро ба ҳаво чу тайр парвоз бидод,
Бо мардуми рӯйи даҳр анбоз бидод.
То дар худу дар гумраҳаҳо гум нашавем,
Ҳомӣ шуду аз қафои мо соз бидод.

Он қарзи забондорӣ фаромӯш набояд!
Он қарзи Ватанборӣ фаромӯш нашояд!
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Гардондани қарз амри воҷиб бошад,
Бар гуфтани ҳақ тани ба тан омадаем.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Обод намудани Ватан фарз бувад,
Бар ҷумлаи аҳли ин Ватан қарз бувад.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Дар кори Ватан фиребу найранг мабод,
Ғофил гаштан аз шарафу нанг мабод.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Мо ҷони худу ҷони Ватан зинда кунем,
Худро ба Ватан тавъаму поянда кунем.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Даъват ба замонаҳои оғози ҳаёт,
Аз қуллаи асри мо бимонад ба ҷиҳод.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Монанди Фарангу Амрико пеш равем,
Бо ҳикмату бо фазилати хеш равем.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Чун Чину Ҷапон ба фазл машҳур шавем,
Аз доираи бехирадӣ дур шавем.
Бе даъвату амру бе сухан омадаем,
Мо баҳри Ватан, баҳри Ватан омадаем.

Бенанг ба чашми мардумӣ хор бувад,
Монандаи саг ба луқмае зор бувад.
Шарм аст дар ин қатори мардум будан,
Маъдум ба зери сояе гум будан.

Аз ҳикмати худ ба ҳар куҷо фахр кунем,
Аз неъмати худ ба ҳар садо фахр кунем.
Монандаи Чин ба ихтирооти фузун,
Аз рӯйи замин то ба само фахр кунем.

Дар ҳар қадамат нишони Чин дидаӣ ту,
Гоҳе зи фузунияш биваҳмидаӣ ту.
Аз худ, ки надидаӣ нишоне ба ҳаёт,
Инсоф бидеҳ, чу мард шармидаӣ ту?!

Боре ба худу ба Чини ҳамсоя нигар,
Иқрор бишав, ту дигарӣ, ӯ дигар.
Ҷуз ваъзу насиҳати хуморолуда
Чизет нишон барои авлоди башар?

Гуфтанду бигӯему фузун мегӯянд,
Тоҷики кабирамон сағир аст, дареғ.
Дар хоки Ватан залилу бечора, гадо,
Берун зи Ватан хору ҳақир аст, дареғ.

Бо чашми хирад ба пешу пас, бар чапу рост,
Бингар, чи қадар фурсату хоҳиш, ки турост.
Бинӣ ҳама ҳусну кубҳи бегонаву дӯст
Он сон, ки ба ғалбери ҷаҳон бе каму кост.

Фарқ аст миёни неку бад, фарқ бикун,
Худро ба талоши маърифат ғарқ бикун.
Чун Чину Ҷапон мамлакати Шарқ бувӣ,
Худро ақаллан баробари Шарқ бикун.

Монанди арӯс нозанин шаҳраки Ғарм,
Монанди арӯс дилнишин шаҳраки Ғарм.
Бар чашмаву ҷӯйи оби сардаш, гӯйӣ,
Омехтааст ангубин шаҳраки Ғарм.

Маҳтобшабу ситоразорони само
Бар шаҳраки Ғарм ба ҳавас менигаранд.
Таззод бубин, ситораҳои шаҳрак
Хуштар зи самовиён ҳаме ҷилвагаранд.

Сарсабзии хоки Рашт Сурхоб бувад,
Сурхоб бувад, ки Рашт ноёб бувад.
Ҳар дил нигарӣ ба зодаи Рашт баланд,
Сурхобсифат пур аз табу тоб бувад.

Дар сояи зиндагии инсони дигар
Дардо, бубарад мардуми мо умр ба сар.
Фахраш, аммо ба осмон дакка занад,
Гӯйӣ, ки ба дасти ӯст иқболи башар.

Дунё ба ману ба ту ҳама чиз диҳад,
Аммо ману ту ба ӯй чизе надиҳем.
Ҷуз тоату ҷуз ибодати хобу хаёл,
Бар манфиати башар пашизе надиҳем.

Бар ҳосили умри ғайр побанд шудем,
Аз хайрияҳояке чи хурсанд шудем.
Дар афту дарафти хайру шар, суду зиён
Мо сахт ба ҳуққабоз монанд шудем.

Номусу шараф зи ёд гӯйӣ, ки бирафт,
Афсонаи дил ба бод, гӯйӣ, ки бирафт.
Дар хони ҷаҳон чу муфтахорем кунун,
Дорой ҳама ба дод, гӯйӣ, ки бирафт.

Тоҷик ба гуфти ину он тоҷ бувад,
Тоҷи сари мардуми ба меъроҷ бувад.
Имрӯз, вале чунон ба поён рафтаст,
Тоҷик ба фаҳми зист мӯҳтоҷ бувад.

Ҳар карру фаре, ки дар вуҷудат дорӣ,
Ҳар хайру шаре, ки дар суҷудат дорӣ,
Ҳар болу паре, ки дар намудат дорӣ,
Аз ту набувад, хабар аз инҳо дорӣ?

Иншои ту нест родию телевизиюн,
Иншои ту нест барқу мошин, телефун.
Иншои ту нест сад ҳазорон ину ун,
Иншои ту нест раҳ ба чархи гардун.

Раштон, Раштон, ҷамоли дилкаш дорӣ,
Садҳо дараву ҷиболи беғаш дорӣ.
Гар нест туро шеру паланги бисёр,
Бисёр касони дил пуроташ дорӣ.

Аз мармару ангишт фаровон дорӣ,
Дарё дорӣ, тило дучандон дорӣ.
Тиллои бақадру қимату беохир,
Инсон дорӣ, намунаи инсон дорӣ!

Аҳсант ба дарбадар нагуфтаст касе,
Муздур, ки тоҷи сар нагуфтаст касе.
Сагро ба чи нафрин саги дайду мегӯянд,
Яъне, ки чунин гуҳар насуфтаст касе.

Тоҷики ману ту мардикор аст, дареғ,
Дар кӯйи замона хору зор аст, дареғ.
Кам не, ду ҳазору даҳ саду милиёнаш
Дур аз Ватану хешу табор аст, дареғ.

Инҳо ҳама беруна, вале моли ту ку?
Моли ту нишони ҳолу аҳволи ту ку?
Бо моли касон то ба куҷо, кай бирасем?
Помоли касон зием, охир чи касем?

Дар сояи дигарон намебояд зист,
Бо мояи дигарон намебояд зист.
Сармояи умри кас бувад илму ҳунар,
Бе илм дар ин ҷаҳон намебояд зист.

Аз дарбадарӣ даме, агар ёд кунам,
Аз дасти фалак нолаву фарёд кунам.
Ӯ тоҷики ман ғарибу бечора намуд,
Ман дар ҳақи ӯ чӣ доду бедод кунам?

Аз дарбадарӣ, бародаро, дам назанем,
Доғи сияҳе ба рӯйи одам назанем.
Бо лақ-лақи кӯчаву сарою бозор,
Ҳоли бади рӯзи хеш барҳам назанем.

Раҳмат ояд ба он ҳама модари тоҷик,
Раҳмат ояд ба духтару дилбари тоҷик.
Сарсону парешони сари кӯчаву дар
Пир асту надидааст мард аз наздик.

Раштони кӯҳан даври ҷавонӣ дорад,
Аз бахти ҷавонӣ комронӣ дорад.
Аз меваи боғи ваҳдати навбунёд
Бар ҷону тани хеш тавоне дорад.

Роғун чу қабои худ дигаргун бикунад,
Рухсора зи мавҷи нур гулгун бикунад.
Дар дашту даман лола дамад ранги баранг,
Дар Рашти Ватан лола дамад рангибаранг.

Роғун дигару Рашт дигар хоҳад шуд,
Ин ҳар ду азизи баҳру бар хоҳад шуд.
Дар дашту даман чу бишкуфад лолаи барқ,
Ин хоки шариф тоҷи сар хоҳад шуд.

# РУБОӢ, ДУБАЙТӢ, ҚИТЪА, БАЙТ

Аз домани пир сахт мебояд дошт,
Дар сурати пир бахт мебояд дошт.
Пирон, ки ба мо давлати ақлу хираданд,
Аз давлати бахт тахт мебояд дошт.

Пирон, пирон, чи хушлиқоед шумо,
Ганҷинаи ҳикмату вафоед шумо.
Моро набувад бими ҷавонмарг шудан,
То дар бари мо шумо, шумоед, шумо.

Мо такя ба пирони хирадманд кунем,
То нахли умеди худ барӯманд кунем.
Пайванди гузаштаанд пирон моро,
Мо ҷони ҷавон ба ҷумла пайванд кунем.

Хоҳам ба хирад қатори пирон бошам,
Дар ишқу ҳавас сафи ҷавонон бошам.
Аз риштаи пайванди ду насли башарӣ,
Як нусхаи нозанини инсон бошам.

Пирони хирадманд, куҷоед шумо,
Бар чашми башар наменамоед шумо.
Монандаи хуршеди паси абри сияҳ,
Аз хонаи худ намебароед шумо.

Инсон, инсон аҷаб ҳақирӣ, инсон,
Ҳарчанд вуҷуди беназирӣ, инсон.
Бар пушти дуто дутои гардун, тарсам,
Бар манзили худ нарафта, мирӣ, инсон.

Инсон, ба баландӣ аз ҳама болоӣ,
Аз ҳар чи ки буду ҳаст, беҳамтоӣ.
Аз мӯъҷизаҳо, ки офаридаст Худо
Ту мӯъҷизаи ба зоти худ яктоӣ.

Мо, одамакон, ки ҳамчу мӯрем зиёд,
Гоҳе гуҳари хеш барорем зи ёд.
Болем зи афзудани авлоди башар,
Фахрем зи бисёрии ҳар фисқу фасод.

То қимату қадри худ надонӣ, эй ҷон,
Комил нашавӣ ба зери чархи гардон.
Комил шуданат валек набвад осон,
Бояд бишавӣ зинда ба ҳар додани ҷон.

Инсон, ту ба шӯру шар ба дарё монӣ,
Дар мастии сар ба боди саҳро монӣ.
Дар вусъати андеша ба паҳнои фалак,
Дар зоти вуҷуди худ ба дунё монӣ.

Ё раб, ту қаламкашӣ, қалам нек кашӣ,
Бар чашм наӣ, агар чи хуршедвашӣ.
Ғоиб зи назар, ҳамеша дар пеши назар,
Ин қадр тавон гуфт, ки бисёр хушӣ.

Ё раб, ту қаламкашӣ ману дунёро,
Пурдарду алам кашӣ ману дарёро.
Гар зуд бубастам зи ҷаҳон рахти сафар,
З-он аст, ки хуш гирифтаам уқборо.

Ё раб, ту қаламкашӣ маро дар се ҷаҳон,
Андар фалаку рӯйи замину таҳи он.

Садсолӣ агар умр кашам дар се ҷой,
Бе ту набувад як нафасам, нағз бидон.

Ё раб, ту қаламкашӣ, қалам нағз кашӣ,
Бас пухтаву фаҳмидаву бомағз кашӣ.
Бар фазли туам шаке набошад ҳаргиз
Бисёр, чаро, касони бе мағз кашӣ?!

Ман давраи Шӯравӣ ба ҷон ёд кунам,
Бо сӯзу гудози бекарон ёд кунам.
Ӯ рафту бибурд ҳамраҳаш ҷони ҷаҳон,
Ман ҷони ҷавонмарги ҷаҳон ёд кунам.

Ман давраи Шӯравӣ ба ҷон ёд кунам,
Шӯро гӯям ҳамеша фарёд кунам.
Хоҳам ки шавад даҳр мисоли Шӯро,
Сар аз тани худ агарчи барбод кунам.

Серии замони Шӯравӣ ёд кунам,
Ин ҷони ҳазин ба ёди он шод кунам.
Даҳ сол пасаш сер надидам мардум,
Ман кишвари дил чи гуна обод кунам?

Ёрест маро, ки рост гӯяд ҳама умр,
Шаҳроҳи ҳаёт рост пӯяд ҳама умр.
Кас, лек нагуфт ростгӯяш ҳама умр,
Кас, лек нахонд ростпӯяш ҳама умр.

Дар хоки Ватан Ватан фаромӯшаш кард,
Аз ибни Ватан Ватан сабукдӯшаш кард.
Чун сарви равон равон бишуд хоки дигар,
Андеша накард аз даму захми табар.

Чун сарви равон равоние пешаи ӯ,
Бе решаву бе ҳамеша андешаи ӯ,
Охир ки зи боди зиндагӣ шуд каҷу ваҷ,
Охир ки зи бори бандагӣ шуд ваҷу каҷ.

Монанди алиф, ки пур алифӣ мекард,
Мерафт зи хешу пур касифӣ мекард.
Медид касон, вале намедид худаш,
Медид ҷаҳон, вале намедид ҳадаш.

Дурӯяву серӯя чи, даҳруя бишуд,
Чун як зани фоҳиша чи садрӯя бишуд.
Аз даст бидод оби рӯ дар ҳама ҷо,
Аз шаст фитод мӯ ба мӯ дар ҳама ҷо.

Донанд ҳама, ки ман киро мегӯям,
Аз марги кадом зиндаҷон мегӯям.
Афсонаи хосу ом гаштаст, дареғ,
Бегонаи хосу ом гаштаст, дареғ.

Ман бахт ба даври Шӯравӣ ёфтаам,
Ҳам тахт ба даври Шӯравӣ ёфтаам.
Имрӯз намондааст не бахту на тахт,
Имрӯз бимондааст як ҷони карахт.

Ман нолам агар зи Шӯравӣ, кӯр шавам,
Савдоию девонаи манфур шавам.
Ман чашми басар зи Шӯравӣ ёфтаам,
Ҳам илму ҳунар зи Шӯравӣ ёфтаам.

Даҳ соли пас аз Шӯро бемор манам,
Бечораву хаставу дилафгор манам.
Он кайфу сафо чу хоби ширин ҳама рафт,
Бо ҳамҳамаҳо омаду бо дамдама рафт.

Хоҳам чу камунист мубарро бошам,
На муслиме олудаву расво бошам.
Дар зоти шарифи хеш якто камунист,
Дар зоти шарифи хеш воло камунист.

Гарчи мегӯянд дар даври фалак
Ҳеҷ чи бе аввалу анҷом нест,

Саҳв ин ҷо, дӯстонам, рафтааст,
Тоҷикистони маро анҷом нест.

Ман ҳалқа ба гӯши худ кунам хоҳиши дӯст,
Ҳамвора ба ҳуши худ кунам хоҳиши дӯст.
Сар бозаму сар напечам аз хоҳиши дӯст,
Зеро чу аҷал битарсам аз коҳиши дӯст.

Наврӯз шуду зиндагӣ монанди чаман шуд,
Пурнакҳату пурлола ҷаҳон чун дили ман шуд.
Овоз баромад зи хасу хори таги по,
Э, войи касе дур аз оғӯши Ватан шуд.

Модар, модар, маро чу зодӣ, модар,
Доди ҳама додҳо бидодӣ, модар.
Сад бор агарчи вақти зодан мурдӣ,
Бар марг чу зиндагӣ ту тан наспурдӣ.

Шафтолу базеб, гули шафтолу базеб,
Моро куштай духтараки Боғи Ҳабиб.
Ин Боғи Ҳабиб дар ҷаҳон машҳурай
Бо дилбаракони шӯху барнову наҷиб.

Модар, модар, туро надорам, модар,
Бе ту набувад ба ҷон мадорам, модар.
Аз дур даме, ки ман ба худ менигарам,
Монанд ба як санги мазорам, модар.

Ман хоки Ватан ба ҳеҷ рӯ нафрӯшам,
Дарди дилу ҷон ба ҳарзагӯ нафрӯшам.
Гар дар чаманам гули ҳисобӣ бошад,
Бебӯй гуле ба ҳеҷ бӯ нафрӯшам.

Дуде, ки ҳамеша пеши дидори ман аст,
Оҳи дили ҳамдиёри ғамдори ман аст.
Сӯзаш ба ҳаво печаду фарёд занад:
Берун зи Ватан ҳамнафаси хори ман аст.

Шаҳре, ҳама дам ҳавои он пурдуд аст,
Бар чашми касон латофаташ нобуд аст.
Монанд ба инсони ҷамилест, ки ӯ
Дорад ҳама чӣ, валек бемақсуд аст.

Ин марги сафеди ҳосили барги сиёҳ,
Бас умри ҷавони бехирад кард табоҳ.
Рӯзе бирасад, мабод, то чархи барин,
Берун биравад ба амри ин наҳс зи роҳ.

Паррандачае ба рӯйи раҳ сарсон буд,
Ошуфтадилу зиёд саргардон буд:
Аз ақл бипурсед сабаб, мегӯяд:
Аз гум шудани лонаи худ нолон буд.

Тоҷик, аз ин чӯҷа биё, ибрат гир,
Дар дарбадарӣ хору ночор намир.
З-он кас, ки туро дарбадару сарсон кард,
Қасдат ба ҳунар, ба донишу фазл бигир!

Аз дағдаву валвала кас сер нашуд,
Рӯбоҳ ба фитна ҳеҷ гаҳ шер нашуд.
Искандари машҳур ҷавон мурду бирафт,
Сад дағдааш ба марг тадбир нашуд.

Моҳӣ, ки зи сар ҳамеша пӯсад, аҷаб аст,
Хурмо ҳама дам зи реша пӯсад, аҷаб аст.
Бе об, ки оби рӯ бувад, ҳайфи ҳаёт,
Кас нанги чунин касон бибӯсад, аҷаб аст.

Аз ҷон бигузар, зи хеш ҳаргиз, ҳаргиз,
Худ ҷамъ бубин, пареш ҳаргиз, ҳаргиз.
Дар даҳр бадину оину имон бош,
З-ин ҳарду набуда неш ҳаргиз, ҳаргиз.

Дар хонаи ту китоб набвад ҳаргиз,
Лутфу караму савоб набвад ҳаргиз.

Дар хонаи ту шароб бисёр мудом,
Аз умр ки сарҳисоб набвад ҳаргиз.

Дуде, ки ҳамеша пеши дидори ман аст,
Оҳи дили ҳамдиёри ғамдори ман аст.
Сӯзаш ба ҳаво печаду фарёд занад:
Берун зи Ватан ҳамнафаси хори ман аст.

Роғун, Роғун, шабеҳи дилдори манӣ,
Пурнозу адо гашта ба озори манӣ.
Бо он ҳама нозу ишваю афту дарафт,
Медон, ки ту дар никоҳи ман, ёри манӣ.

Зулмат, бигурез аз нафаси оташи дил,
Рӯшан бинигар бар ҳаваси дилкаши дил.
Ман сар ба сари Вахш ниҳам хонаи нур,
Бо гармии ҷону тафси бебаркаши дил.

Дар кишвари ҷон дилбари дилсӯз надидем,
Дар рӯйи ҷаҳон ҷойи дилафрӯз надидем.
Дунболи шабу рӯз шабу рӯз давидем,
Бигзашт баҳори дилу Наврӯз надидем.

Аз нолаи най хоби шабам рафт зи сар,
Бо нолаи най тобу табам рафт зи сар.
То ҳуш шудам, гӯш шудам, зинда шудам,
Он мояи байту тарабам рафт зи сар.

Умре ба қазо дар садади афту дарафтем,
Дар пойгаҳи шӯҳра ба ҳар ранг ба тафтем.
Аз шохи дарахти зиндагӣ об шуда,
Ғофил, ки чунон барфи баҳорон ҳама афтем.

Маҳтоби шаби баҳор хуш мегузарад,
Чун дилбари майгусор хуш мегузарад.
Маҳтоби шаби ду ёр дар гӯшаи боғ,
Бо бӯсаву бо канор хуш мегузарад.

Ту умри дарози нек фарзанд бидон,
Не ҷоҳу ҷалолу тахту тоҷи гузарон.
Ояд ба сарам агар туро се[1] фарзанд,
Дарёб, ки будаӣ ту хушбахти ҷаҳон.

Дилам бигрифт аз ёрони нонӣ,
Бихандидам ба ёрони забонӣ.
Вале, ёрони ҷонӣ, дар куҷоед,
Шуморо ёд кардам ман фалонӣ?

Занеро, ки набошад ақлу одоб,
Аз ӯ фарзанди хушхислат наояд.
Набошад шубҳае, фарзанд ағлаб
Ҷаҳони модари худро намояд.

Гаҳе чун баҳр туғён мекунӣ, дил,
Батамкин гоҳ монанди заминӣ.
Гаҳе нафрин кунад аз диданат кас,
Гаҳе ту аз ду олам нозанинӣ.

Чароғе чун дили афсурда дорам,
Дили аз ин ҷаҳон озурда дорам.
Чароғам хонаро равшан насозад,
Магар ҷонро чароғи хона дорам?

Фиғонам хоби чашми ҷон паронад,
Дигар дар чашми ман шаб шаб намонад.
Киро куштам, маро кӣ кушт, ё раб,
Дар ин олам ба ҷуз ту кас надонад.

Саропо дарди дармоннопазирам,
Напиндорӣ зи ҷонам лек серам.
Наояд то ба ҳам дунёи тоҷик
Ба зери чархи гардун ман намирам.

---

[1] Се фарзанд, яъне боғи ба самар расонда, иншо ё эҷоди фитрӣ ва фарзанди ҷисмонӣ.

Дили ман равшан аз дидори ёр аст,
Ки дидоре чунинам навбаҳор аст.
Дилам ганҷинаи меҳру садоқат,
Набошад гар ҳамин, дил бар чи кор аст.

Саропои вуҷудам банди ҳастӣ,
Ки аз мастӣ надорам рӯ ба пастӣ.
Ҳаёти одамӣ бебозгашт аст,
Чу тире аз камон ҷастӣ, ки ҷастӣ.

Зи масҷид сели мардум мебарояд,
Ба афзун хонаву дар медарояд.
Қазоват кун, зи сели кӯҳсорон
Ба ҷону дидаи инсон чи ояд.

Замон ӯро гадои дар ба дар кард,
Ки вақте Ҳотами Тойи замон буд.
Ба яғмо бурд яксар молу ҳолаш,
Хирадманде агарчи дар миён буд.

Ҳар он чизе шавад бисёр, – гӯянд, –
Ба чашми аҳли олам хор гардад.
Зи такрори намоишҳои тоҷик
Худоё, мағзи кас бемор гардад.

Намеорад дарахти бесамар бар,
Агарчӣ, боғбоно, сахт кӯшӣ,
Мадеҳ ҷони ниҳолу ҷони худ ранҷ,
Агар боадлу инсофу баҳӯшӣ.

Машав тарсу, ки тарсу дил надорад,
Дарахте бошад он, ҳосил надорад.
Ба ба тарсу мерасад ҳар тири дайду,
Ки ҳатто саг ба тарсу ҳамла орад.

Хазони зери по шуд зери борон,
Фалак ин мурдаро ҳам шустушӯ дошт.
Замин дар худ намурд аз мурдани тифл,
Ба навзоиш меҳри хеш хӯ дошт.

Ҳавои барфу борон дорад ин дил,
Заминашро зи нав шодоб хоҳад.
Зи хушкӣ баски ҷон бар лаб расида,
Дигар аз зиндагӣ ӯ об хоҳад.

Ситоразори шаб файзи замин аст,
Ки ғофил монда мардум, рафта боло.
Бубин, чашмакзанон аз он баландӣ
Намояд ҳоли зори мо тамошо.

Ҳазорон хонадон бе партави барқ,
Ҳазорони дигар дар нури он ғарқ.
Худоё, аз каромотат бигардам,
Гузашт ин аз ҳама афсонаи Шарқ.

Ба гиря омадӣ олам, ки яъне
Надорӣ майли дидан ин ҷаҳонро.
Ба ханда меравӣ аз он, ба ханда,
Ки, яъне, хоҳӣ он сӯ дигаронро.

Бародар бо бародар дӯст набвад,
Ҷаҳон доғе чунин бисёр дорад.
Зи оғози ҳаёт арвоҳи Қобил
Зи Ҳобил нолаҳои зор дорад.

Ҳавои беғубор ояд, ки н-ояд,
Ба дил сабру қарор ояд, ки н-ояд.
Ҳаво сарду нафас сарду ҳавас сард,
Зи уммеди шарор ояд, ки н-ояд.

Дилам бар ҳоли он дилдор сӯзад,
Ки дил дорад, надорад лек дилдор.
Ба монанди ҳамон лаълест нодир,
Баҳозебаш намеёбад харидор.

Фазои шаҳр асири чангу бод аст,
Зи ҳоле ин чунин мардум ба дод аст.
Раҳо ёбад, яқин, шаҳр аз касофат,
Вале доғаш ба дилҳо умрбод аст.

Заминларза таманно мекунӣ ту,
Ки хоби ғафлати баъзе паронад.
Заминларза, вале, андеша кардӣ,
Куҷо мардум ва номардум, чи донад.

Ба хоки худ шарар дорад на ҳар дил,
Ки ҷони сарди ёрон гарм созад.
Ба гумроҳон бубахшад рӯшноӣ,
Ҳазину мустамандонро навозад.

Ҷамолат равшанибахши дили ман,
Висолат аз ҳаётам ҳосили ман.
Дар ин олам намебудӣ агар ту,
Намешуд одамӣ ҳаргиз гили ман.

Замона бар замин зад дилбаронро,
К-аз онҳо дур афканд ошиқонро.
«Ғарибафтода ҳукми мурда дорад»,
Фалак кай мекунад андеша онро.

Ниҳон аз дида маҳтобе бидонам,
Ки равшан мекунад ҳар буду нобуд.
Чунин маҳтоб бошад пок виҷдон,
Ки ҳар кас парварад дар хеш лобуд.

Хазони зери по парвоз дорад,
Ба ҳар сӯ мезанад сар бехудона.
Чу муздури ғариби Тоҷикистон,
Ки ҷон аз марги ноҳақ мераҳонад.

Ҳаво дилгир ҳамчун рӯи дилгир,
Нигоҳаш одамиро мекунад пир.
Ҳар он чи ҷавҳари нопок дорад,
Тамошояш ба ҷонат мезанад тир.

Надорад хуш замон марди таносой,
Дарахте шав пур аз бар, реша дар ҷой.
Ба ҳар сӯ шоху барги худ бигустар,
Ба боли субҳи фардоят биёсой.

Суруди субҳи нав дилро гудозад,
Ки ҷони дилфигоронро навозад.
Расад рӯзе, аз ин ҷамъи парешон
Ба завқи нав ҷаҳони нав бисозад.

Саломи хуш каломи хуш бизояд,
Каломи хуш давои ранҷ ояд.
Дар ин дунёи пурасрор дидам,
Забони хуш беҳ аз ҳар ганҷ ояд.

Аё Суғдо, аё эй Қасри Арбоб,
Ки ҷони Тоҷикистони навинӣ,
Ту тоҷикро дуо додӣ ба парвоз,
Ба олам ҳеҷ гаҳ хорӣ набинӣ.

Аё Суғдо, аё эй Қасри Арбоб,
Туӣ истораи нав дар самовот.
Дурахшон ҳамчу чашму ҷони тоҷик,
Пур аз базми фаришта, бе муҳобот.

Бикун, эй дил, тавофи Қасри Арбоб,
Савобаш баҳри ҳар кас беназир аст.
Ба чашми худ бубин, эҳёи тоҷик
Зи чун Қасре наҷибу дилпазир аст!

Зи кизби бедиёнат мезанад дил,
Зи макри пурхиёнат мезанад дил.
Ҳақиқат бишнавад, аз шавқ мирад,
Бубинад гар ҷаҳолат, мезанад дил.

Дили ман бедаво ранҷур гашта,
Ки тоҷик аз диёраш дур гашта.
Хаёлам, заррае таскин биёбад,
Чу бадхоҳаш, бубинад кӯр гашта.

Ба Суғди бостон сад офарин бод,
Ки Қасре ин чунин тоҷикро дод.
Агар аз боду борон кӯҳна гардад,
Бимонад хизматаш ҷовид дар ёд.

Зи ҷонат дур кун ҳар ҳою ҳуро,
Тариқат дон тариқи ҷустуҷӯро.
Зи нури офтобу маҳ биёмӯз
Фурӯ рафтан ба умқи чоҳу ҷӯро.

Ба симо дил мадеҳ ҳаргиз дил, эй дил,
Ки онро сирате дигар ниҳон аст.
Зи сурат то ба сират он чунонест,
Ки фарқи ин замину осмон аст.

Дили ҳангомаҷӯ ҷавҳар надорад,
Ки ҳамчун кирмаки шабтоб тобад.
Дили беорзу дилбар надорад,
Ки роҳи бахту иқболаш биёбад.

Ҳаёҳу ҳар қадар бисёр гардад,
Ҳақиқат дар таҳи он хор гардад.
Барорад по чу иблиси ҳаёҳу,
Зи дунё ҷони ҳақ безор гардад.

Ватан ғарқида дар тӯю тамошо,
Касе бо ақли худ, ҳушёр набвад.
Равад гар мулк бар коми наҳанге,
Диле, ҷоне, тане зинҳор набвад.

Биё, бигзаштагонро ёд орем,
Ба некиву сипосу арҷмандӣ.
Ки аз онҳо бувад моро ба гетӣ,
Миёни сарбаландон сарбаландӣ.

Заминларза балои ногаҳонист,
Ҳаросу ваҳм аз ӯ ҷовидонист.
Заминларза, ба мисли ларзаи дил,
Зи берабтӣ дар ину он нишонест.

Накӯномон ҷаҳонро зинда карданд,
Дар олам номи худ поянда карданд.
Агар чанде ба ҷон аз ҷон гузаштанд,
Ба худ ояндагонро банда карданд.

Дилам шоду, дилам шоду, дилам шод,
Ки модар ҳамчу инсон мукбилам зод.
Табиат на ба зорӣ, на ба зӯрӣ –
Зи касби дидаву дил ҳосилам дод.

На ҳар боди хуше бошад баҳорон,
На ҳар як дастаи гул – лолазорон.
Дар ин дунё, ки умре ҳуққабоз аст,
На ҳар касро, ки бинӣ, ҳаст инсон.

Муҳаббат бар Ватан оини ман шуд,
Вафо бар меҳри зан оини ман шуд.
Намедонам чи созам бо дили худ,
Намозе бар чаман оини ман шуд.

Зи байни шӯху шах дарё равон аст,
Равон аз роҳи бераҳ ҷовидон аст.
Намурда, мерасад охир ба манзил,
Баномӯс аст, зеро, сахтҷон аст.

Яке лофу газофе дорад афзун,
Ба моли худ касонро дорад афсун.
Яке виҷдону сидқу ростиро
Бидонад бартар аз сад ганҷи Қорун.

Ҳаво хушку ҳаво тору ҳаво сард,
Ҳаво дилгир ҳамчун рӯи номард.
Ҳаво хуш мешавад рӯзе, валекин
Кӣ дида хислати некӯи номард?

Ба олам ҷуз накӯкорӣ намонад,
Ба ёрон ҷуз вафодорӣ намонад.
Накӯӣ гарчи бисёр аст, бисёр,
Накӯиро накӯдорӣ бимонад.

Муҳаббат, дарбадар кардӣ маро ту,
Тағофул, хоки дар кардӣ маро ту.
Ба подоши ҳазорон бор мурдан,
Садоқат, тоҷи сар кардӣ маро ту.

Дар ин дунё на бад монад, на бадкор,
На бадному на бадгавҳар, на мурдор.
Дар ин дунёи фонӣ ҷовидона
Накӯӣ монаду номи накӯкор.

Баҳор асту саропо орзуям,
Ба мисли майса дар нашву намӯям.
Магардон, офтоби зиндагонӣ,
Шуоят дар баҳорон кам зи рӯям.

Баҳор асту саропо ошиқам ман,
Ба кӯҳу дашту саҳро ошиқам ман.
Ба ҳусни навбаҳорони гулафшон,
Чу Маҷнуне ба Лайло ошиқам ман.

Баҳору лаб-лаби дарё ману ёр,
Ба дарди мо дили дарё гирифтор.
Чу Маҷнуни биёбонгард дарё
Суруди ишқ мехонад ба такрор.

Баҳор асту ману гулгашти Ҳофиз,
Душанберо ба каф зарташти Ҳофиз.
Хаёламро чунон гулҳо хуш ояд,
Ки бошам гӯиё ҳамгашти Ҳофиз.

Баҳор асту шақоиқҳо дамида,
Гулу булбул ба ҷони нав тапида.
Мабодо, бишканад шохи ҷавонмард,
Миёни раҳ ба мақсад норасида.

Баҳор асту ба саҳро мекашад дил,
Чу Маҷнун сӯйи саҳро мекашад дил.
Бубинад то баҳори зиндагонӣ,
Тавофи рӯйи дунё мекашад дил.

Баҳор асту дило, бекина бошӣ,
Баҳористони мулки сина бошӣ.
Ҷаҳони будаву нобудаамро
Барои дӯстон оина бошӣ.

Лаъли ноб аз офтоб ояд бурун,
В-ин садаф аз моҳтоб ояд бурун.
Офтобу моҳтобу ину он,
Аз дили бедорхоб ояд бурун.

Бар замин яксон бигардад хонае,
Дил маро дар сина вайрон мешавад:
Боз як бечора чун мурғи ғариб,
Дар суроғи лона сарсон мешавад.

Мераҳонӣ, эй ки ҷон аз дарду ранҷ,
Шаҳди ноёби ҷаҳон нӯшат шавад.
Он ҳама дашноми пурсӯзи мариз,
Ҳамчу хоби шаб фаромӯшат шавад.

Худоё, пирмардон пиртар кун,
Ҷавони шерзода шертар кун,
Ба рӯбаҳ то намонад дар замин ҷой,
Ту ҳар тадбири худ тадбиртар кун.

Мазори бешафоат он касе дон,
Ки ӯ ҳаргиз ба кас некӣ накарда.
Агарчи зинда асту меканад ҷон,
Барои дӯстон кайҳост мурда.

Замини Тоҷикистон гармхез аст,
Ҳавои Тоҷикистон нармбез аст.
Гили тоҷик аз ин ду офариданд,
Ки бо ҷону тани худ дар ситез аст.

Биё, бо барфу боронҳо бисозем,
Пайи боду ҳавои хуш натозем.
Биё, дар худ чунон ҷоне бисозем,
Нагӯяд то ки кас мо ҳуққабозем.

Ба ҷуз яздон маро ҳамдам набошад,
Ба дарди синаам марҳам набошад.
Шарики лаҳзаи шодӣ фаровон,
Аниси ғам дар ин олам набошад.

Зи равзан хонаро чумчуқ даромад,
Дигар гум кард ӯ роҳи баромад.
Нафаҳмидам чу ҳарфи ҷивҷивашро,
Сулаймони забондон ёдам омад.

Ба ҷон аз абри қаҳтӣ сел борид,
Зи чашму рӯш ашки ғусса шорид.
Вале дил, ин дили саркаш наваҳмид,
Ба аҳволи ду Ҷайҳун талх хандид.

Насиҳатгар насиҳат карду бигзашт,
Насиҳатношунав рам хӯрду бигзашт.
Касе ҳамвора даъвии замин кард,
Тани худ бар замин биспурду бигзашт.

Зи ҳою ҳу замин корам нагардад,
Ки бе оби ҷабин корам нагардад.
Тани афсурда аз сад куф-суфи ту,
Наояд бар худу бардам нагардад.

Падар гуфто: Писар, кам ҳою ҳу кун,
Ту аввал хеш дар худ ҷустуҷӯ кун.
Нахоҳӣ гар шавӣ расвои олам,
Рамузу кор бо дил гуфтугӯ кун.

Зи шавқу завқи олам бе насиб аст,
Намефаҳмад дили худро қариб аст.
Насибашро ба яғмо бурда дуздаш,
Дар ин дунёи бепоён ғариб аст.

Зи ҳою ҳу бишуд бедор ин дил,
Чу он масте, ки шуд ҳушёр, ин дил.
Магар ин ҳою ҳуҳо рост бошад?
Зи худ пурсад ҳазорон бор ин дил.

Шароби дилкушо хоҳад дили ман,
Чи нозе бериё хоҳад дили ман.
Ба некон бахти неку ризқи вофир,
Аз ин ҷо то само хоҳад дили ман.

Садои най ба гӯш омад зи дурӣ,
Ба дил ҷӯшу хурӯш омад зи дурӣ.
Зи ҷон пурсид ҷисми дар тааҷҷуб,
– Чӣ дар дунё ба ҷӯш омад зи дурӣ?

Зи қисмат то ба кай нолӣ, дил, эй дил?
Ба ҳам каф то ба кай молӣ, дил, эй дил?
Хирадро кор фармо, хез аз хоб,
Агар хоҳони иқболӣ, дил, эй дил.

Ҳавои баъди борон хуш ҳавое,
Чу ӯ набвад ғами дилро давое.
Дар ин як дам шудам ҳамсӯҳбати дил,
Бигуфто: ҳай рафиқи бевафое.

Зи як Наврӯз то Наврӯзи дигар,
Шавад моро агарчи умр камтар,
Вале як ҷуръаи ҷоми висолаш
Ҳаёти ҷовидон бахшад муқаррар.

Диле дорам, дили девона дорам,
Ба сина гӯиё ғамхона дорам.
Диле дорам, чунон ҳам пора-пора,
Намедонам, ки дил дорам, надорам.

Туро гӯям дил, эй дил, камсухан бош,
Шарики сӯзу сози марду зан бош.
Ба ёди ҳар чи бошӣ, бош аммо,
Ҳаводори Ватан монанди ман бош.

Басе мардум, ки моҳир базлагӯянд,
Суханпардозу наттоқи накӯянд.
Шакар борад ҳамеша аз даҳоншон,
Вале чун бингарӣ некӯ – дурӯянд.

Зи дурӣ аз Ватан дилгир гаштам,
Ба пойи шавқи худ занҷир гаштам.
Ҷавон ҳарчанд монанди ҷаҳонам,
Ба мисли зиндагонӣ пир гаштам.

Ба ҷуз ҳарфи Ватан раҳбар надорам,
Ба ҷуз меҳри Ватан меҳвар надорам.
Бубинам гарчи садҳо мулку меҳан,
Ман аз мулки падар дил барнадорам.

Ҳай дилангезу хушу зебост шаб,
Боҳаё чун дилбари барност шаб.
Кош, бошад чун шаби ман нозанин,
Ҳар куҷое хони худ орост шаб.

Ниҳоли нури дониш бехазон аст,
Наку парварданаш роҳатрасон аст.
Ҳар он ки бар хӯрад аз шохаи он,
Ҳаёташ дар ду олам ҷовидон аст.

Ёрон, ёрон, зи бода мастӣ накунед,
Бо нокасу кас бодапарастӣ накунед.
Чун баргузарад, ба кӯи мастӣ бубарад,
Аз авҷ фитодае ба пастӣ накунед.

Эй ки нисфи шаҳр дар чанголи туст,
Ҳар дуконе медарой̣, моли туст,
Шиква аз бечорагӣ афзун кунӣ,
Ту най̣ зинда, чуноне ҳоли туст.

Баҳор асту дили ошуфтаи ман
Фаровон қиссаи ногуфта дорад.
Дари дилро ба рӯйи кӣ кушоям,
Ки дунё бас каси носуфта дорад?

Баҳор асту хазон бинам замонро,
Хазон бинам ҷамоли бӯстонро.
Чу дарё аз хазонӣ дар амон нест,
Чи сон бинам баҳори одамонро?

Баҳор асту барам сабзина омад,
Ҳамон сабзинаи дерина омад.
Ба рангу рӯйи тоза, бӯйи тоза,
Бари Одинааш одина омад.

Ғазалҳои равон дорад дили ман,
Ҷаҳони гулфишон дорад дили ман.
Ғаму дардаш ба назди нокасу кас,
Нанолад, то ки ҷон дорад дили ман.

Баҳор асту ба ёди он намурдам,
Хаёлаш ҳар куҷо бо худ бибурдам.
Бигуфтам гар ду-се байти баҳорӣ,
Зи халқ оварда бар халқаш супурдам.

Ҳар чи ояд аз само, дорам қабул,
Ҳар чи ояд аз қазо, дорам қабул.
Хуш надорам амру фармоне, ки он
Мекунад хонандаи худро малӯл.

Муборак, равшанӣ дар манзилат, дил,
Яке мушкилкушои мушкилат, дил.
Ба синну соли пайғамбар расидӣ,
Дигар, бахшо ба мардум ҳосилат, дил.

Ҳавои ишқи ӯ дорад дили ман,
Зи рӯйи ӯст равшан манзили ман.
Худовандо, биё аз нав биомез
Ба амри Ҳақ гили ӯ бо гили ман.

Ҳавои лолазоре мекашад дил,
Канори чашмасоре мекашад дил.
Аз ин чангу ғубори беканора
Ба сӯйи бекаторе мекашад дил.

Яке кори накӯ беморбинист,
Дигар кори накӯ бедорбинист.
Дили бемору бедори ҳабибон
Накӯтар аз ҳама бисёрбинист.

Ҳавои шаҳр пурдуду сиёҳ аст,
Ба монанди либоси мотамиён.
Таги ин чодари дилгир бинӣ
Такутози ҷигарсӯзи ғарибон.

«Ватандоро, ватандорӣ биомӯз»,
Нагардӣ хор то, хорӣ биомӯз.
Агар хоҳӣ ба олам шӯҳрату шон,
Ба ҷони хеш бедорӣ биомӯз.

Ватан сарчашмаи оби зулол аст,
Ватан бахшандаи ҳусну ҷамол аст.
Ватан болу пари парвози инсон
Ба паҳноҳои дуру безавол аст.

Хазонрезу хазони шоха мерезад,
Шамолак бар машомат атр мебезад.
Худовандо, макун васвос ин банда,
Ки ҷонаш бо ҳазоронсола омезад.

Садойи най ба гӯш ояд зи дурӣ,
Шаби тори дилат равшан кунад он.
Нигоҳатро барад гоҳе ба саҳро,
Гаҳе бар кӯҳсору чашмасорон.

Само монанди полизи расида,
Шаби торик зебо медурахшад.
Вале кай бар машомат сад ситора
Чу як зомуча бӯйи хуш бубахшад?!

Чароғи шомафрӯзи ману мо
Дили озоду бедори ману мост.
Суботи бешикасти мо дар олам
Ками пайванди бисёри ману мост.

Баҳорон боз шайдо мешавад дил,
Суроғи дашту саҳро мешавад дил.
Агар гум гашта буд дар худ замоне,
Зи ғайби хеш пайдо мешавад дил.

Накӯномӣ на аз номи накӯяст,
Ки номи нек ними орзӯяст.
Бидидам гулрухони девсират,
Фақеҳи беадаб беобрӯяст.

Ҷавонони баимон, зинда бошед,
Чу имон дар дилу ҷон зинда бошед.
Ҷаҳон бо фазли пирон навҷавон шуд,
Шумо чун фазли пирон зинда бошед.

Мусулмонон худиро хор доранд,
Ба бегона вале ҷон месуполанд.
Касоне як даме з-ин ҷо гузаштанд,
Зи садҳо мулкдорон номдоранд.

Мусулмон худкуши бегонапарвар,
Ки садҳо сол шуд дар зери чодар.
Намеояд бурун, то ки бубинад
Ҳақиқатро ҳаме бо чашми дигар.

Баҳори тоза дорад кишвари ман,
Баланд овоза дорад кишвари ман.
Агарчи зери абри ҳою ҳӯҳо,
Кафи дарюза дорад кишвари ман.

Баҳори тоза дорад кишвари ман,
Баланд овоза дорад кишвари ман.
Агарчанде ҳазорон ибни Хаттоб
Ниҳон дар кӯза дорад кишвари ман.

Ғаме дорам, ғами садсола дорам,
Ба гирди моҳи дил ман ҳола дорам.
Ба хоки ғайр то кай хок гардем
Зи посухаш ба лаб табхола дорам.

Куҷо рӯзе, ҳаю ҳуяш набошад?
Куҷо оби равон, ҷӯяш набошад?
Дилам хоҳад маконе, рӯзгоре,
Ки макру фанду ҷодуяш набошад.

Не чангу наю рубоб хоҳад мардум,
Не нуқлу маю шароб хоҳад мардум.
Аз неъмати оламӣ, бидидам ҷое,
То зинда бувад, китоб хоҳад мардум.

Доништалабон шитоб доранд басе,
То он ки ба каф китоб оранд басе.
Бе донишу бе китоб, зеро ҳамагон
Умре ба азоби бори оранд басе.

Боз саҳро мавҷ аз гул мезанад,
Боз дилбар гул ба кокул мезанад.
Чашмаро бин, чун дили лабрези ишқ,
Бо чи ҷӯш аз сина қул-қул мезанад.

Ҳадягиро, рӯҳ мебахшӣ ба кас,
Ҳар гаҳе лаб мекушоӣ бо ҳавас.
Хонаи дил рӯзи равшан мекунӣ,
Мужда – мужда мебарорӣ то нафас.

## ДУ РУБОӢ ДАР ЯК МАЪНӢ

Ин мол ҳама аҷаб гарон аст, Худо,
Дунёи ҳама сӯи хазон аст, Худо.
Мегуфт харидор ба сад сӯзу гудоз,
Аз охири умри мо нишон аст, Худо.

Дардо, ки тамоми мол арзон шудааст,
Бигрифтани ҳар чи ҳаст, осон шудааст.
Мегуфт фурӯшанда ба сад сӯзу гудоз,
Мо бехабарему умр поён шудааст.

## РАВШАНИИ ХОНА

Тифлро бин, тифли шӯху шангро,
Барқ мирад, доду афғон мекунад.
Хонаву дарро ба сар бардошта,
Оламеро нобасомон мекунад.

Сода ҳасту рӯйи дастони қавӣ,
Шӯру ғавғояш ҳама тифлона аст.
Аз куҷо донад, ки дар ин рӯзгор
Ӯ ягона равшании хона аст!

* * *

Дар дег шири барфгун,
Чун баҳр туғён мекунад.
Шамъи таги деги сиёҳ
Шабро фурӯзон мекунад.

* * *

Дар фасли дай пеш аз ҳама
Он қулла метобад сафед,
Дорад агар пур иртифоъ,
Бар чашм агар бошад падид.

Аз дида мемонад ниҳон
Сад қуллаи пурбортар,
Пинҳон ба пушти қуллаҳо
Дар худ фурӯ бошад агар.

* * *

Дар хонае пур аз касал,
Ҳатто пур аз оҳу фиғон.

Оҳу фиғон аз дарду ранҷ,
Аз дарду ранҷи ҷонситон.

Тифле ба дунё омада,
Рафт аз ҷаҳон бобои он.

Дар хонаи пур аз мағал,
Дар дил касеро не фараҳ,

Дар тан касеро не мадор,
Кӣ тифлро гирад бағал?

Гавҳора кӣ бандад варо?
Кӣ пирро такфин кунад?

Кӣ гиряд ӯро зор-зор?
Кӣ мебарад ӯро мазор?

* * *

Дар баҳорон қуллае аз барф бинӣ гар сафед,
Умри тӯлонӣ надорад ин чунин барфе, яқин.
Худнамоӣ мекунад ӯ, худнамоӣ, ҷони ман,
Зуд ё дер аст, охир мешавад нақши замин.

## ФАНДФУРӮШ

Испанд мефурӯшад,
Хурсанд мефурӯшад.
Гӯйӣ, кадом хас не –
Гулқанд мефурӯшад.

Хореву хас ба ҳар боб
Бо фанд мефурӯшад.
Аз қиматаш гаронтар
Даҳчанд мефурӯшад.

Ин марди пири фартут
Гар фанд мефурӯшад,
Дар ин диёр, пас, гӯй
Кӣ панд мефурӯшад?

## АФСӮС

Ҷойи дар мактаб сабақ омӯхтан,
Он ки мошиншӯ шавад имрӯз агар,
Бар ҳадар аз каф диҳад тифлии хеш,
Ин гуноҳи худ нашӯяд ӯ дигар!

## КИСТ МАН?

Ман, дасти ману пои ману ройи ман аст,
Ман, хуни ману ҷони ватанхоҳи ман аст.
Бе ёди Ватан ман набувам ман, ба Худо
Ман, рӯҳи зи набзи давр огоҳи ман аст.

Ман он набувам, ки дур гардам зи Ватан,
Гӯям зи муҳаббаташ ба такрор сухан.
Гар хоки Ватан ба хокам афзун накунам,
Ку меҳри ману сидқи ватандории ман?!

## ҒАЗАЛИ НОТАМОМ......

Шӯравӣ рафту ба олам шӯрапуштӣ монд аз ӯ,
Ваъдаҳои хушку холиву дуруштӣ монд аз ӯ.
Дар валодат гарчи зоташ росттар аз сарв буд,
Ин ғароибро нигаҳ кун, кӯзапуштӣ монд аз ӯ.
Сарнавишти нек будаш гарчи аз рӯзи азал,
Чаппагардон шуд сиришташ, хорпӯштӣ монд аз ӯ...

## ЭЙ БОД.....

Эй бод, ки меравӣ зи ғурбат ба Ватан,
Пайғоми маро расон ба он ширбадан.
То зинда бувад ёди ғарибӣ накунад,
Зеро бишавад дар ин ҷаҳон хор чу ман.

* * *

Ман шири ҳаво нӯшам,
Аз синаи гови зард.
Гове, ки бувад номаш
Хуршеди ҷаҳоногард.

Нӯшам, бишавам мадҳӯш,
То бишканад армонам.
Чун шир шавад испед
Бахти дилу виҷдонам.

## ҶАНОЗА

Ҳар ки мегуфташ, ба раҳ тунде марав,
Кор фармо ақли худ кунде машав.
Зиндагӣ як бор мегардад насиб,
Пас ба қадраш пеши саг мундӣ машав.
Зишт меомад ба чашми пирҳо,
Тундронӣ бистсола ҳар куҷо.
Муште оҳанпора шуд мошини ӯ,
Меравад ӯ худ ба хоки тар фурӯ.

* * *

Падар аз сар бирафтат, эй бародар,
Нарафтат мардумию мардӣ аз сар.
Падар хон хислати неку ҳамида,
Ки бинӣ тахту бахту умри чида.

* * *

Давлатат бисёр бодо, марди нек,
Рӯзият саршор бодо, марди нек.
Дар барат на пашшае, не душмане,
Дилбару дилдор бодо, марди нек.

* * *

Аз сӯзу аз созам касе
Дар зиндагӣ огаҳ нашуд.
Озурд агарчи дил басе,
Мурду даме гумраҳ нашуд.

Некон ба ҷон бардошт ӯ,
Бадро ҳама зад бар замин,
Пеши касе сар хам накард,
Озодагӣ, будаш чунин.

## КӢ?....

Кӣ нахустин лаҳзаҳои навбаҳорон дидааст?
Кӣ тапиданҳои набзи хокро бишнидааст?
Кӣ дамиданҳои сабза, ё шукуфтанҳои гул
Бомдодон мӯ ба мӯ наззораҳо бинмудааст?

Кӣ зи бӯйи зиндагибахши нафасҳои замин
Дидаву дил ҳамчу оина мусаффо кардааст?
Кӣ зи нав тавлид гардида дар ин дунёи пир,
Чун баҳорон, ҷумла мавҷудот эҳё кардааст?
Он ки чун дарё нахобад дар раҳаш,
Он ки дунёе накобад дар раҳаш.

* * *

Дар осмони абрӣ,
Хуршед ҳамчу нон аст.
Ноне, ки дар бузургӣ
Раҳтӯшаи ҷавон аст.

Дар осмони беабр,
Хуршед ҳамчу нон аст.
Ноне, ки дар бузургӣ
Бартар аз ин ҷаҳон аст.

* * *

Аз сари кӯҳ боз маҳ ҷар мешавад,
Боз маҳ мелағзад аз пеши назар.
Боз нарму нозанину дилфиреб,
Меравад аз чашм бар чашме дигар.

Боз ёре аз сари девори боғ,
Мехазад дуздона бо меҳру вафо.
Ҳеҷ кас ӯро намебинад, вале
Мурдадил бишнохт ин лаззат куҷо?!

## МАНЗАРА

Дар яке болину бистар,
Мезанад ду набз, бингар.
Он яке зан,
Дигаре шӯ.
Он яке маст аз шароби талхи гулгун,
В-он дигар бехуд аз ин сон мастии аз ақл берун.

Мефишонад он яке бӯйи гулоб,
Бӯйи модарзоди инсон.
Накҳати н-олудаи ҷон,
Мебарорад в-он дигар бӯйи шароб.

Дар яке болину бистар,
Мезанад ду набз, бингар.
Пушт гардонида амдан,
Он яке шӯ,
Дигаре зан.
Гарчи ҳар ду хуфта як ҷо,
Дур аз ҳам, чун ду дунё.

* * *

Дилам хоҳад чаманзори шукуфта,
Ки баргаш аз дили хандону зебост.
Дилам хоҳад суханҳои нагуфта,
Ки панди бебаҳои пири доност.

Дилам хоҳад чаманзоре чунин хуш
Даруни синаи пирон бубинам.
Суханҳое ба қадри дурри макнун
Зи лабҳои ҷавонмардон бичинам.

Ёрон, ёрон замонаро соз кунед,
Ислоҳи замон зи хеш оғоз кунед.
Зеро ки замон ҳам нафаси мову шумост,
Зеро ки ягона ҳаваси мову шумост.

* * *

Аз марг натарсидааму ҳеҷ натарсам
Тарсам зи касе ҳаст ба ҷон марги маро хост.

* * *

Эй, ки мепурсӣ маро аз ину он,
Ину он охир надорад, нағз дон.

* * *

Падар, ҷаннат шавад ҷоят, илоҳо,
Ки моро дар дилу дар дида ҷойӣ.
Ту тахту бахти мо будӣ ҳамеша,
Ҳамеша бо туему ту ба мойӣ.

* * *

Умр на он аст, ки бе сӯзи ишқ,
Сарфи раҳи айшу тараб мешавад.
Ханда на он аст, дилу бедилон
Лутфи атокардаи лаб мешавад.

Гар накунад пок ғубори диле,
Гар назанад аз дили бекина сар.
Гар надиҳад нуру сафо рӯҳу ҷон,
Ханда набошад, бикунедаш ҳазар.

## ҲАСРАТИ ЗАМИН

Маро вақте фаровон буд шолӣ,
Кунун хобам ба зери оби холӣ.
Куҷо шолӣ, куҷо он оби рӯям,
Ки ман зинда ба ёдаш то ба ҳолӣ?!

## ТЕЗГӮЯК

Шофири шоирон буд,
Шоири шофирон шуд.

## БА ҶУЗ ОҲАНПОРА

Доштам як вақт дандон,
Пора хӯрдан буд осон.

* * *

Ба дунё омадам бо дасти холӣ,
Зи дунё мебарам як дилкашолӣ.

* * *

Чу бумиён ба марги буми худ намегирянд,
Биё, мо Бомиён дида, ба ҳоли зори худ гирйем.

* * *

Бародар бо бародар ёр набвад,
Бародар, ин чунин даркор набвад.

* * *

Онон ки гуноҳи хеш бар дӣ бизананд,
Сад мушту лагад ба рӯйи мардӣ бизананд.

* * *

Қарсу қурси ин замон гӯши касон кар кардааст,
Додрасҳоро магар бедод музтар кардааст?!

# ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ

Одина Мирак 6-марти соли 1939 дар деҳаи Дегрези ноҳияи Мӯъминобод ба дунё омадааст.

Соли 1957 мактаби миёнаи деҳаи Сари майдон ва соли 1962 факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Се даъват, солҳои 1962-1965, 1972-1974, 1979-1983 дар давлати ҳамсоя ва дӯсти Афғонистон ба сифати тарҷумон кор карда, ба се нишони ҳукумати он мамлакат сарфароз гардидааст.

Корманди рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият»), муҳаррири нашриёти «Ирфон», мудири шӯъбаи «Адиб» будааст. Ҳоло муҳаррири пешбари нашриёти «Адиб» аст.

Маҷмӯаҳои ашъораш бо номҳои «Боздид» (1981), «Гули орзу» (1984), «Забони дил» (1988), «Шукуфаи ҳавас» (2000), «Гули нав» нашриёти «Ирфон» (2003) ба табъ расидаанд. Якчанд маҷмӯъа ва шеърҳои алоҳидаи намояндагони адабиёти Шарқу Ғарбро ба тоҷикӣ гардонидааст.

Узви иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон (1972), узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1988), Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон (1995) мебошад.

МУНДАРИҶА

Меҳрнома ........................................ 4
Нурнома ...................................... 143
Инсон… инсон ............................ 159
Мӯъминободнома......................... 217
Қасри миллат ............................... 243
Арзи садоқат ................................ 249
Рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, байт ....... 262

**Одина Мирак**

**ЧАШМАИ ОФТОБ**
*(маҷмӯъаи шеърҳо)*

Мусаввир У. Ашӯров
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова
Мусаҳҳеҳ З. Неъматова
Чопи компютерӣ Р. Муҳаммадиева
Сафҳабандии Р.Шералӣ

Ба матбаа 23.04.2008 супорида шуд. Чопаш 04.06.2008 ба имзо расид. Андозаи 84x108 1/32. Қоғази офсетӣ. Адади нашр 1000 нусха. Супориши № 49

Нашриёти «Адиб»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734018, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев, 218.